**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

АСОМУДДИНИ РАМАЗОНИ КАРИМЗОДА

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ
**(ДАР МАВОДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)**

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва
нархгузорӣ (менеҷмент)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.

**ДУШАНБЕ - 2024**

# МУНДАРИҶА


| | | Саҳ |
|---|---|---|
| | **МУҚАДДИМА..................................................................** | **4** |
| **БОБИ 1.** | **АСОСҲОИ ИЛМӢ-УСЛУБИИ ИДОРАКУНИИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ** | |
| **1.1.** | Ҷанбаҳои назариявии идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ....................... | **15** |
| **1.2.** | Хусусиятҳои идоракунии экологӣ - иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ......................................... | **33** |
| **1.3.** | Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти идоракунии экологӣ-иқтисодии захираҳои заминҳои кишоварзӣ.......... | **49** |
| **БОБИ 2.** | **АРЗЁБИИ ВАЗЪИ ЭКОЛОГӢ- ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРӢ** | |
| **2.1.** | Ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ......... | **65** |
| **2.2.** | Баҳодиҳии экологӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ................................. | **79** |
| **БОБИ 3.** | **САМТҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ** | |
| **3.1.** | Истифодаи комплексии механизмҳои кам кардани хавфи экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ........................ | **99** |
| **3.2.** | Самтҳои рушди механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираи заминҳои кишоварзӣ........ | **115** |
| **3.3.** | Ҷорисозии технологияи инноватсионӣ дар идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ......... | **134** |
| **ХУЛОСАҲО** ............................................................................................ | | **153** |
| **ТАВСИЯҲО ОИД БА НАТИҶАҲОИ АМАЛИИ ТАҲҚИҚОТ**.............. | | **154** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**....................................................................... | | **159** |
| **ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**...................... | | **181** |

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ФЗҶТ – Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон
МЗИКҚ – Майдони замини дар ихтиёри кишоварзӣ дошта
МЗАК – Майдони замини аҳамияти кишоварзӣ дошта
МЗКК – Майдони замини кишти кишоварзӣ
НТЗ – Нерӯҳои табиию захиравӣ
ҲҲИ – Ҳудуди ҳадди иҷозатдодашуда
ҲРУ – Ҳадафҳои рушди устувор
ПМО - Партови муваққатии обпарто
ХМК – Хоҷаги манзилӣ коммуналӣ
ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
ВХ – Вилояти Хатлон
КАС – Комплекси агросаноатӣ
АИО – Асоссиятсияи истифодабарандагони об
ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
СММ – Созмони Миллали Муттаҳид
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ИА – Иттиҳоди Аврупо
ФР – Федератсияи Россия
ЛС – Лоиҳаҳои сармоягузорӣ
НТҶ – Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ
ПИТ – Пешрафти илмию техникӣ
СМР – Стратегияи миллии рушд
СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо
ФА – Фондҳои асосӣ
ҶМЧ – Ҷумҳурии мардумии Чин
ХДФ – Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)
МИ (М) – Меъёри истеъмол (минималӣ)

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар раванди тағйирёбии иқлим ва гармшавии ҳавои атмосферӣ, обшавии пиряххо ва коҳиш ёфтани обҳо, таназзулёбии (деградатсияи) заминҳои кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, норасогии маҳсулоти озуқаворӣ ва истеъмоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза муҳиммияти хосро касб менамояд. Мубрамияти ин масъала бо истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин, таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини шуғли корӣ вобаста буда, такмили механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзиро тақозо менамояд. Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои мазкур яке аз вазифаҳои муҳими илми иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир тамоюли бадшавии ҳолати экологии захираҳои замин ба назар расида, ба паст шавии ҳосилнокӣ ва таназзулёбии заминҳои кишоварзӣ оварда расонидааст. Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 дар саросари ҷумҳурӣ дар 18956 гектар заминҳои обёришаванда кишт нашуда, зиёда аз 18283 гектар заминҳо бинобар сабаби шӯршавӣ ва бад шудани ҳолати мелиоративӣ аз гардиши кишоварзӣ берун баромадааст. Омили асосии бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, таназзулёбии онҳо ба шуршавӣ ва эрозияи заминҳои обёришаванда, кухна будани пойгоҳои обкашонӣ, корношоям будани 70 дар сади заҳбуру заҳкашҳои, байнихоҷагию дохилихоҷагӣ, фарсуда будани иншоотҳои гидротехникӣ алоқамандӣ доранд.

Вобаста ба ин, мушкилоти соҳаи иқтисодӣ бо муммоҳои экологӣ дар самти истифодаи захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани агроландшафтҳо ва экосистемаи табиӣ алоқаманд буда, тайи ду даҳсолаи охир, махсусан дар

давраи гузаштан ба шароити нави хоҷагидорӣ, ин вазъият боз ҳам печидатару душвор шудааст. Мушкилоти асосӣ дар самти бад шудани ҳолати экологии заминҳо ва зиёд шудани заминҳои таназзулёфта дар нокифоя будани ҳаҷми маблағҳо барои таҷдиди системаҳои обёрӣ ва татбиқи мелиоративӣ, гарон будани арзиши нуриҳои органикӣ ва минералӣ, номукаммалии механизми идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, таъсири манфии пандемия (COVID-19) ва ноустувории сиёсӣ дар ҷаҳон ба буҳрони молиявӣ оварда расонид, ки дар натиҷа болоравии нархи маҳсулоти нафтӣ ва сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ ва органикӣ ба амал омад ва норасогии инҳо боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ гардида, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро коҳиш медиҳад. Ин рақаму далелҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ бояд роҳу равиши нави истифодабарӣ ва механизмҳои самараноки идоракунии он кор карда баромада шавад. Ин ва дигар омилҳои овардашуда боз ҳам аз мубрамият ва зарурияти мавзӯи тадқиқотии интихобнамудаи мо шаҳодат медиҳад.

Вобаста ба ин, дар самти асосии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ бояд роҳандозӣ аз технологияи инноватсионӣ дар амал татбиқ шуда, компютеркунонии раванди истеҳсолоти кишоварзӣ ба роҳ монда шавад, зеро ин омилҳо боиси баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ гардида, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва рушди устувори онро таъмин менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи самаранок истифода бурдани захираҳои замин таърихи тулонӣ дошта, то ба имрӯз самтҳои истифодабарии он аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёде мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳатто дар замони давлатдории Сомониён ба масъалаи обёрии заминҳои кишоварзӣ диққати махсус дода мешуд, ки дар он давра аз ҷониби олимони шинохтаи форсу тоҷик  Ал-Форобӣ, Кайковус, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон оид ба усулҳои истифодаи замин корҳои

назаррасе анҷом дода шуда буд. Инчунин, аз ҷониби давлати Сомониён барои омӯзиши раванди обёрии биёбонҳои Гоббӣ ва Такла-Макан ба Чин олимон ва муҳаққиқон фиристода шуда буданд, то ки таҷрибаи обёрии онҳоро омӯхта, дар раванди обёрии заминҳои кишоварзӣ истифода намоянд, ки ин масъалаҳо дар китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва «Тоҷикон дар оинаи таърих (аз Ориён то Сомониён)»-и Эмомалӣ Раҳмон инъикоси худро ёфтааст.

Масъалаҳои назариявӣ – методологии омӯзиши истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ дар кори олимони классики назарияи иқтисодӣ К. Маркс, А. Смит, Д. Рикардо, У. Петӣ, А. Маршал ва Ҷ.М. Кейнс зикр гардидааст.

Масъалаи идоракунии экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар кори олимони соҳаи иқтисоди рус аз қабили Д. М. Овсянко, Д.М. Бахрах, А.П. Алехин, С.С. Тимофеева, О. И. Гуторов, Т. Е. Стада, С.Н. Бобылев ва А.Ш. Ходжаев ва олимони ватанӣ Т.Б. Ғаниев, Ҳ.А. Одинаев, Ҷ.П. Пиризода, М.Н. Достиев, М.Х. Муҳаббатов, Қ.Қ. Давлатов ва дигарон инъикос ёфтааст.

Хусусиятҳои ташаккули истифодаи экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ дар кори олимони рус М. Мульская, А.М. Третьяк, И. В. Куламихина, Н. С. Инютина, Л. Шашула, Н. С. Орловский, И. С. Зонн, А. Я. Кибиров А. Э Сагайдак, А. М. Третьяк, В. М. Другак, Р. А. Третьяк, Л. А. Гунько ва олимони тоҷик Ҳ.Р. Исайнов, Ҳ.У. Умаров, Қ.А. Содиқов, Ш.Х. Бобохонова, Б.С. Зиёев, Т.А. Имомназарова, Шодии Давлаталӣ ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Самти обёрии заминҳои кишоварзӣ ва мелиоратсияи он дар кори як зумра олимони тоҷик Я.Э. Пулатов, А. Курбонов, З. Назиров, А.К. Бобоев, М.Н. Мирсаидов, Н.Б. Комилов ва Ф.Ш. Муминов таҳқиқ шудааст.

Масъалаи ҷалби сармоягузорӣ ба чорабиниҳои мелиоративӣ, ҷорӣ намудани технологияи обёрикунӣ ва инноватсионӣ дар истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ дар корҳои олимони иқтисодшиноси тоҷик Ҳ.Р. Исайнов, Ҷ.С. Пиризода, Қ.Х. Хушвахтзода,

Ҳ.У. Умаров, Ф.С. Обидов, Н.М. Собирзода, Ф.Ш. Ахмедов, Н.Х. Шаропова, Э.Н. Шералиев, Ҷ.Х. Тағоев, Ф.П. Арабов, С.Д. Гулбекова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, новобаста аз омӯзиши самтҳои назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқшаванда, то имрӯз мушкилоти идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ то ба охир ҳалли худро наёфтааст. Рушди босуботи истифодаи захираҳои замин омӯзиши амиқро дар самти таъсиррасонии омилҳои иқтисодӣ, табиӣ ва антропогениро тақозо менамояд. Дар миёни мушкилотҳое, ки то ҳол ҳалли худро пайдо накардааст, ин омӯзиши роҳҳои назариявӣ-методологии такмили механизми идоракунии истифодаи экологӣ - иқтисодии захираҳои замин дар асоси принсипи рушди устувор ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси барномаҳои давлатии рушди соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва консепсияҳову стратегияҳои амалкунандаи мамлакат аз қабили Консепсияи сиёсати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 ва Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 таҳия шудааст, ки бо ҳам робитаи зич доранд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҲИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва системавии идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин, муайян намудани мушкилоти ҷойдошта, омилҳои таъсиррасон ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили механизмҳои он дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсадҳои гузошташуда, дар таҳқиқоти мо вазифаҳои зерин ҳал карда мешавад:

– таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои таиноти кишоварзӣ;

– омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии эко-логӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва муайян намудни хусусиятҳои хоси он;

– таҳлили вазъи имрӯзаи истифодаи захираҳои замин, тағйиротҳо ва механизми экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани самтҳои рушди механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ;

– коркарди тавсияҳо оид ба такмили механизми идоракунии заминҳои таиноти кишоварзӣ дар заминаи роҳандозии технологияи инноватсионӣ бо назардошти ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии он.

**Объекти таҳқиқотро** такмили механизми экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади рушди устувор ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** ин шомили муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди механизми идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот дар пояе қарор ёфтааст, ки дар сурати амалӣ намудани низоми идоракунии захираҳои замин, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъмин гардида, ба кам шудани эрозияи хок ва таъсири антропогенӣ ба муҳити зист оварда расонида, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ баланд гардида, рушди устувори иҷтимоӣ - иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** пажӯҳишҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классики илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ

ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши идоракунии механизмҳои экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ барои арзёбии дуруст ва расидан ба мақсадҳои гузошташуда аз усулҳои диалектикӣ ва мантиқии арзёбӣ, монографӣ, моделсозии математикӣ, оморӣ, муқоисавӣ ва ғайра истифода шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Махзани маълумотӣ ва иттилоотӣ дар раванди таҳқиқоти диссертатсия асарҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, патентҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи заминсозӣ ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои нашрнамудаи СММ дар самти рушди устувор ва бехатарии озуқаворӣ, манбаъҳои Интернетӣ ва маълумотҳои ҷамъовардаи худи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия ба шумор меравanд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 иҷро гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгониҳои таҳқиқоти мазкур аз коркард ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявии механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили он дар соҳаи кишоварзӣ иборат мебошад. Нуқтаҳои муҳими навгониҳои таҳқиқоти илмӣ, ки диссертант дар раванди таҳқиқот ба онҳо ноил гардидааст, аз инҳо иборатанд:

– ҷанбаҳои назариявии механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин тақвият дода шуда, хусусиятҳои хоси он дар соҳаи кишоварзӣ муайян ва модели сохторӣ-мантиқии идоракунии заминҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, ки он манфиатҳои экологӣ-иқтисодии истифодабарандагони заминҳои кишоварзиро фарогир мебошад;

– дар раванди таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои хориҷии дар соҳаи кишоварзӣ рушдкарда фишангҳо ва унсурҳои механизми идоракунии экологӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии маъмурӣ-иқтисодӣ, заминсозӣ, аудити экологӣ, инфрасохтори бозори замин, кадастраи замин, таъминоти молиявӣ баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ шудааст, ки ҷанбаҳои мусбию самараноки онҳо ҳамчун маҷмуи зерсохтор барои ноил шудан ба таносуби оқилонаи ҳифзи манфиатҳои экологӣ-иқтисодӣ дар идоракунии захираҳои замин барои дарёфти рушди устувори соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

– дар асоси таҳлили вазъи имрӯзаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷойдошта ва самтҳои он, сабабҳои паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳо, ба дигар мақсадҳо истифода бурдани онҳо, сабабҳои эрозияи хок, гурӯҳбандии заминҳои кишт муайян карда шуда, идоракунии экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришаванда, раванди идоракунии номукаммали заминҳои обёришаванда, сабабҳои асосии бад шудани вазъи инфрасохтори соҳа ва ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, аз кор мондани насосҳои пуриқтидори обёрии заминҳо ошкор ва маблағгузориҳои давлатию хусусӣ оид ба беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ арзёбӣ карда шудааст;

– самтҳои рушди механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ муайян гардиданд, ки муҳимтарини онҳо ба инобатгирии омилҳои ба самаранокии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзии ҷумҳурӣ таъсирбахш, пасткунии дараҷаи хавфҳои экологӣ ва ҷорисозии технологияи инноватсионӣ дар соҳаи мазкур маҳсуб мeёбанд. Аз ҷумла, омилҳои ба самаранокии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таъсирбахш бо ёрии модели *ALCCE,* арзёбиҳои иқтисодии ададҳо ва коэффитсенти *Алфа Кронбах* муайян ва ҳамзамон омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ ва техникӣ, ки бо тағйирёбии ҳолати истифодаи заминҳои кишоварзӣ таъсири мусбат

мерасонанд, бо истифода аз моделҳои математикии *ALCs* баҳисобгирӣ ва баҳодиҳӣ шудаанд;

– оид ба самтҳои кам кардани хавфҳои экологӣ дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ истифодаи комплексии механизмҳои экологӣ-иқтисодӣ бо назардошти дараҷаи осебпазирии кишоварзии муосир коркард карда шуданд, ҳамзамон ба самараноки идоракунии захираҳои замин мусоидат менамояд. Инчунин, нақшаи сохтори функсионалии механизми экологию иқтисодии идоракунии захираҳои замин коркард шудааст, ки он шомили манфиатҳои экологию иқтисодии истифодабарандагони гуногуни заминҳои кишоварзӣ мебошад;

– оид ба такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар заминаи роҳандозии технологияи инноватсионӣ бо назардошти ҷанбаҳои экологии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ тавсияҳо коркард шуда, раванди идоракунии парвариши зироатҳои кишоварзӣ, технологияи истифодаи биопрепаратҳо бо нуриҳои минералӣ-органикӣ ва таъсири онҳо ба истифодаи заминҳои кишоварзӣ, бо усули *Varimax method*, дар асоси муодилаи регресияи истифодаи меъёри нуриҳои органикӣ ва минералӣ муайян карда шудааст, ки ин ба корхонаҳои кишоварзӣ дар самти ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ шароити хуб фароҳам меоварад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– тақвияти муқаррароти назариявию услубӣ оид ба идоракунии экологии истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии идоракунӣ ва муҳимияти онҳо дар ҳифзи муҳити зист ва самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ;

– хусусиятҳои механизми идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва муайянкунии фишангу унсурҳои он бо назардошти принсипҳои рушди устувор ва роҳҳои татбиқи онҳо;

– таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии аз лиҳози кишоварзӣ пешрафта дар самти истифодаи экологии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии самараноки онҳо дар заминаи принсипҳои рушди устувор;

– самтҳои рушди механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ ба мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор;

– асосноккунии комплексии механизмҳои кам кардани хавфҳои экологӣ зимни идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– тавсияҳо оид ба роҳандозии технологияи муосири дар истифода ва пешниҳоди модели инноватсионии идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираи заминҳои кишоварзӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии рисолаи илмӣ дар он зуҳур мекунад, ки хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушд ва такмили механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои ноилшудаи рисоланависро корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, кишоварзони алоҳида, мақомотҳои дахлдори бахшҳои идоракунии заминҳо, ҳифзи захираҳои табиӣ ва экосистемаҳо метавонанд дар раванди такмили механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Институти боғдорӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (№572 аз 18.09.2023) барои истифода пешниҳод шудааст ва санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаи назариявӣ-методологии таҳқиқот, объект, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои алоҳидаи Шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунанд, аз ҷумла: бандҳои 10.1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию метдологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои мавзӯи ва байнифаннии идоракунӣ; 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити кунунӣ. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва раванди идоракунии оммавӣ; 10.5. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Робитаҳои мустақим ва баракси сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои ҳамгирой ва равандҳои ҳамгироии бизнес.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Дар раванди таҳқиқот нақшаи кори илмии муҳаққиқ дар самти асосноккунии мавзуъ, мубрамияти он дар шароити имрӯза, гузоштани мақсад ва вазифаҳо, ҳамзамон иҷроиши пурраи онҳо, навовариҳои илмӣ дар самти мавзуи таҳқиқшаванда ба анҷом расонида шудааст. Дар ин раванд муаллиф самтҳои идоракунии истифодаи захираҳои заминро дар соҳаи кишоварзӣ омӯхта, роҳҳои мукаммалнамоии механизми идоракунии истифодаи экологиву иқтисодии онро пешниҳод намудааст. Дар асоси ин, маъруза ва мақолаҳои илмии аз дастовардҳои илмӣ

бадастомадаашро ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, натиҷаи кори диссертатсионӣ ҳамчун маводи ёрирасон барои муҳаққиқон, аспирантон, докторантон ва ҳамчун васоити таълимӣ барои донишҷӯёни дар раванди омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти истифодабарии сарватҳои табиӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Рушди босуботи иқтисодиёт» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар дохил ва хориҷи кишвар (2019-2023) дар шакли маъруза ва мақолаҳо ба табъ расидааст. Маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ дар шаҳрҳои Красноярски Федаратсияи Россия, Бухорои Ҷумҳурии Узбекистон, Душанбе, Кӯлоб пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар таҷрибаи хоҷагидорӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 14 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 7 мақолаи он дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, 29 ҷадвал, 15 расм, хулоса ва тавсияҳо иборат буда, бо истифода аз 166 сарчашма таҳия карда шуда, дар 174 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

## БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ- УСЛУБИИ ИДОРАКУНИИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

### 1.1. Хусусиятҳои идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ

Идоракунӣ - ин раванди банақшагирӣ, ҳавасмандкунӣ ва назорату танзим ба ҳисоб рафта, барои ташаккул ба ҳадафҳои истифодаи захираҳои табиӣ барои давраҳои тулонӣ мусоидат мекунад. Идоракунӣ фаъолияти бошуурона ва мақсадноки инсон буда, бо ёрии он унсурҳои муҳити зист, технологияву навовариҳо ва захираҳои табиӣ ба манфиатҳои ҷомеа истифода бурда мешавад. Тайи даҳсолаи охир таваҷҷуҳи зиёди олимону муҳаққиқон ба самти идоракунии равандҳои иҷтимоӣ, экологӣ - иқтисодӣ равона гардида, ҳамчун илми махсус мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Вобаста ба мафҳуми идоракунии захираҳои табиӣ алалхусус захираҳои замин ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, ҳар яки онҳо хусусияти хоси экологӣ-иқтисодии худро дошта, маъно ягонаи он мавҷуд нест.

Ба андешаи Т.Б. Ғаниев идоракунӣ як шакли махсуси фаъолияти одамон мебошад, ки дар вақти тақсимоти меҳнат ҷудо карда мешавад[1]. Ба ғайр аз қонуниятҳои умумии меҳнатӣ идоракунӣ як қатор қонуниятҳои махсуси худро дорад, ки барои риояи он дониши касбӣ ва маълумот шарт ва зарур мебошад. Муҳаққиқи дигар бар он ақидааст, ки «...идоракунӣ фаъолияти созмондодаи одамон мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян амалӣ карда мешавад».[2] Ба андешаи Д.М. Бахраха. «...идоракунӣ – ин раванди татбиқи ҳадафҳои (бошуурона, дидаву дониста, санҷидашуда), ташкилкунӣ ва ба танзим даровардани таъсири одамон ба ҳаёти иҷтимоӣ, коллективӣ ва гурӯҳии онҳо мебошад, ки ҳам бевосита (дар шаклҳои худидоракунӣ) ва ҳам тавассути сохторҳои махсус таъсисдодашуда (давлат, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ширкатҳо) пиёда сохта мешавад».[3]

---

[1] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Ташкили фаъолиятҳо. – Душанбе: “Ирфон”, 2004. –543 с.
[2] Овсянко Д.М. Административное право. –М., 1999. –С.9.
[3] Бахрах Д.М. Административное право / Д.М. Бахрах. – М.,2004. – С.13.

Ба ибораи дигар «..идоракунӣ – ин раванди мақсадноки таъсири субъекти идоракунӣ ба объекти идоракунӣ мебошад»[1], ки он ба раванди банақшагирии фаъолияти хоҷагидорӣ бо истифодаи қувваҳои коргари ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои дарозмуддат нигаронида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки идоракунӣ вобаста ба самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бо шаклҳои гуногун ба танзим дароварда мешаванд. Идоракунӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист аз муҷмуи чорабиниҳое иборат мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои дахлдор барои таъмини риояи талаботи қонунгузории экологӣ нигаронида шудаанд. Айни замон дар назария ва амалияи равишҳои гуногуни идоракунӣ дар соҳаи ҳамгироии одамон бо табиат намудҳои мухталиф, аз қабили идоракунии муҳити зист, идоракунии раванди экологӣ, идоракунии экологии заминҳои кишоварзӣ, идоракунии агроландшафтҳо, менеҷменти экологӣ ва идоракунии захираҳои об мавҷуданд, ки мо дар бораи онҳо гуфта мегузарем.

Ҳамин тавр, идоракунии экологӣ, маҷмуи чорабиниҳое аст, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектҳои ваколатдор оид ба пешбурди сиёсати ягонаи давлатии экологӣ, мониторинги давлатии экологӣ, ба тартиб даровардан ва назорати рафтори одамон ҷиҳати риояи маърифати экологӣ, риояи қонунгузории экологӣ, таъмини устувории мувозинати биологии табиат, ҳифзу нигоҳдории олами ҳайвоноту набототи нодир, экосистемаҳои хоси табиӣ, амалисозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба таҳлилу баҳодиҳии равандҳои таъсиррасон ба экосистемаҳои табиӣ муайян шудааст.

Вобаста ба идоракунии экологӣ С.С. Тимофеева чунин қайд менамояд, ки «...ин як шакли фаъолияти мустақили касбӣ дар соҳаи идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист буда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори ҷомеа тавассути истифодаи механизми экологӣ-иқтисодӣ нигаронида

---

[1] Алехин А.П. Административное право РФ / А.П. Алехин. – М.,1998. – С.6.

шудааст».[1] Ҳадафи умумии идоракунии экологӣ ин фаъолияти инсон ва мутобиқ намудани ҷомеа ва табиат мебошад. Дар ин маврид В.Г. Игнатов менеҷменти экологиро ҳамчун идоракунӣ меҳисобад, ки «...равандҳои истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти аз чиҳати экологӣ тозаро пешбинӣ намуда, мувозинати оптималии байни нишондиҳандаҳои экологӣ ва иқтисодиро дар тамоми давраи фаъолияти корхона таъмин менамояд».[2] Олими шинохтаи соҳаи иқтисодӣ Т. Б. Ғаниев дар самти идоракунӣ ва менеҷменти экологӣ корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ анҷом дода, идоракунии экологиро яке аз шаклҳои махсуси менеҷмент номида, таъкид намудааст, ки «...он қоидаҳои асосӣ ва қонуниятҳои танзими истифодабарии сарватҳои табиӣ ва муҳити зистро меомӯзад».[3] Аз ин нуқтаи назар менеҷменти экологӣ ҳамчун системаи махсуси идоракунӣ барои муҳофизати муҳити атроф, таъмини санадҳои меъёрию ҳуқуқии экологӣ ва консепсияи ташаккули тараққиёти босубот равона карда шудааст. Ба ин монанд, М. Н. Достиев қайд менамояд, ки «...идоракунӣ, ҳифз ва нигоҳдории экосистемаҳои хоси табиӣ дар минтақаҳои кишвар – ин раванди ҷорӣ намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ва дар ин баробар пурзӯр намудани назорати иҷрои он бо мақсади нигоҳ доштани истифодаи оқилона ва ҳадафмандонаи сарватҳои табиӣ ва устувории мувозинати биологии табиат ба ҳисоб меравад»[4].

Инчунин, олимони дигари соҳаи иқтисодӣ О.С. Шимова, Н.К. Соколовский иброз медоранд, ки «...менеҷменти экологӣ - як соҳаи махсуси идоракунӣ мебошад, ки аз танзими таъсири бошууронаи инсон ба равандҳои

---

[1] Тимофеева С.С. Экологический менеджмент. – Ростов н/Д: «Феникс», 2004. – С.35.

[2] Игнатов В.Г., Кокин А.В. Экология и экономика природопользования. – Ростов н/Д., 2003. – С. 36.

[3] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XIII (Рушди суботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ). – Душанбе: “Ирфон”, 2019.– 450 с.

[4] Достиев М. Н. Такмили идоракунии давлатии рушди соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Достиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – No 1. – Р. 226-230.

табиӣ ва объектҳои муҳити зист бо мақсади қонеъ кардани ниёзҳои экологӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар эҳтиёҷоти онҳо иборат аст» [1].

Яке аз самтҳои идоракунии равандҳои экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодиро донишманд В.А. Остроухова дар китоби худ «Модели 3-Р», ки ҳамчун Одам, Сайёра ва Фоида маънидод карда мешавад, зикр намудааст. Ӯ ҳар сеи ин қонуниятро дар якҷоягӣ ҳамчун диалектикаи рушд ҳисобидааст, ки онҳо аз ҳамдигар вобастагии калон доранд. Инчунин, қайд намудааст, ки рушди яке аз онҳо ба рушди дигараш ва ё баръакси он таназзули яке аз он ба таназзули дигараш оварда мерасонад. Аз ин рӯ, амалишавии ин қонуниятҳо барои ҳифзи муҳити атроф ва истифодаи захираҳои табиӣ муфид мебошад.

Чунин ҳисобидан хеле бамаврид аст, ки идоракунии давлатии экологӣ дар бахши муҳити зист ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии маҳалҳо ва минтақаҳо мусоидат намуда, дар ташкили ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии минтақаҳои кишвар саҳми арзанда гузошта метавонад.

Мафҳуми идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 дар назария ва амалияи идоракунӣ бисёр мавриди истифода қарор дода шудааст. Ҳарчанд ақидаи олимон дар ин самт вуҷуд дошта бошанд ҳам, аз як тараф, идоракуниро аз нуқтаи назари маҳдуд вобаста ба объекти захираҳои табиӣ баҳо дода, аз тарафи дигар, ин раванди фаъолият ҳамчун идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ инъикос ёфтааст, ки дар бисёр маврид ба ҳамин шакл истифода бурда мешавад.

Вобаста ба ин, О.С. Шимова, Н.К. Соколовский иброз медоранд, ки «...идоракунии захираҳои табиӣ – ин фаъолияти давлат оид ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, инчунин таъмини волоияти қонун дар муносибатҳои экологӣ ва иқтисодӣ мебошад».[2]

---

[1] Шимова О.С., Соколовский Н.К. Экономика природопользования. Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 2005. – 377 с.

[2] Шимова О.С., Соколовский Н.К. Экономика природопользования: Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 2005. – 377 с.

Механизми идоракунии захираҳои табиӣ усулҳо, вазифаҳо ва сохторҳои ташкилиро (органҳои идоракуниро) ба ҳам муттаҳид намуда, самаранокии онро таъмин менамояд. М.М. Бринчук вобаста ба идоракунии захираҳои табиӣ ақидаи худро баён намуда, чунин мешуморад, ки «...ин амалҳои мақсаднок вобаста ба коркард ва истихроҷи хусусиятҳои фоиданоки захираҳои табиӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва нигоҳ доштани муҳити зист нигаронида шуда, бо мақсади батанзимдарорӣ ва мукаммалгардонии рушди он амалӣ карда мешавад».[1] Ҳамин тавр, идоракунии захираҳои табиӣ гуфта, ин фаъолияти мунтазами касбию-ҳунарии одамонро меноманд, ки ба истифодабарӣ, коркард ва саноатикунонии захираҳои табиӣ дар минтақаҳои муайян равона карда шудааст.

Айни замон сохтори идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар чорчӯбаи манфиатҳои истифодабарандагони замин, давлат ва истеъмолкунандагон қарор дошта, зарурати навсозӣ ва такмили мунтазами идоракуниро дар асоси тағйирёбии шароити иҷтимоӣ - иқтисодӣ - экологӣ ва хусусияти истифодаи экологии заминро тақозо менамояд.

Раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба тарзи нави муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, инчунин хусусигардонии амвол дар соҳаи кишоварзӣ ба тағйироти куллӣ дучор гардид, ки ин раванд ба бад шудани ҳолати заминҳои кишоварзӣ оварда расонид. Аз ин рӯ, дар соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии заминҳои кишоварзӣ роҳҳои нави идоракуниро бо истифода аз таҷрибаи батанзимдарории давлатии Шуравӣ, кор карда баромадан лозим меояд.

Идоракунии заминҳои кишоварзӣ масъалаи муҳим ва гуногунҷанбаи вазъи кунунӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки манфиатҳои бевоситаи истифодабарандагони замин, давлат, инчунин тамоми истеъмолкунандагони

---

[1] Бринчук М.М. Государственное управление, как эколого- правовая категория // Экологическое право. – 2006. – №2. – С.10.

маҳсулоти кишоварзиро бо ҳам муттаҳид менамояд. Илова бар ин, бояд гуфт, ки дар низоми муосири идоракунии заминҳои кишоварзӣ як нуқтаи муҳим бояд ба инобат гирифта шавад, ки воситаҳои иқтисодии ҳамкории байни ифодабарандагони замин ва давлат мавҷуд аст, ки воситаи асосии муносибати байни ин субъектҳои идоракуниро таъмин менамояд. Моҳияти системаи кунунии идоракунӣ ва самаранокии он дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ инчунин, маълумотҳои воқеии оморӣ инъикос ёфтааст, ки тағйирёбии майдони заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла: аз гардиши кишоварзӣ берун шудани заминҳо ё ба дигар мақсад истифода бурдани онҳоро дар бар мегирад.

Вобаста ба муҳиммияти идоракунии заминҳои кишоварзӣ Т.Б. Ғаниев чунин ибрози андеша мекунад, ки «...дар давраи ҳозира инсоният ба масоили глобалӣ дучор шудааст ва паст шудани ҳосилхезии табиии хок, харобшавӣ ва биёбоншавии заминҳо аз ҷумлаи онҳост. Аз ин нуқтаи назар кор кардани системаи асосноккардашудаи идоракунии заминистифодабарӣ хело ҳам вазифаи муҳим ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад».[1] Вобаста ба ин, Б.С. Зиёев иброз медорад, ки «идоракунии захираҳои замин – ин фаъолияти мақсаднок ва мунтазами мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва заминистифодабарандагон ба захираҳои замин бо истифода аз тарзу усулҳои объективии истифодаи он барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии он дар давраи дарозмудат мебошад».[2] Ба андешаи К. К. Давлатов, Э. Н. Шералиев хусусиятҳои хоси идоракунии замин “вазифаҳои асосии истифода ва ҳифзи замин, ки ба таъмини истифодаи оқилонаи замин, беҳтар намудани ҳолати экологии онҳо ва ноил шудан ба мувозинат дар ҳалли

[1] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби II (Ташкили фаъолиятҳо). –Душанбе, 2004.– 543 с.
[2] Зиеев Б.С. Совершенствование экономических механизмов государственного управления земельными ресурсами в регионе / Б. С. Зиеев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/6(175). – С. 180-188. – EDN UNRKTZ.

масоили иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд”.[1] Аксар вақт маҳз идоракунии захираҳои замин ҳамчун вазифаи муҳими давлат дар самти идоракунии фонди заминҳои кишоварзӣ мебошанд.

Муҳаққиқон О. Е. Гуторов ва Т. Е. Стада вазифаи асосии идоракунии заминро - заминсозӣ, истифодабарии замин ва харитакашӣ ҳисобида, пешбурди кадастри заминро вазифаҳои асосии заминсозӣ иониста, далел меоваранд, ки «...ба кадастри ҳозиразамони замин аз рӯи мушкилотҳои хеле муҳими замони ҳозира - вазифаи идоракунии захираҳои замин, дода мешавад».[2] Ба ҳамин монанд, А.М.Третьяк ва А.С.Дорош, идоракунии заминро пеш аз ҳама «...ҷузъи амалигардонии вазифаҳои идоракунии давлат тавассути мақомоти гуногуни давлатию маҳалӣ мешуморанд».[3]

Вазифаи асосии идоракунии замин дар шароити дигаргунӣ дар фазои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳон - ин «...ноил шудан ба рушди устувори истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад».[4] Ҳамчунин, олими дигар М.П. Мулский бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ, таъкид мекунад, ки «муҳимияти замин дар идоракунӣ ва таъмини ҳосилхезии он мебошад». Вобаста ба ин идоракунии замин – ин «...раванди пайваста ва мақсадноки беҳтар кардани ҳолати заминҳои кишоварзӣ ва шаклҳои истифодабарии он мебошад».[5] Бо ҳамин сабаб, барои дастрасӣ ба рушди истифодаи самаранок

---

[1] Давлатов К. К. Эколого-экономические аспекты управления землепользованием в условиях аридной зоны / К. К. Давлатов, Э. Н. Шералиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. – № 2/8-2(100). – С. 15-20. - EDN VXDPBB.

[2] Гуторов О. И. Управление земельными ресурсами / О. И. Гуторов, Т. Е. Стада //: лекция. Харьков, 2013. – 57 с.

[3] Управление земельными ресурсами. Винница: Новая Книга, 2006. –360 с.

[4]Мульская М. Проблемы повышения эффективности использования сельскохозяйственных угодий. Развитие аграрного бизнеса в условиях глобализации. материалы Междунар. науч.-практ. конф. с участием иностр. студ. [м. Тернополь, 15-17 апр. 2016 г.] / редкол.: Б. А. Язлюк, П. Р. Пуцентейло, Р. Ф. Бруханский [и др.]; отв. за вып. Пуцентейло. Тернополь: Астон, 2016. –С. 124-125.

[5]Арабов Ф. П. Механизм управления инвестициями в эколого-экономическом использовании земельно-водных ресурсов. Автореф. диссер. к.э.н., специальность 08.00.05. –Душанбе, 2020. – 60 с.

ва оқилонаи замин, муайян кардани таносуби оптималии тақсимоти замин дар байни соҳаҳои иқтисодӣ бо назардошти шароити иқтисодӣ – экологӣ зарур мебошад. Аз ин рӯ, идоракунии захираҳои замин ҳамчун раванди истифодаи оқилона ва самараноки замин, нигоҳ доштани ҳосилнокӣ ва сифати он ба шумор меравад.

Тавсифи идоракунии замин дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шуда, дар он идоракунии заминро ҳамчун «... идоракунии умумии заминсозӣ, муқаррар намудани тартиби ташкил ва гузаронидани кадастри давлатии замин ва мониторинги замин»[1] маънидод шудааст, ки шакли пурраи онро инъикос намекунад. Ҳамин тавр, идоракунии захираҳои замин фаъолияти ташкилии мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия оид ба таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи замин аз ҷониби ҳамаи субъектхои хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар идоракунии захираҳои замини таъиноти кишоварзидошта раванди ташкилӣ, ки бо истифода аз усулҳои ташкилӣ ва маъмурии идоракунӣ амалӣ карда мешавад, нақши муҳим дорад. Моҳияти онҳо дар идоракунии захираҳои замини кишоварзӣ ба он асос меёбад, ки дар раванди ташкили чунин идоракунӣ давлат онро бо роҳи ба амал баровардани тадбирҳои гуногуни ташкилӣ, додани фармонҳо бо истифодаи бандҳои дахлдори қонунгузории амалкунандаи ҳамин самт ба роҳ мемонад.

Шаклҳои идоракунии истифодаи захираҳои замин вобаста ба уфуқи идоракунӣ, миқёс ва давомнокии он ба идоракунии оперативӣ, тактикӣ ва стратегӣ ҷудо мешавад.

Бо дарназардошти ин, идоракунии оперативӣ ва тактикӣ аз нигоҳи муҳлати татбиқ кӯтоҳмуддат мебошанд. Дар идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ маҳз идоракунии стратегӣ, ки ба татбиқи принсипҳо, вазифаҳо, усулҳои идоракунӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои

---

[1] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). –Душанбе.  19.07.2022 таҳти № 1902. – 42 с.

дарозмуддат ва истифодаи якумраи замин нигаронида шудааст, накши муҳим мебозад.

Вобаста ба механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин ҳаминро бояд қайд кард, ки он аз ҷиҳати иҷтимоӣ оқилона истифода бурдани замин, кам кардани хароҷоти умумии истеҳсолот, сарфакорона истифода бурдани замин аз эрозия ва таназзулёбӣ ҳифз намудани заминро таъмин менамояд.

Мақсади асосии механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин аз танзими манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагони замин дар самти ҳифз ва бехатарии муҳити зист, нигоҳдории агроландшафтҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои он иборат мебошад. Мутобиқи ин ҳадаф сохтори механизми экологӣ-иқтисодии истифодаи заминро ҳамчун маҷмуи зерсистемаҳои функсионалӣ муайян кардан мумкин аст, ки барои ноил шудан ба ҳамоҳангии манфиатҳои экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин ҷузъи механизми иқтисодии идоракунии захираҳои табиӣ буда, он бояд бо дигар механизмҳои иқтисодӣ ва равандҳои табиии системаи иқтисоди миллӣ мувофиқ бошад. Ин механизмҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун фишанги асосии таъсиррасон ва танзимкунанда дар раванди истифодаи захираҳои табиӣ ва заминҳои кишоварзӣ амал мекунанд. Давлат дар асоси вазъияти баамаломада ва маълумоти пешгӯишаванда мақсадҳои истифодаи заминро муайян мекунад, афзалиятҳои инкишофи муносибатхои заминро омӯхта, меъёрҳои муносибатҳои байни истифодабарандагони заминро тартиб медиҳад. Дар расми 1.1.1 механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминро гурӯҳбандӣ намудем, ки ҳар яке онҳо дорои махсусиятҳои хос мебошанд.




**Расми 1.1.1. - Гурӯҳбандии механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Механизми бозорӣ ба манфиати иқтисодии истифодабарандагони замин асос ёфтааст, механизми фармондиҳӣ-маъмурӣ бо дастурҳои директивӣ бартарият доранд, дар механизми омехта қоидаҳои рафтор бо роҳи маъмурӣ барои ҳавасмандгардонии манфиати иқтисодии истифодабарандагони захираҳои замин муқаррар карда мешаванд.

Дар механизми экологӣ-иқтисодӣ бояд мақсади он аниқ ва мушаххас оварда шавад, то ин ки нишондиҳандаҳои ва натиҷаҳои бадастомада ҳадафмандона бошанд.

Механизми ҳавасмандгардонӣ ба рушди истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва фаъолияти истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад. Механизми рафъкунанда ба ҳама гуна ифлоскуниҳои муҳити зист, захираҳои табиӣ, биёбоншавӣ, ботлоқшавии заминҳо монеа эҷод мекунад. Механизми маҳдудкунанда истифодаи захираҳои тибиӣ ва заминро барои ҳама одамон маҳдуд намуда, истифодаи онро дар асоси иҷозатнома роҳандозӣ менамояд.

Дар механизмҳое, ки бори асосии фаъолият ба дӯши ниҳодҳои давлатӣ меафтад, мақомоти танзимкунанда нақши калон мебозанд. Агар хароҷоти зиёди истифодабарии механизм аз ҳисоби истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ бошад, пас сарбории муассисаҳои давлатӣ коҳиш меёбад.

Механизми окилона истифода бурдани заминҳои кишоварзиро аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, экологӣ-иқтисодӣ таъмин мекунад. Механизми ғайриоқилона истифодаи заминҳои кишоварзӣ, хароҷотҳои иловагиро ҳам барои истифодабарандагони замин ва ҳам барои тамоми ҷамъият ва давлат ба амал меорад. Механизми беэътиноӣ ба ҳама равандҳои истифодаи захираҳои табиӣ беаҳаммият буда, ба хуб шудани ҳолати он кор надорад.

Механизми ба қадри кофӣ маблағгузоришаванда метавонад татбиқи барномаҳои экологӣ, чорабиниҳои мелиоративӣ-беҳдоштии замин ва ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршударо таъмин менамояд. Нокифоя будани маблағҳо ба бад шудани ҳолати экологӣ ва мелиоративии заминҳо оварда расонида, омили асосии аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳо мегарданд.

Унсури асосии механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин аз нуқтаи назари муносибат ба замин ҷалб намудани истифодабарандагони замин ба қитъаҳои мушаххаси замин мебошад, ки он чи дар моликият ё истифодаи китъаи замин ифода меёбад. Аз нуқтаи назари вазъияти экологӣ дар механизми баррасишаванда ҷуброни зарари аз истифодабарандагони замин расонидашуда аҳаммияти калон дорад. Товони

зараре, ки заминистифодабарандагон расонидаанд, бо хоҳиши дигар истифодабарандагони замин ва ё бо ташаббуси мақомот сурат мегирад.




**Расми 1.1.2. - Модели механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Модели мукаммали механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи замин, ки усулҳои маъмурӣ ва идоракунии бозорро ба ҳам мепайвандад, дар *расми 1.1.2.* оварда шудааст.

Барои ба даст овардани арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири омилҳо ба ҳолати муҳити зист, бояд таъсири мутақобилаи ҳамаи омилҳо, таъсири онҳо ба саломатии аҳолӣ ва шароити корӣ омӯхта шавад.

Дар модел таъсири мутақобилаи экологӣ-иқтисодӣ дар баробари нишондодҳои табиӣ истифода бурдани арзишҳо, ки арзёбии таъсири истеҳсолотро ба арзиши қитъаҳои замин ва муҳити зист инъикос мекунанд, тавсия дода мешавад. Ба нишондиҳандаҳои арзёбӣ метавон ворид кард: арзиши замин, рентаи дифференсиалӣ, ҳисоби зарари иқтисодӣ аз ифлосшавии муҳити зист. Арзёбии иқтисодиро метавон ҳамчун маҷмуи хароҷоти дубора истеҳсоли захираҳои замин ва ба ҳолати қобили қабул овардани муҳити зист ифода кард.

Раванди таҳқиқот паҳлуҳои ҷузъии алоҳидаи мафҳумҳои овардашударо дар бар мегирад. Аз ин рӯ, асоси идоракунии замини кишоварзиро объекти идоракуни замин ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки мафҳуми «замин» як категорияи васеъ истифодашаванда дар барномаҳои илмӣ, таълимӣ ва амалӣ шуморида мешавад. Олими соҳаи иқтисодӣ Б.Т. Ғаниев қайд менамояд, ки «...замин як қисми таркибӣ ва муҳими муҳити зист буда, вобаста аз мавқеъ, релеф, иқлим, боду ҳаво, қабати хок, растаниҳо, канданиҳои фоиданок, обҳо, воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷойгиршавии корхонаҳо ва ташкилотҳои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. Ғайр аз қобилияти хок, ки ҳамчун қабати табиию таърихӣ аст, замин ҳудуде мебошад, ки барои мақсадҳои муайян истифода карда мешавад»[1]. Олимони соҳаи иқтисодӣ С.Н. Бобылев ва А.Ш. Ходжаев чунин меҳисобанд, ки «...замин пояи моддӣ ва некуаҳволии ҷамъият ба шумор рафта, заминаи муносиб барои ҷо ба ҷо гузоштани қувваҳои истеҳсолкунанда ва одамон буда, асоси муътадили нигоҳ доштани равандҳои такрористеҳсолкунии иқтисодиёт, аз қабили меҳнатӣ, моддӣ-техникӣ ва захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад».[2] Вобаста ба ин замин ҳамчун объекти амволи ғайриманқул дониста шуда, манбаи асосӣ ва тағйирнопазири моддии

---

[1] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби II (Ташкили фаъолиятҳо). Душанбе: "Ирфон", 2004. – 543 с.
[2] Бобылев С.Н. Экономика природопользования / С.Н. Бобылев, А.Ш. Ходжаев //: Учебник. – М.: ИНФРА-М, 2004. –501 с.

мавҷудият ва рушди инсоният мебошад. Замин комилан тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро гирифта, дар бахшҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти қалон дорад.

Олимони дигар Ҳ.А. Одинаев ва М.С. Ҷоналоев[1] заминро муҳимтарин ҷузъи сармояи табиӣ ва асоси соҳаи кишоварзӣ ҳисобидаанд. Онҳо чунин иброз медоранд, ки ба маънои васеъ замин бо назардошти релеф, таркиби хок, шароити иқлим, наботот ва дигар захираҳои обӣ, пеш аз ҳама ба қувваи тавонои истеҳсолкунандаи ҷамъият табдил меёбад. Хусусиятҳои муҳимтарини захираҳои замин дар шароити муосир – ҳосилнокии замин ва устувории агроэкосистема дар маҷмуъ бо мутаносиб намудани нақшаи ҳамкории байни ин унсурҳои таркибии фонди замин зич алоқамананд.

К. Маркс чунин меҳисобад, ки «...замин – ин лабораторияи азим, арсеналест, ки инсонро ҳам бо воситаҳои меҳнат, лавозимоти меҳнат ва ҷойи истиқомат таъмин мекунад». Ҳамзамон, ӯ аз нуқтаи назари иқтисодӣ заминро маънидод карда, чунин мешуморад, ки он «...дар аввал одамро бо маҳсулоти озуқа, воситаҳои тайёри рӯзгор таъмин карда, ҳамчун субъекти умумии меҳнати инсон бе ягон кумаки ӯ вуҷуд дорад».[2] Олимони дигари соҳаи иқтисодӣ чунин қайд мекунанд, ки «...замин аз одам пештар арзи вуҷуд дошт ва он наметавонад ҳосили меҳнати инсон бошад. Танҳо қабати болоии ҳосилхези он аз ҳосили меҳнати ӯ вобаста аст».[3] Ин гуфта аз хусусияти ба худ хоси замин шаҳодат медиҳад, ки дар раванди таъсири инсон он қобилияти ҳосилхезии худро гум ва ё баръакси он барқарор мекунад,.

Ҳамин тавр, муносибати одамон нисбат ба замин доимо хислати дутарафа дошта, аз як тараф, фаҳмиши таърихии истифодаи он ҳамчун

---

[1] Одинаев Х. А. Теоретические аспекты формирования устойчивого землеползования в регионе и механизмы его регулирования / Х. А. Одинаев, М. С. Джоналоев // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2022. – № 2(78). – С. 106-113.
[2] Маркс К. Собрание сочинений/К. Маркс, Ф. Энгельс //. - М.: Политиздат, 1975. – Изд. 2-е. – Т. 18. – 771 с.
[3] Минаков И.А. Экономика сельского хозяйства / И. А. Минаков, Н. П. Касторнов, Р. А. Смыков и др .// : Под ред. И. А. Минакова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.:2005. – 400 с.

сарчашмаи «озуқа» муносибати ғамхоронаро талаб мекунад. Аз тарафи дигар, талаботи рӯзафзуни одамон аксар маврид барои гирифтани ҳосили баланди маҳсулоти кишоварзӣ ба истисмор, истифодаи ғайрисамараноки замин ва гум кардани қобилияти ҳосилхезии он оварда расонидааст[1]. Замин ҳамчун унсури муносибатҳои бозорӣ ва моликият ба ҳисоб рафта, вобаста аз системаи муайяни пардохтҳо, андозҳо, меъёрҳо, нархҳо муайян карда мешаванд. Вобаста ба ин мо гуфтаҳои олимонро нисбати замин ҷамъоварӣ намуда, таснифоти заминро пешниҳод менамоем (Ҷадвали 1.1.1).

Дар мавриди мафҳуми «захираи замин» бошад, ҳангоми таърифи ин истилоҳот вобаста ба хусусиятҳои экологӣ-иқтиҷодии он низ андешаҳо ва таърифҳои мухталиф мавуҷуд аст. Як гурӯҳи олимон[2,3,4,5] захираҳои заминро омили асосии такрористеҳсолии сарватҳои табиӣ маънидод менамоянд, ки ҳамчун омили рушди соҳаи иҷтимоӣ, экологӣ-иқтисодӣ хизмат мекунад.

---

[1] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби II (Ташкили фаъолиятҳо). – Душанбе: “Ирфон” – 405 с.

[2]Борщевский П.П. Методологические основы экономической оценки использования, воспроизводства и сохранения природных ресурсов в продовольственном комплексе / П.П. Борщевский, А.А. Коваленко // Вестник Сумского государственного аграрного университета. Серия «Экономика и менеджмент». Научно-методический журнал. Вып. 1. - 2001. – С. 9-13.

[3]Будзяк В.М. Сельскохозяйственное землепользование (экономико-экологические и управленческие аспекты) / Под науч. ред. С.И. Дорогунцова. – М.: Орияны, 2006. – 488 с

[4]Добряк Д. Земля порядок любит / Д Добряк // Правительственный курьер. –2006. – № 48. – С. 10.

[5]Экономика природопользования/Под ред. Т.С. Хачатурова. – М.:МГУ, 1991. – 271 с.

## Ҷадвали 1.1.1.- Хусусиятҳои тавсифи мафҳуми захираҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ

| ОЛИМОН | МУАЙЯН КАРДАНИ МАЗМУНИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН | ФОИДАНОКӢ ДАР САМТИ РУШДИ УСТУВОР | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Муносибат** | **Ҷабҳаҳои дарки захираҳои замин** | **Объекти идоракунии муносибати замин** |
| П.Борщевськи, А.Коваленко | Захираҳои замин, тибқи ақидаи олимон, сарвати ивазнашавандаи миллӣ ба ҳисоб меравад. Инсоният бе замин истеҳсол карда наметавонад, зеро ин маҳсулотест, ки аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти он ва ба воситаи меҳнат маҳсулот ба вуҷуд меояд. | Иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот | Истифодабарӣ |
| Д. Крисанов | Замин муҳимтарин захираи соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. | Иқтисодӣ | Воситаи с/к такрористеҳсолӣ | Истифодабарӣ |
| М. Чернюк П. орщевський | Захираҳои замин ҷузъи асосии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият мебошанд, ки дар баробари инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ инкишоф меёбанд ва дар айни замон тамоюли дар марҳалаи муайян иваз кардани воситаҳои кӯҳнашудаи истеҳсолотро бо воситаҳои навтарини хозиразамон тақозо мекунад. | Иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот | Истифодабарӣ |
| Ю. О. Вовк | Вай чунин мешуморид, ки замин - ин қисми сатҳи замини воситаи истеҳсолот, омили истеҳсолии хоҷагии қишлоқ ва ҷангалпарварӣ, инчунин ҷойгиршавии объектҳои гуногуни дорои характери саноатӣ, маданӣ ва ғайра мебошад. | Иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот, истеҳсолотӣ, тиҷоратӣ | Истифодабарӣ |
| В. И. Андрейцев | Мафҳуми “замин”-ро муайян мекунад: он қисми асосии ҳудудии фазоии муҳити зист дар ҳудуди кишвар ҳамчун асоси моддии соҳибихтиёрӣ ва амнияти миллии он буда, бо хусусияти сохтори табиии он - сарпӯши хок, наботот, объектҳои об, канданиҳои фоиданок ва дигар захираҳо тақсим ва тавсиф мешавад. | Иқтисодӣ | Истеҳсолотӣ, тиҷоратӣ, объекти Бехатарии захираҳои табиӣ | Истифодабарӣ |
| В. Будзяк | Замин ҳамеша шарти зарурӣ ва унсури таркибии равандҳои такрористехсолкунии сарватҳои моддӣ, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ бевосита ба вуҷуд наомадааст. | Экологӣ | Захираҳои табиӣ | Такрористеҳсолӣ |
| Л. Новаковский | Иброз медорад, ки бидуни замин раванди тавлиди ҳам маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам хоҷагии ҷангал комилан ғайриимкон хоҳад буд. Ҳамин тариқ, истифодаи сарфакорона, самаранок, оқилона ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари фонди замин ва ҳифзи он яке аз масъалаҳои мубрами амнияти миллӣ дар шароити муосир ба шумор меравад. | Экологӣ-иқтисодӣ | Воситаи соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли захираҳои табиӣ | Истифодабарӣ, муҳофизат |
| М. Комаров, М. Максимов | Таъкид мекунанд, ки замин ва сарватҳои табиии он, чунон ки маълум аст, на танҳо яке аз омилҳои истеҳсолот ва пешрафти иқтисодиёт, балки асоси ҳаёт, муҳити зисти он ҳам мебошад. | Иҷтимоӣ-иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот. | Истифодабарӣ, идоракунӣ |
| Д. Добряк | У қайд мекунад, ки замин ҳамеша сарвати бузурги мамлакат, ҳар як халқи он буд, мебошад ва хоҳад монд. | Экологӣ-иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот. | Истифодабарӣ, идоракунӣ |
| Л. Шашула | Замин муҳимтарин сармояи кишоварзии кишвар, маркази институтсионалӣ мебошад, ки дар атрофи он бо тамоми қишрҳои афзалиятноки бозор муттаҳид шуда, модели аз ҷиҳати иҷтимоӣ аълои қобилияти пардохтпазириро таҳия ва ба сатҳи сифатан нави рушди иқтисодӣ расидан мумкин аст. | Иҷтимоӣ-иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот, маҳсулот | Истифодабарӣ |
| Т.Б. Ғаниев | Замин як қисми таркибӣ ва муҳими муҳити зист буда, вобаста аз мавқеъ, релеф, иқлим, боду ҳаво, қабати хок, растаниҳо, канданиҳои фоиданок, обҳо, воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷойгиршавии корхонаҳо ва ташкилотҳои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. | Экологӣ-иқтисодӣ | Воситаи соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли захираҳои табиӣ | Истифодабарӣ, идоракунӣ |
| Исайнов Ҳ.Р., Арабов Ф.П. | Захираҳои замин яке аз ҷузъҳои муҳити табиӣ буда, истифодаи экологӣ-иқтисодии он ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ оварда расонида, дастрасиро ба маҳсулоти озуқаворӣ осон мегардонад | Экологӣ-иқтисодӣ | Истифодабарӣ, идоракунӣ | Истифодабарӣ, идоракунӣ |
| Комилов Н.Б., Шералиев Э.Н., Тагоев Ҷ.Ҳ. | Захираҳои замин миёни унсурҳои табиат мақоми махсусро ишғол намуда, ҳамчун асоси истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ ва муҳити зисти одамон, ҳамчун объекти моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ баромад мекунанд | Экологӣ-иқтисодӣ | Воситаи истеҳсолот. | Истифодабарӣ, идоракунӣ |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ақидаҳои олимон*

Гурӯҳи дигари олимон[1,2,3,4,5] захираҳои заминро омили асосии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ мешуморанд, ки вай рушди комплекси агросаноатиро таъмин намуда, талаботи аҳолиро ба маҳсулоти озукаворӣ қонеъ мегардонад.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло хулоса бароварда, қайд менамоем, ки захираҳои замин - ин дороиҳо ва боигариҳои давлат ба шумор рафта, барои истеҳсол ва қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешавад.

Вобаста ба ин истифодаи захираҳои замин барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ бояд ба ду ҷузъи ба ҳам алоқаманд асос ёбад: ниёзҳои иҷтимоӣ ва иқтидори таъмини аҳолӣ ба маҳсулоти дохилӣ. Дар баробари ин, вобаста ба зиёд шудани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ зарурати идоракунии истифодабарии самаранокии он ва аз ҷиҳати экологӣ бехатарии истифодаи он ба миён омадааст. Бо назардошти он, ки эҳтиёҷотро танҳо дар доираи иқтидори захиравии мақсадноки кишоварзӣ қонеъ кардан мумкин аст, вазифаҳои асосии дурнамои истифодаи самараноки захираҳои замин: иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, таъмини рушди устувори истифодаи замин, шарти муҳими баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми тоҷик, пойдорӣ ва устувории он, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, дастрасӣ ба ҷойҳои корӣ дар деҳот ва дар ин баробар баланд бардоштани иқтисодӣ миллӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат мекунад.

---

[1]Алимов А. Н. Экономическое развитие Украины: институциональное и ресурсное обеспечение: Монография / А. Н. Алимов, А. И. Даниленко, В. М. Трегобчук и др. – М.: Объединенный институт экономики НАН Украины, 2005. – 540 с.

[2]Шашула Л. А. Развитие земельных отношений в исторической ретроспективе / Л. А. Шашула // Производительные силы и региональная экономика. Часть 2. Сборник научных трудов. – РВПС Украины НАН Украины. – М., 2002. – С.152-161.

[3]Абалкин Л. И. Ресурсный потенциал экономического роста / Л. И. Абалкин, А. Грязнова, М. А. Комаров и др. – М.: Изд. дом. «Путь России»; ЗАО Издательский дом «Экономическая литература», 2002. – 568 с.

[4]Борщевский П.П. Повышение эффективности использования, воспроизводства и охраны земельных ресурсов региона / П.П. Борщевский, Н.А., Чернюк В. М. Заремба, П.И. Коренюк, А.П. Князьков – М: Аграрная наука, 1998. – 240 с.

[5]Новаковский Л.Я. Только лопатой реформу не сделаешь // Голос Украины. – 2003. – №180. - С. 8.

## 1.2. Хусусиятҳои идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ

Ҳангоми гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои рушди устувори экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ то ба ҳол механизми муайяне таҳия ва татбиқ нашудааст, ки тибқи он раванди истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, пешгирии таназзулёбӣ (деградатсия), эрозияи замин ва нигоҳ доштани вазъи агроландшафтҳо идора карда шаванд. Вобаста ба ин, дар шароити гармшавии иқлим ва бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, таҳия ва татбиқи механизми экологӣ-иқтисодӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ асоснокгардида зарур ва муҳим мебошад.

Таъсири инсон ба табиат яке аз унсурҳои асосии бад шудани вазъи муҳити зист ва экосистемаҳои минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Инсоният дар раванди фаъолияти худ ба муҳити зист, истифодаи захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама захираҳои замину об, ки асоси тараққиёти ҷамъият мебошад, таъсир расонида, доир ба вазъи экологии он кам фикр менамоянд. Ин раванд дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бухрони экологӣ-иқтисодӣ, ки таъсири худро бештар ба фаъолияти хоҷагидорӣ аз қабили бахши экологӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва иқтисодӣ мерасонад, муҳим мебошад. Ин тамоюл ба соҳаи кишоварзӣ низ таъсири бевоситаи худро мерасонидааст. Қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми асоснок намудани масъалаҳои идоракунии экологӣ - иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи комплекси чорабиниҳои мелиоративӣ дар онҳо, нигоҳ доштани агроэкосистемаҳо ҳамчун низоми ягонаи табиӣ бо ҳам алоқаманд (хок, об, биота), ба назар гирифта намешавад, ки он ба ҳолати имрӯзаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ба принсипи рушди устувор таъсири худро мерасонад. Ин омилҳо сабаби паст шудани ҳосилнокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ гашта, барои дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ монеаҳо эҷод мекунад.

Яке аз омилҳои асосии гузариш ба рушди устувор дар ҷаҳон ин набудани таносуб байни рушди иқтисодӣ ва деградатсияи экологӣ ба шумор меравад. Чи

тавре ки аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, тайи 3 даҳсолаи охир ҳаҷми ММД дар ҷаҳон зиёда аз 4 маротиба афзудааст, ки ин ба беҳтар шудани вазъи зиндагии миллионҳо нафар дар сайёра боис гаштааст. Ин тамоил аз ҳисоби коркарди захираҳои табиӣ, ки марҳилаи рушди он ба ин давра рост меояд, ба даст оварда шудааст, ки он таъсири бевоситаи худро ба экосистемаи табиӣ расонидааст. Тибқи ҳисоботҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз соли 2000 раванди мушкилоти экологӣ дар ҷаҳон авҷ гирифта, то ба имрӯз ба сатҳи баланди худ расидааст. Ин омил боиси тағйирёбии иқлим, норасоии ғизои солим, оби ошомиданӣ, коҳишёбии захираҳои табиӣ ва биёбоншавӣ дар кураи Замин гардида, дар натиҷа:[1]

– 40 % - майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ба деградатсия ва эрозияи хок гирифтор шуда, хусусияти ҳосилхезии худро аз даст додааст;

– то 20% истеҳсолкунандагони ғалладона дар ҷаҳон истифодаи обро нодуруст ба роҳ мемонанд, ки ин ба норасогии об оварда расонида, ба рушди соҳаи кишоварзӣ монеа эҷод мекунанд;

– биёбоншавӣ ба заминҳои лалмӣ, ки дар он сеяки аҳолии кураи Замин зиндагӣ мекунанд, таҳдид менамояд;

– дар натиҷаи тағйир ёфтани иқлим қариб 2 миллиард нафар одамоне, ки дар минтақаҳои соҳилӣ зиндагӣ мекунанд, метавонанд зарар бинанд.

Аз ин рӯ, ҳадафҳои рушди устувор, ки рафъи камбизоатиро дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ дар бар мегирад, бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли ғизои солим ва дар ин баробар баланд бардоштани рушди устувори кишоварзӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, мо мафҳум ва моҳияти рушди устуворро, ки яке аз принсипҳои идоракунии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, дида мебароем.

Қайд кардан бамаврид аст, ки истилоҳи “рушди устувор” дар охири солҳои 1980 дар авҷи зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ ва коркарди захираҳои табиӣ ва таъсири онҳо ба муҳити зист пайдо шудааст. Ин раванд таваҷҷуҳи Созмони Милали Муттаҳидро ба худ ҷалб намуда, дар соли 1992 дар шаҳри

[1] Human Development Report. UNDP, 2021.

Рио-де-Жанейро Эъломияеро вобаста ба муҳити зист ва рушди босуботи он қабул намуданд. Дар ин Эъломия мафҳуми рушди устувор ҳамчун стратегияе шинохта шудааст, ки метавонад талаботи аҳолиро ба таври баробар қонеъ гардонида, амнияти экосистемаи ҳозира ва ояндаро таъмин намояд. «...Дар айни ҳол афзалиятҳо ва ҳадафҳои рушди устувор дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои консептуалии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар даҳсолаҳои охир қабул шудаанд, ба таври хеле васеъ, ҳамаҷониба ва амиқ инъикос ёфтаанд»,[1] ки асоси чунин ҳуҷҷатҳоро Ҳадафҳои рушди устувори СММ барои солҳои 2016-2030, ки дар "Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030" таҳия шудааст, ташкил медиҳад. Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳадафҳои рушди устувор ба таври амиқ ва возеҳ оварда шудаанд, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба афзалиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ҷаҳон равона карда шудааст.

Бо назардошти мураккабии мушкилоти экологӣ-иқтисодии рушди иқтисоди миллӣ диққати асосиро ба афзалиятҳо дар соҳаи нигоҳдории экосистемаҳо, таъмини амнияти экологӣ ва умуман рушди устувор равона кардан лозим меояд. Афзалияти калидӣ дар ин соҳа баланд бардоштани арзишнокии экосистемаҳо, пеш аз ҳама, экосистемаҳои кӯҳии маҷроофар ва умуман сарватҳо ва хизматрасониҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Ин афзалият самти асосии амалҳоро, ки ба нигоҳдорӣ ва истифодабарии устувори сармояи табиӣ дар пояи ҷуброни харҷи он аз ҳисоби тавсеаи намудҳои дигари сарватҳо алоқамананд, муайян менамояд.[2]

Дар адабиёти илмӣ барои муайян кардани мазмуни мафҳуми «рушди устувор» равишҳои гуногун мавҷуданд, аз қабили:

- стратегияе, ки ҳалли мутаносиби мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мушкилоти нигоҳ доштани ҳолати мусоиди муҳити зист ва иқтидори

[1] Одинаев Ҳ. А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор / Ҳ. А. Одинаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No 2(2). – Р. 111-128.
[2] Одинаев Ҳ. А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор /Ҳ.А. Одинаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No 2(2). – Р. 111-128.

захираҳои табииро барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳими наслҳои ҳозира ва оянда таъмин менамояд;

– стратегияи ҷомеа, ки амали он имкони гузаштан ба ҳолати баробариро таъмин мекунад;

– консепсияи қадам ниҳодан дар самти ҳамгирой ва воридшавии сиёсати экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ.[1]

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» вобаста ба рушди устувор чунин кайд гардидааст, ки «...Фаъолият ва рушди устувори ҳамаи қисматҳои бахши воқеии иқтисодиёт кафили таъмини амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ва чун натиҷа, амнияти иқтисодии мамлакат мебошанд».[2] Дар ҳуҷҷати мазкур ба ҳалли бартариятноки мушкилоти рӯзмарраи рушди иқтисоди миллӣ, иқтисоди экологии захираҳои табиӣ ва соҳаи кишоварзӣ бартарият дода шудааст:

– «...идоракунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, ки дар афзоиши табиатталабии истеҳсолот, ифлосшавии қисматҳои муҳити табиӣ ва сатҳи баланди талафоти ғайриистеҳсолии маҳсулот, пеш аз ҳама, энергияи барқ зоҳир меёбад;

– тамоили афзоиши хаҷми андӯхташудаи партовҳои саноатӣ ва ифлосшавии захираҳон замину об дар навоҳии саноатӣ, таъсири ногувор ба муҳити атроф аз ҷониби корхонаҳои саноати иктишофи кӯҳӣ идома меёбад;

– набудани баҳисобгирии дурнамои тағйирёбии иқлим дар давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва таъсири он ба рушди устувори мамлакат ва соҳаҳои иқтисодиёт дар оянда»[3] ва ғайра.

Ҳамин тариқ, консепсияи рушди устувор имкони таъмини эҳтиёҷоти ҳаётан муҳими ҷомеаро пешбинӣ менамояд, ки дар он амнияти экологии сайёра ба мушкилоти асосии инсоният табдил ёфта, ҳалли он ҳифзи

---

[1] Печенье С.А. Мифы устойчивого развития / С.А. Печив // Укр. геогр. Журн, 1996. - №1. – С. 49-55.

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 / – Душанбе, 2016. – 86с.

[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2016. – 86с.

кафолатноки биосфераро дар ҳолати мутавозини истеҳсоли захираҳои табиӣ бе берун баромадан аз ҳадди барқароршавии онро дар бар мегирад.

Инчунин, олимони рус В.В. Волошин, В.М. Трегобчук ва дигарон ба он ақидаанд, ки рушди устувор танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки имкониятҳои истифодаи замин, барои ҳамаи мамлакатҳо якҷоя ва дар як вақт ба роҳ монда шавад.[1] Гарчанде қитъаҳо, кишварҳо, ҳудудҳои алоҳида дар ҳақиқат зерсохтори таркибӣ ва хоси биосфераи замин бошанд ҳам, инчунин системаи ягонаи интегралии ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд, ин маънои онро надорад, ки онҳо дар алоҳидагӣ рушди устуворро таъмин карда наметавонанд. Ин раванд имконпазир мебошад, зеро қитъаҳои гуногун, кишварҳо ва минтақаҳои онҳо, инчунин ҳудудҳои алоҳида, дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, техникӣ-технологӣ, истифода ва таъмини захираҳои табиӣ, фишорҳои антропогенӣ ба муҳити зист хеле гуногун мебошанд.

Ба ақидаи В.Д. Бондаренко, мафҳуми «рушди устувор» принсипҳои асосии консепсияи мувозинати экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар ҷиҳатҳои тараққиёти ҷамъият, инчунин идоракунии фаъолияти инсонро инъикос наменамояд. Аниқтараш дар ин маврид истилоҳи «рушди устувор» тавозуни мутавозуни динамикии байни ҷузъҳои табиии ба ҳам вобастаро инъикос менамояд.[2] С.Н. Бабылев ва А.Ш. Ходжаев қайд менамоянд, ки рушди устуворро метавон аз нигоҳи муносибатҳои иқтисодӣ дар миёни одамон: дар дохили насли имрӯза (вобаста ба ин, ҷабҳаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти камбизоатӣ) ва дар миёни наслҳо (ҷабҳаҳои иқтисодӣ) метавон арзёбӣ намуд.[3] Олимони дигари соҳаи иқтисодӣ Ҳ.Р. Исайнов, Қ.А. Содиқов ва Ш.Х. Бобохонова дар самти рушди устувор ақидаҳои худро баён намуда, таъкид менамоянд, ки “...рушди устувор аз се ченак – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ

---

[1] Волошин В.В. Концептуальные основы устойчивого развития регионов/ В.В. Волошин, В.М. Трегобчук // Региональная экономика, 2002. – №1. – С. 7-22.
[2] Бондаренко В.Д. Устойчивое развитие: к вопросу о содержании термина / В.Д. Бондаренко // Карпатский регион и проблемы устойчивого развития: Материалы междунар. научно-практической. конф., посвященной 30-летию Карпат. биосфер. Заповедника (13-15 октября 1998). – Т.1. – Рахов, 1998. – С. 18-20.
[3] Бабылев С.Н., Ходжаев А.Ш. Экономика природопользования: Учебник. – М.: ИНФРА-М, 2004. – XXVI. – 501с.

иборат буда, дар ҳолати ҷиддӣ риояи шудани ин талабот, ҳар яке аз ин ченакҳо метавонанд барои ноил шудан ба рушди устувор, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ замина гузоранд”.[1] Ҳамин тавр, вазифаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ бояд ба принсипҳои рушди устувор, бо назардошти хусусиятҳои экологӣ муайян карда шавад.

Мо чунин мешуморем, ки истифодаи мафҳуми «рушди устувор» ба таври васеъ роҳандозӣ карда шавад, зеро он аз як тараф, воситаи мувозинат дар миёни равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва табиӣ, аз тарафи дигар, таъмини давомнокӣ ва пайвастагии самтҳои инкишофи ҷамъиятиро ба роҳ мемонад. Дар марҳилаи татбиқи принсипҳои рушди устувор, пурзӯр намудани чорабиниҳои экологӣ набояд ба рушди иқтисодӣ - иҷтимоӣ монеа эҷод намояд. Дар таҷриба навъи интенсивию экологии такрористеҳсолкунӣ бояд бартарӣ дошта бошад, ки дар он омилҳои даромаднокӣ дар ҳудуди аз ҷиҳати экологӣ қобили қабул истифода шаванд.

Вобаста ба ин, рушди устувори иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, бояд ба принсипҳои илман асоснокшудаи идоракунии истифодаи экологии захираҳои замин ба роҳ монда шавад. Таҷрибаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ тайи даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки сабаби асосии паст будани самаранокии заминҳои кишоварзӣ дар он аст, ки он аксар вақт бо равандҳои сусти мукаммалгардонии ислоҳот ва ё набудани равишҳо ва механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии он мебошад. Зарурати ташаккули механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи замин, имкон медиҳад, ки самаранокии захираҳои замин таъмин гардад. Ҳамзамон, системаи муносибатҳои заминдорӣ бояд ба рушди устувори экологӣ-иқтисодӣ замина гузорад.

---

[1] Исайнов Х. Р. Формирование «зеленой» экономики в контексте устойчивого развития Таджикистана / Х. Р. Исайнов, К. А. Содиков, Ш. Х. Бобохонова // Экономика и управление: ключевые проблемы и перспективы развития: Материалы XIV международной научно-практической конференции текстовое электронное издание, Краснодар, 22.04.2022/ Под общей редакцией Е.В. Королюк. – Краснодар, – 2022. – С. 95-106.

Вобаста ба ин, бояд масъалаҳои зерини низоми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ҳалли худро пайдо намояд:

– муқаррар намудани ҳамоҳангсозии вазифаҳо ва уҳдадориҳо дар байни сатҳҳои гуногуни идоракунии захираҳои замин;

– мустақилият дар соҳаи танзими муносибатҳои замин, ҳамзамон баланд бардоштани масъулият барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ;

– гузаштан аз системаи тақсимотӣ-директивӣ ба танзими идоракунии системаи истифодаи захираҳои замин.

Ҳамаи ин хусусиятҳо имконият медиҳанд, ки механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар шароити мутаносиби соҳаи кишоварзии кишвар такмил дода шавад. Зери мафҳуми механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ маҷмуи омилҳо, унсурҳо, усулҳо ва воситаҳоро дар назар дорем, ки ба ташкили истифодаи мутаносиби замин бо мақсади таъмини нишондиҳандаҳои муносиби вазифаҳои экологӣ ва иқтисодии заминҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд.

Аз ин рӯ, аз ҷониби муаллиф нақшаи сохторӣ-функсионалии механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин пешниҳод карда шудааст, ки он манфиатҳои экологӣ-иқтисодии истифодабарандагони гуногуни заминҳои кишоварзиро дар бар гирифта, ба ҳам мутобиқ менамояд (Расми 1.2.1).

Мақсади асосии фаъолияти механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ аз мувозинати манфиатҳои субъектҳои гуногуни истифодабарандагони замин дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади ҳифзи муҳити табиӣ ва таъмини истифодаи мутаносиби замин иборат аст.




**Расми 1.2.1. - Нақшаи сохторӣ ва функсионалии механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ**

***Сарчашма: таҳияи муаллиф***

Вобаста ба ин, сохтори механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ҳамчун маҷмуи зерсохторе мебошад, ки барои ноил шудан ба таносуби манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагони замин мусоидат мекунанд.

Сохтори пешниҳодшуда инҳоро дар бар мегирад:

– банақшагирии замин аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои заминдорӣ;

– таҳлил ва назорат аз болои иҷрои фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истифодабарандагони замин;

– арзёбии қитъаҳои замин бо мақсади танзими молиявии истифодаи замин;

– институтсионалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи танзими муносибатҳои замин.

Дар шароити имрӯза шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ дар тартиб додани лоиҳаҳои заминсозӣ, махсусан барои мақсадҳои банақшагирии замин, аҳаммияти ниҳоят калон пайдо мекунад.

Яке аз механизмҳои асосии экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин заминсозӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи заминсозӣ иборат аст, аз барқарор ва муқаррар намудани сарҳадҳои воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин, заминистифодабарандагон ва мустаҳкам намудани хати сарҳад бо аломатҳои марзии намунаи муқарраршуда, ҷорӣ намудани шаклҳои прогрессивии ташкили идораи истифодаи замин, такмил додани сохтор ва ҷойгиркунии замин, гузаронидани бақайдгирии заминҳо ва ошкоркунии мунтазами заминҳои истифоданашуда, ғайриоқилона истифодашаванда ва заминҳое, ки мувофиқи мақсади муайяншуда истифода нагардиданд[1]. Системаи самараноки заминсозӣ ва идоракунии истифодаи экологии захираҳои заминро метавон тавассути механизмҳои зерин ташаккул дод:

– батанзимдарорӣ ба воситаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои татбиқи заминсозӣ ва заминистифодабарӣ дар минтақаҳо;

– банақшагирии маҷмуии истифодаи самаранок ва оқилонаи заминҳо, ҳифзи заминҳо, фароҳам овардани шароитҳои ҳифзи муҳити зист;

– дастгирии давлатӣ ва маблағгузории корҳои аз ҷиҳати экологӣ аҳаммиятноки заминсозӣ вобаста ба рушди инфрасохтори минтақа, мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ ва мубориза бар зидди эрозияи хок;

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи заминсозӣ” аз 29.01.2021с., №1760. – Душанбе, 2021. – 13с.

- роҳандозии сиёсати ягона ва назорати давлатӣ дар самти истифодаи экологии замин ва корҳои заминсозӣ.

Заминсозии муосир бояд ба сохтори агроландшафти заминҳои кишоварзӣ, тавсифи муфассали релеф, ҳифз ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок, ноҳиябандии иқлимиву кишоварзии заминҳо, ҷойгир кардан ва муқаррар намудани мавзеъҳои махсус ҳифзшаванда асос ёбад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки ҳар як қитъаи замин оқилона истифода бурда шуда, сохтор ва ҳаҷми сармоягузориҳои зарурӣ муайян карда шавад, яъне барои ташкили ҳудуди истифодаи заминҳо, дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, ҳангоми тартиб додани лоиҳаҳо ва нақшаҳои заминсозӣ сохтори экологии агроландшафтҳои заминро ба назар гирифтан лозим аст. «...Ҳангоми ба инобат нагирифтани хусусиятҳои экологӣ ва агроландшафтӣ дар раванди ташкили қитъаи заминҳо, ин омил бо мурури замон падидаҳои манфиеро ба вуҷуд меорад, ки ба маҳсулнокӣ ва сифати заминҳои кишоварзӣ таъсир расонида, боиси паст шудани ҳосилнокии замин, зиёд шудани равандҳои эрозия ва инкишофи ярч гардида, ба деградатсияи замин оварда мерасонад».[1]

Бе кадастри давлатии замин фаъолияти самараноки механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ ғайриимкон аст. Кадастри замин механизми асосӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи заминдорон ва заминистифодабарандагон буда, барои ба танзим даровардани воридоти маблағҳо аз ҳисоби истифодаи замин ва даромад аз қитъаҳои заминҳои хоҷагӣ ба буҷети давлат, мусоидат мекунад. «...Дар асоси махзани маълумотҳои кадастрӣ бояд шабакаи иттилоотӣ барои таъмини татбиқи сиёсати ягонаи давлатии замин, баҳодиҳии замин, ташаккули манбаи андоз ва меъёри иҷора таъсис дода шавад. Аммо, дар баробари бақайдгирии кадастрӣ бояд механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳо (қарз, аз ҷумла қарздиҳии

[1] Рахимов М. И. Методологические подходы к формированию и развитию механизма государственного регулирования занятости населения / М. И. Рахимов, Э. Н. Шералиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 5-1. – С. 149-152.

ипотека, субсидия, суғурта) таҳия карда шаванд».[1] Дар асоси маълумотҳои кадастраи замин метавон:

– кафолати ҳуқуқи моликият ба объектҳои замин;

– бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба объектҳои замин ва комплекси амвол;

– ҳалли баҳсҳои замин;

– дастгирии муомилот вобаста ба замин;

– истифодаи заминро таъмин намуд.

Асоси кадастри давлатии заминро нишондиҳандаҳои зерини ахборӣ ташкил мекунанд:[2]

– топография ва геодезия (аниқ муайян кардани ҷойгиршавии объектҳои заминистифодабарандагон ва майдони он);

– экологию ҷуғрофӣ, тавсифи мавқеи географию табиӣ ва унсурҳои он;

– иқтисодӣ, ахбор оид ба хусусиятҳои банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, даромаднокӣ ва арзиш;

– ҳуқуқӣ, дар асоси кадастри замин асосҳои ҳуқуқии истифодабарандагони замин муайян карда шудааст.

Кадастраи замин, инчунин махзани маълумотдиҳии идоракунии истифодаи захираҳои заминро ташкил менамояд. Таъминоти иттилоотии идоракунии истифодаи захираҳои замин бояд унсури асосии ташаккули сиёсати муосири давлат дар самти истифодаи заминҳои кишоварзӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи фоидаовари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бошад.

Дар айни замон вобаста ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, шӯршавӣ ва дигар падидаҳои номусоид, аҳаммияти кадастраи замин, хеле калон мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани хусусиятҳои ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ, бо мақсади андозбандии воқеӣ, пардохти иҷора, муҳайё намудани шароит барои сарфакорона истифода бурдани замин, муҳофизату азхудкунии он ва баланд

---

[1] Третьяк А.М. Земельный капитал: теоретико-методологические базы формирования и функционирования: [монография]. – Львов: СПОЛОМ, 2011. – 520 с.

[2] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XIII (Рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ). – Душанбе: “Ирфон”, 2019. – 450 с.

бардоштани ҳосилнокии хок анҷом дода мешавад. Мувофиқ ба қонунҳои амалкунадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти замин, баҳодиҳии заминҳои кишти обӣ дар 5 сол ва заминҳои кишти лалмӣ дар 10 сол як маротиба гузаронида мешавад.

Асоси ҳуқуқии кадастраи заминро Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунандаи соҳавӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи кодекси мазкур мақсади кадастри давлатии замин «...ин – аз дастрасӣ бо маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад».[1]

Баҳои кадастрии давлатии замин аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ ва мақомоти маҳаллии он гузаронида шуда, усулҳо ва тартиби баҳои кадастрии давлатии заминро бо пешниҳоди мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.[2]

Маълумот аз кадастри давлатии амволи ғайриманқул, ки дорои эътибори ҳуқуқӣ ва мақоми давлатӣ мебошад, барои мақомоти андоз, молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқ, судӣ ва дигар мақомот маълумоти асосии боэътимод буда, моликияти давлат ба ҳисоб меравад. «...Мавҷудияти кадастри давлатии амволи ғайриманқул бештар ба рушди ислоҳоти замин ва ташаккули механизми танзими истифодаи замин мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, масъалаҳои идоракунии замин дар доираи таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарор доранд».[3]

Азбаски робитаи мустақим байни арзиши кадастрӣ ва пардохтҳои андоз мавҷуд аст, мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки тартиби ҳисоб кардани

---

[1] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2022 № 1902. –Душанбе, 2022. – 47с.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин», аз 12.05.07, №262. Душанбе, 2007. – 4с.
[3]Зиёев Б.С. Эффективность использования земельных ресурсов // Вестник национального университета. / Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «СИНО», 2014. – № 2/6 (144). – С.46-47.

андоз ва дигар пардохтҳо вобаста ба истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун механизми асосии танзими давлатии идоракунии экологӣ-иқтисодиии заминҳои кишоварзиро дида бароем.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ чанд шакли ҳисоби андозбандии заминҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Аз ҷумла, ду равиши бунёдии низоми андозбандии амволи ғайриманқулро метавон ҷудо кард: арзишӣ; ғайриарзишӣ.

Муносибати арзишӣ бе назардошти андоз, истифодаи хусусияти иқтисодӣ - арзиши амволро, аз қабили: кадастрӣ, бозорӣ, сармоягузорӣ ё шартӣ (меъёрӣ), ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда муайян карда мешавад, дар бар мегирад. Ҳисобкунии арзишӣ бо усулҳои баҳодиҳии бузургӣ, дар асоси истифодаи муодилаи регрессивӣ амалӣ карда мешавад. Ин равиш ҳангоми баҳисобгирӣ ё дар ҳолати истифода нашудани принсипи беҳтарин ва самараноктар истифода бурдани объектҳои моликияти ғайриманқул, принсипи асосии тамоми фаъолияти нархгузорӣ ба ҳисоб меравад. Баҳисобгирии ин принсип зарурати мустақилона самараноктар истифода бурдани объект ё ба шахси сеюм додани онро бо шартҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи он, мутобиқ ба намуд ҳангоми муайян кардани арзиши шартӣ, истифода мешавад. Истифодаи ин равиш хеле мураккаб буда, баҳодиҳии арзиши шартӣ дар чунин вазъият бо механизмҳои омӯзиши самаранокӣ пурра карда мешавад, аммо бо вуҷуди ин дар кишварҳои Дания ва Шветсия истифода мешавад.[1]

Ҳисоб кардани арзиш бо усулҳои маҷмуӣ бе назардошти ҳолати беҳтарин ва самаранок истифодабарӣ барои Тоҷикистон хос аст, ки бо фаҳмиши андози амвол ҳамчун андоз аз моликияти сармояи мавҷуда асоснок карда мешавад.

Муносибати ғайриарзишӣ истифодаи нишондиҳандаҳои фарсудашавии объектҳои амволи ғайриманқулро ҳангоми муайян кардани андоз, дар бар

[1] Property Tax Regimes in Europe. – Nairobi: UN-HABITAT, 2013. – P. 52.

мегирад: масоҳат, ҳаҷми сохтмон, ки дар он маблағи пардохт бо роҳи дарёфти ҳосили меъёри базавӣ ва нишондиҳандаҳои физикӣ ҳисоб карда мешавад. Муносибат аз нуқтаи назари ҷанбаҳои ташкилии идоракунӣ хеле сода аст, аммо он масъалаҳои арзиши объектҳои дар сохтори шаҳр ва берун аз он ҷойгиршударо ба инобат намегирад. Истифодаи ин равиш имкон медиҳад, ки ягонагии арзиши барои объектҳое, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои физикӣ якхелаанд, ба даст оварда шавад, ки ин принсипи «нодир» будани объектҳои амволи ғайриманқулро вайрон мекунад. Норасоии усули андозбандии таҳлилшуда бо истифода аз омилҳои ислоҳи нишондиҳандаҳо, ки хусусиятҳои хоси амволи ғайриманқулро инъикос мекунанд, аз рӯи нишондиҳандаҳои физикӣ мутаносиб, вале аз рӯи ҷойгиршавӣ фарқкунанда буда, дараҷаи ҳосилхезӣ ва дигар хусусиятҳое, ки сатҳи арзиши объект, фоиданокӣ ва истифодабарандаи ниҳоии онро муайян мекунанд, бартараф карда мешаванд. Намунаҳои истифодаи усули ғайриарзишӣ бо мақсади андозбандӣ дар Озарбойҷон, Албания, Ветнам, Босния ва Ҳерсеговина, Нигерия, Полша, Украина, Хорватия, Ҷумҳурии Чехия, Чили инчунин, дар баъзе давлатҳо Белоруссия, Қазоқистон, Молдова, Руминия, Сербия, Гурҷистон ин равиш танҳо нисбат ба андозбандии қитъаҳои замин татбиқ карда мешавад.[1]

Мутобиқ ба қонунгузории амалкунандаи мамлакат, системаи кадастри замини Тоҷикистон тамоми замини ҷумҳуриро новобаста ба истифодабаранда ва категорияашон пурра дар бар гирифта, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: батанзимдарории муносибатҳои заминдорӣ ва истифодаи замин, ҷорӣ кардани сиёсати молиягузорӣ ва андозситонии давлатӣ.

---

[1] Property Tax Regimes in Europe. - Nairobi: UN-HABITAT, 2013. – P. 9-11, Norregaard J. Taxing Immovable Property: Revenue Potential and Implementation Challenges / IMF Working Paper P. 24 [ http://www.imf.org/external/pubs/ft/wp/2013/wp13129.pdf ] . Обзор по всем странам – см. Land and property tax: A Policy Guide. – Nairobi: UN-HABITAT, 2011. – P. 59-60.




***Расми 1.2.2.- Вазифаҳои асосии арзиши кадастрӣ***
***Сарчашма:таҳияи муаллиф***

Муносибатҳои гуногунҷанбаи хусусиятҳои иқтисодии таҳлилшуда дар якҷоягӣ бо ҳадафҳои дар боло зикршуда тавассути маҷмуи функсияҳои арзиши кадастрӣ баррасӣ карда мешаванд (Расми 1.2.2.). Вазифаҳои муқарраршудаи арзиши кадастрӣ аҳаммияти онро дар ҳама сатҳҳои идоракунии амволи ғайриманқул, инчунин дар заминаи заминсозӣ ҳамчун унсурҳои алоҳидаи амволи ғайриманқул муайян мекунанд.

Вазифаҳои муайяншудаи арзиши кадастрӣ, баррасии тағйироти қонунгузорӣ дар соҳаи баҳодиҳии кадастрӣ ва муқаррароти асосии зикршуда аҳаммияти ин нишондиҳандаро дар системаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ нишон медиҳанд.

Мақомоти марказӣ оид ба идоракунӣ ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои марбут ба корҳои давлатии заминсозӣ, кадастри замин, топографӣ-геодезӣ, аэрокайҳонӣ, харитасозӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин, назорати давлатии корҳои топографӣ - геодезӣ ва харитасозӣ,

Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баҳисобгирии замин аз ҷониби ду зерсохтори кумита (Институти давлатии лоиҳакашии заминсозии «Тоҷикзаминсоз» ва Институти лоиҳакашию тадқиқотии «Фазо» аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ роҳандозӣ менамоянд. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2021 аз ҷониби Институти лоиҳакашӣ-тадқиқотии “Фазо” корҳои заминсозӣ ва кадастри давлатии замин аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба маблағи 2 миллиону 503 ҳазор сомонӣ анҷом дода шудааст.[1]

Баҳисобгирии замин дар маҳалҳои аҳолинишин, сар аз соли 2005 инҷониб барои деҳаҳо, ноҳияҳо ва шаҳракҳо гузаронида мешавад, ки қаблан (ҳатто дар замони Иттиҳоди Шуравӣ) дар маҳаллаҳо корҳои кадастрӣ гузаронида намешуд. Зеро то аввали солҳои 90-ум дар шаҳрҳо шуъбаҳои кадастрӣ вуҷуд надоштанд, корҳои заминсозӣ ва ҷудо кардани заминро мақомоти меъморӣ иҷро мекард.

Маводҳои картографӣ яке аз манбаъҳои асосии кадастри давлатии замин барои ба даст овардани маълумоти дақиқ дар бораи ҷойгиршавӣ ва сарҳади қитъаи замин, истифодаи замин, намудҳои категория ва майдони замин мебошанд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷумҳурӣ аэрофотосуратгирӣ, ки дар асоси он пластинкаҳои суратгирӣ ва маводҳои картографӣ омода карда мешуданд, ба роҳ монда нашуд. Бояд гуфт, ки аз соли 2008 дар Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашӣ-тадқиқотии «Фазо» технологияи нави таҳияи харитаҳои рақамӣ ҷорӣ карда шудааст. Моҳияти техникаи нав дар кор карда баромадани суратҳои спутникии стансияи фотограмметрӣ ва бо системаи координатаҳо пайваст кардани онҳо мебошад. Бо ин мақсад дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар системаи координатаҳои ITRF -2005 (таснифнашуда) шабакаи геодезии радифии синфҳои I ва II ташкил карда шудааст.[2] То имрӯз ба шарофати ин технология зиёда аз 40 ҳазор метри мураббаъ (1/3 ҳудуди

---

[1] Ҳисоботи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он барои соли 2021. (https://zamin.tj ).

[2] Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашӣ-тадқиқотии «Фазо». – Душанбе, 2021. – С.8.

Тоҷикистон) баҳодиҳӣ карда шуд, асосан дар қисмате, ки шиддатнокии корҳои кадастрӣ бештар аст, харитаҳои ортофотомӣ (материали картографӣ) омода карда шудаанд, ки дар кадастри давлатии замин ва бақайдгирии амволи ғайриманқул истифода хоҳанд шуд. Бояд гуфт, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар системаи координатаҳои Пулково - 42 ва - 63 маводҳои картографӣ омода карда мешуданд, вале аз сабаби муҳри «махфӣ» доштанашон, одамон онро истифода бурда наметавонистанд.

Захираи ягонаи иттилоотӣ оид ба замин ва амволи ғайриманқул барои ҳалли масъалаҳо, пеш аз ҳама ба ташкили платформаи рақамӣ, ки метавонад тамоми маълумоти мавҷуда дар бораи субъектҳои ҳудудӣ ва объектҳои фазоии дар онҳо ҷойгиршударо дар доираи ҳамкории байниидоравии иттилоотӣ муттаҳид ва муқоиса намояд, кумак хоҳад кард.

Ҳангоми дастрас будани маълумотҳои вобаста ба қитъаи заминҳои истифодашаванда, сармоягузорон маълумоти муфассал вобаста ба хусусият, ҳолати мелиоративии заминҳо, эрозияи хок ва ё ба деградатсия ё шӯр будани қитъаи замин пайдо намуда, ҳангоми сармоягузорӣ ба таваккалӣ аз даст додани маблағ рӯ ба рӯ намегарданд.

Ҳамин тавр, дар самти қонунгузорӣ ва баҳодиҳии арзиши кадастраи заминҳои кишоварзӣ як қатор норасоиҳо ба чашм мерасанд: омилҳои экологӣ (динамикаи тағйирёбии ҳолати таркибии муҳити табиӣ дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳосилхезии табиию иқтисодӣ ва самти ташаккули хок, деградатсияи замин ва ифлосшавии компонентҳои муҳити зист, усули аз ҷиҳати экологӣ мусоиди мелиоратсияи хок ва маҷмуи чорабиниҳои ба вуҷуд овардани он), ки дар натиҷа боиси кам шудани ҳосили заминҳо шуда, асоси зиёд кардани арзиши кадастрӣ мегардад.

Роҳи тӯлонии ислоҳоти масъалаҳо ва дастурҳо оид ба ҳисоб кардани арзиши кадастрӣ, далели номукаммал будани ин равандро инъикос мекунад, ки ҳангоми баҳодии арзиши кадастрии амволи ғайриманқул нишондиҳандаҳо нодуруст ва беасос ба даст оварда мешавад, ки аз вазъи кунунии бозор ва ҳолати имрӯзаи заминҳо фарқ мекунад. Мушкилоти маъмултарине, ки дар

таҷрибаи судӣ инъикос меёбанд, ин номутобиқатии байни нишондиҳандаҳои тасдиқшуда дар асоси арзиши кадастрӣ ва андозаи арзиши бозории объектҳои арзёбишуда мебошад, ки такмил ва таҳияи усулҳои ҳисобкунии арзиши қитъаҳои заминро дар шароити инкишофи системаи идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ тақозо мекунад.

### 1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти идоракунии экологӣ-иқтисодии захираҳои заминҳои кишоварзӣ

Мушкилоти экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ ва раванди батанзимдарорӣ ва идоракунии онҳо тайи даҳсолаи охир хусусияти ҷаҳонӣ касб намуда, зери назари ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Истифода ва коркарди захираҳои табиӣ ва дар ин баробар нарасонидани зарар ба экосистемаи табиӣ, агроландшафтҳои табиӣ, механизмҳои нави идоракуниро дар ҷаҳони имрӯза тақозо менамояд. Новобаста аз он ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба рушди устувори давлатҳо ва истифодаи захираҳои замину об дар сатҳи ҷаҳонӣ чорабиниҳои зиёде амалӣ карда мешавад, лек дар бисёр давлатҳои ҷаҳон истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ ва партофти газҳои рӯдхонаӣ ба ҳавои атмосферӣ ба вайрон шудани экосистемаи табиӣ ва гармшавии иқлим оварда расонид. Бояд қайд намуд, ки аксари кишварҳои пешрафта дар соҳаи идоракунии муҳити зист, истифодаи заминҳои кишоварзӣ, рушди экологии соҳаи кишоварзӣ аллакай ба натиҷаҳои мусбӣ ноил шудаанд. Бояд гуфт, ки дар ин раванд аз ҷониби давлатҳои пешрафта усулҳои гуногун вобаста ба ҳалли мушкилотҳои идоракунии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба кор бурда шудааст, ки ҳар як усулҳо хусусияти худро дошта, самараи хуб ҳам ба бор овардааст.

Оқибатҳои иқтисодӣ ва экологии истифодаи самараноки захираҳои замин дар се даҳсолаи охири асри бистум бисёр кишварҳоро таҳдид ба биёбоншавӣ, деградатсия ва эрозияи хок, норасии об дар соҳаи кишоварзӣ намуда, ба кам шудани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ оварда расонидааст. Ин таҳдид як қатор кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Чин, Ҷопон ва дигар кишварҳоро водор сохт, ки муносибатҳои истифодаи оқилонаи захираҳои

заминро дар соҳаи кишоварзӣ, яъне барои обёрии заминҳо дубора баррасӣ намоянд. Моҳияти он дар муқаррар намудани арзиши афзалиятноки захираҳои замин ҳамчун омили асосии баланд бардоштани устувории маҳсулнокии зироатҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолии босуръат афзояндаи ҷаҳон ба маҳсулоти хӯрокворӣ иборат аст. Дар баробари ин механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин маҳаки асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, эҳтиёҷоти ҷамъиятро қонеъ гардонида, амнияти озуқавориро таъмин менамояд.

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар соҳаи агарарӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои мутараққӣ танзими давлатии истифодаи эклогии захираҳои замин дар ташаккули идоракунии заминҳои кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Механизми танзими муносибатҳои давлатии замин тавассути чунин тадбирҳо, аз қабили «...иктишофи топографию геодезӣ ва заминсозӣ, арзёбии замин, муайян кардани арзиши қитъаи замин, таъминоти иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии амалиёт бо қитъаҳои замин, ташкили истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ, амалӣ карда мешавад».[1]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки самараи бештари экологӣ-иқтисодиро ҳангоми истифодаи якҷояи (омехтани) усулҳои маъмурию иқтисодӣ дар танзими истеҳсолот ва фаъолияти ҳифзи замин ба даст овардан мумкин аст.[2] Дар асоси ин мулоҳизаҳо, таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин бо мақсади мутаносиб намудани тақсимоти онҳо ва самаранок истифодабарии онҳо дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон ҷолиб аст.

Талабот оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ қисми ҷудонашавандаи қонунгузорӣ дар соҳаи замини давлатҳои

---

[1] Киселева С.П. Эколого-ориентированный подход к использованию вторичных ресурсов в АПК в условиях технологического развития / С.П. Киселева, Л.В. Маколова // Интернет-журнал «Науковедение». – 2016. – Т. 8. – № 3 (34). – С. 34.

[2] Зиёев Б.С. Механизм формирования устойчивого землепользования в аридном регионе. – Душанбе: «Дониш», 2021. – 192с.

пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Чехия, Олмон, Португалия, Полша, Швейтсария, Австралия, Канада, Зеландияи Нав ба ҳисоб меравад. Иёлоти Муттаҳидаи Америка сиёсати дастгирии истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, ҳифзи хок ва истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзиро пеш мебарад. Истифодаи мақсадноки захираҳои заминро дар минтақаҳои кишоварзӣ таҳти назорат гирифта, дар он ҷо қонун дар бораи муҳофизати хоҷагиҳо қабул карда шуда, амалӣ мегардад. Дар асоси қонунҳои амалкунандаи ИМА барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин ва аз омилҳои зараровар, аз қабили истифодаи нодуруст, ки ба эрозия ва деградатсияи замин оварда мерасонад, тадбирҳои маъмурию иктисодӣ дида мешавад.

Дар ИМА Вазорати кишоварзӣ чорабиниҳоро оид ба тадқиқи заминҳои кишоварзии давлатӣ, арзёбии сифати хок ва заминҳо, банақшагирӣ ва татбиқи барномаҳои идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои замин, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нигоҳдории агроландшафтҳо ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, рушд додани истифодаи оқилонаи замин, додани машварат ба истифодабарандагони замин, рушд додани ҳамкориҳои байналхалқӣ ва ҷоннок намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ амалӣ менамояд.

Барои татбиқи чорабиниҳо вобаста ба идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар ИМА шаклҳои зерини ҳавасмандгардонии иқтисодӣ васеъ паҳн шудааст:

– андозбандии имтиёзнок дар заминҳои кишоварзӣ мувофиқи минтақаҳои онҳо;

– пӯшонидани хароҷот ҳангоми таҳия ва татбиқи технологияи инноватсионӣ вобаста ба самти нигаҳдорӣ ва ҳифзи хок, роҳандозии тадбирҳо зидди эрозияи хок, мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ ва ғайра;

– фаъолияти заминсозӣ ҳамчун яке аз шартҳои иштирок дар барномаҳои давлатии ҳифзи замин ва рушди устувори ҳудудҳо (мавҷудияти лоиҳаи заминсозӣ ва ҳифзи табиат);

– дар сурати ба дигар мақсадҳо истифода бурдани қитъаи замин, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд нест ва инчунин аз истеҳсолоти кишоварзӣ берун баровардани заминҳо, зарари расонидаро заминистифодабаранда ҷуброн менамояд.[1]

Инчунин, дар ИМА вобаста ба идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ба мақсади ҳифз ва нигаҳдории заминҳо аз партовҳои агрохимиявӣ, шаҳодатномаи агрохимиявии заминҳои корам мувофиқи стандартҳои давлатии мавҷуда гузаронда мешавад.

Маблағҳое, ки аз ҳисоби пардохти андози замин ва иҷора барои истифодабарии замин ба буҷа дохил мешаванд, барои иҷрои тадбирҳои муҳофизати замин равона карда шуда, имкон медиҳад на танҳо бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо пешгирӣ карда шавад, балки ифлосшавии минбаъдаи муҳити зист низ аз байн равад. Дар Иёлоти Муттаҳида ҳадафҳои муҳити зист аз ҷониби Агентии федералии ҳифзи муҳити зист муқаррар карда шуда, сипас ҳар як иёлот барои татбиқи онҳо чораҳои мушаххас пешниҳод мекунад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ ба нақшаҳои рушди саноат ҳамроҳ карда мешавад.[2]

Барои таъмини рушди устувор дар Иёлоти Муттаҳида, дар доираи равиши экосистема, барномаи “Технологияҳои ҳалли мушкилоти байналмилалии муҳити зист" ва "Стратегияи миллии технологияи экологӣ" қабул карда шудааст, ки тибқи он мақомоти федералӣ чорабиниҳоро вобаста ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои табиӣ, идоракунии захираҳои замин, рушди иқтисодиёт, савдо, тадқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоии деҳот

---

[1] Куламихина И. В. Организация землеустройства на землях сельскохозяйственного назначения за рубежом [Электронный ресурс] / И. В. Куламихина, Н. С. Инютина // Электрон. науч.–метод. журн. Ом. ГАУ. – 2017. – № 1. – Режим доступа: http://e–journal.omgau.ru/index.php/2017/1/35–statya–2017–1/794–00329. – Дата доступа: 08.07.2019.

[2] Ибатулин Ш.И. Механизм управления земельными отношениями в контексте обеспечение устойчивого развития / Ш.И. Ибатулин, А.В. Степан. А.В. Сакаль [и.др.]. – М.: Государственное учреждение "Институт экономики природопользования и устойчивого развития национальной академии наук Украины ", 2012. – 52с. – С. 38.

татбиқ менамоянд.[1] Аз ин бармеояд, ки дар ИМА идоракунии экосиситема ҳамчун омили асосии таъминкунандаи рушди устувори соҳаи иқтисодӣ алалхусус соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки истифодаи таҷрибаи ИМА барои идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон муфид хоҳад буд. Таҳлили таҷрибаи ИМА имкон медиҳад, ки самтҳои мусбати онро пешниҳод намоем:

– дар ноҳияҳои кишоварзӣ бунёди хонаҳо ва корхонаҳои саноатӣ қатъиян манъ мебошад;

– шароити хуб барои нигоҳдорӣ ва баландбардории ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ муҳайё карда шудааст;

– идоракунии раванди экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ хуб ба роҳ монда шудааст;

– фермерон ду манбаи даромад доранд: аз ҳисоби фурӯши маҳсулот ва пардохтҳои давлатӣ;

– ҳукумат деҳқононро аз хавфи марбут ба фурӯши мол дар бозор муҳофизат менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз ҷанбаҳои муҳим дар идоракунии захираҳои замин дар кишварҳои пешрафта ин пешниҳоди кафолатҳои муайян ва ҳавасмандии давлатӣ ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар ИМА субсидияи қувваи барқ ба истифодабарандагони маҳалҳо ва ноҳияҳои ба истеҳсолоти кишоварзӣ машғулбуда пешниҳод карда мешавад, ки як шакли ҳавасмандӣ дар самти кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар Австралия бошад заминҳои кишоварзӣ аз андози замин пурра ва дар Амрикои Шимолӣ қисман озоданд. Дар Британияи Кабир хоҷагиҳо аз андози амвол озод карда мешаванд.

Идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар Исроил вобаста ба хусусиятҳои гуногуни табиӣ ва иқлимӣ роҳандозӣ карда мешавад. Қисми зиёди ҳудуди заминҳои онро биёбон ва нимбиёбон ташкил медиҳанд,

---

[1] Шашула Л., Третьяк Н. Земельное богатство: незадействованный актив, 2016 – Электронный ресурс - [https://studlib.org.ua/index.php/eprs/article/download/.../58].

ки тибқи барномаҳои давлатӣ онҳо марҳила ба марҳила аз худ карда шуда, ба гардиши кишоварзӣ ворид карда мешаванд. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ тақрибан 20% масоҳати умумии кишварро ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ва сохтмони деҳот ба танзим дароварда мешавад. Замин моликияти давлат буда, барои истифода ба муҳлати то 99 сол ба иҷора дода мешавад.

Соҳаи кишоварзӣ дар Исроил интенсивӣ ва самаранок буда, ба воситаи он захираҳои маҳдуди табиӣ (пеш аз ҳама заминҳои обӣ ва ҳосилхез) бо роҳи ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар ҳамкори бо олимон, деҳқонон ва соҳаи саноат паҳн карда мешавад. Саҳми муҳими идоракунии заминҳо ин обёрӣ намудани заминҳои лалмӣ ба ҳисоб меравад, ки сиёсати асосии Исроил дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ин вазифаҳо бо роҳандозии технологияи инноватсионӣ, ба воситаи усулҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба амал бароварда шуда, тайи 30 соли охир ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд.

Биёбони Негев воқеан дар тӯли садаи гузашта коҳиш ёфт, зеро фаъолияти кишоварзӣ заминҳои лалмиро ба майдонҳои сабз табдил додааст, баръакси тамоюли биёбоншавӣ, ки аксари кишварҳои дорои иқлими хушк бо он мубориза мебаранд. Дар он ҷо барномаи махсус амалӣ карда мешавад, ки самтҳои зеринро дар бар мегирад:

– *заминҳои хушк ва беоб* – мубориза бо обхезӣ, ҷамъ овардани маҷрои муваққатии рӯизаминӣ, коркарди обҳои партов ва истифодаи такрории оби партови тозашуда барои обёрии зироатҳо, идоракунии растаниҳои табиӣ ва зироатҳои истифодашаванда, аз ҷумла таҷрибаҳои ба роҳ мондани зироатҳои ба хушксолӣ ва намак тобовар ва хоҷагии гармхонаҳо;

– *заминҳои нимхушк* – раванди чаронидани чорво дар чарогоҳҳо бо мақсади пешгирии эрозияи замин ва нобуд шудани растаниҳо, назорат карда шуда, рушди моҳипарварӣ бо истифода аз обҳои зеризаминии минералӣ, инчунин бунёди боғҳо, ки бо оби партови тозашуда таъмин мешаванд, ба роҳ монда шудааст;

– *заминҳои хушки намнокии миёна* – барқарор намудани заминҳои шуршудаи кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои обӣ бо мақсади пешгирии деградатсияи замин.[1]

Дар Исроил 80 фоизи захираҳои обӣ ба шимол ва танҳо 20 фоизи он ба ҷануб рост меояд. Аз ин рӯ, дар он ҷо принсипҳои махсуси обёриро ба роҳ мондаанд, ки системаи обёрӣ бояд шароити табиию иқлимии маҳалро ба назар гирифта, дар навбати аввал барои бартараф намудани фарқи байни минтақаҳои дорои захираи кофии об ва заминҳои хушке, ки аксари онҳо аз нарасоии об танқисӣ мекашанд, кӯшиш намояд.

Аввалан, системаи обтаъминкунӣ бояд ҳангоми набудани боришот ва хушксолӣ омодаи тобистон шавад ва заминҳоро бо об таъмин кунад. Оби барзиёди дарёҳо, рӯдҳо ва чашмаҳо бояд дар обанборҳо, инчунин дар обанборҳои зеризаминӣ ва сунъӣ бо мақсади минбаъд обёрӣ намудани заминҳо ҷамъ карда шавад. Дуюм, кашонидани об ба воситаи қубурҳо бояд зери фишор сурат гирад. Ин усул, гарчанде ки хароҷоти зиёди молиявиро талаб мекунад, вале имкон медиҳад, ки мураккабии релефи топографиро бартараф ва талафоти обро кам карда, он тақсимоти мутавозин ва «одилона»-и обро байни истеъмолкунандагон кафолат медиҳад. Сеюм, банақшагирӣ бояд ҳамаҷониба бошад. Ба ибораи дигар гӯем, дар лоиҳаҳои таъминоти об бояд афзоиши аҳолӣ, инчунин тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ба назар гирифта шаванд.[2]

Дар бахши кишоварзӣ ва идоракунии истифодаи захираҳои замин, аз ҳисоби такмили технологӣ дар усулҳои обёрӣ, аз ҷумла обёрии обпошӣ, обёрии қатрагӣ бо системаҳои идоракунии компютерӣ ва автоматикунонидашуда, истифодаи такрории оби ошомиданӣ ва тоза кардани оби партов ба

---

[1] The path toward sustainable development in Israel [Electronic resource] // State of Israel Ministry of Environmental protection, 2018. – URL http://www.sviva.gov.il/InfoServices/ReservoirInfo/DocLib2/Publications/P0401-P0500/P0463.pdf (date of access: 20.06.2021).

[2] Орловский Н. С. Роль технологии в предотвращении процессов опустынивания в Израиле // Н. С. Орловский, И. С. Зонн / Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1. Экономика и управление, 2019. № 3 (30). – С. 48-66.

роҳ монда шудааст. Обёрии қатрагӣ нисбат ба дигар усулҳои обёрӣ бартарии зиёд дошта, вақти рӯз, хосиятҳои замин, зичии кишт, нишебии киштзорро ба назар мегирад, ки ба иқлими Тоҷикистон хело созгор буда, самаранокӣ ва сарфакории обёриро таъмин менамояд. Таҷрибаи идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминро дар Исроил омӯхта, ҷиҳатҳои мусбати онро пешниҳод менамоем:

– дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, алалхусус, истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ хуб ба роҳ монда шудааст;

– истифодаи гармхонаҳо васеъ ба роҳ монда шуда, ба ғайр аз зироатпарварӣ, гармхонаҳо дар соҳаи тухмипарварӣ, парвариши ниҳолҳо ва растаниҳои ороишӣ, моҳипарварӣ ва гулпарварӣ фаъолона истифода мешаванд;

– истифодаи обро дар соҳаи кишоварзӣ мақсаднок ташкил намуда, обҳои зиёдро дар обанборҳои сунъӣ нигоҳ дошта, ба минтақаҳои хушк тариқи насосҳои обкашонӣ интиқол медиҳанд. Инчунин, обҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашударо бо мақсади вайрон накардани таркиби хок аз нав тоза намуда, боз барои обёрии заминҳо равона мекунанд;

– пешбурди кишоварзии органикӣ вобаста ба кам намудани партовҳои экологӣ роҳандозӣ гардидааст. Кишоварзии органикӣ тақрибан 1,2% тамоми маҳсулоти кишоварзиро дар Исроил ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он ба хориҷи кишвар содирот мешавад. Дар солҳои охир, кишоварзии органикӣ ба яке аз бахшҳои босуръат рушдёбанда табдил ёфта, афзоиши солонаи он 25 фоизро ташкил медиҳад;

– таҷрибаи бой дар самти истифодаи заминҳои биёбоншуда дошта, дар давоми 70 соли мавҷудияти худ ба ӯ муяссар шуд, ки масъалаҳои дар заминҳои биёбон парвариши маҳсулоти кишоварзиро ҳал намояд.

Ҳамин тавр, дар пасманзари мушкилоте, ки давлатҳои ҳамсоя аз сар мегузаронанд, муваффақияти Исроил дар мубориза бо биёбоншавӣ ва ташкили системаи истифодаи самаранок ва сарфакоронаи об боварибахш ба назар мерасад. Модели рушди биёбони Исроил имкон медиҳад, ки коҳиши

равандҳои биёбоншавиро тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва каммасрафи захиравӣ, омӯхта дар амал татбиқ намуд.

Раванди идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои соҳаи кишварзӣ дар Олмон хуб ба роҳ монда шудааст. Дар он ҷо ба мисли Исроил, Англия ва дигар давлатҳои Аврупо, замин ба муҳлати то 99 сол ба иҷора дода мешавад, ки таъсири калон ба ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар сохтори хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ мерасонад. Вобаста ба рушди устувор нигоҳ доштани экосистема ва бо мақсади дар ҳолати хуб нигоҳ доштани сатҳи ҳосилхезии хок ва ҳифзи он тадбирҳо андешида шуда, оид ба паст кардани эрозияи хокӣ ва обӣ, инчунин деградатсияи заминҳо аз усулҳои зерин истифода бурда мешаванд: машваратӣ-таълимӣ ва иқтисодӣ (субсидия), ки аз миёни инҳо усули охирин самараноктар мебошад.

Инчунин, дар он ҷо барномаи "Нигоҳдории соҳаи кишоварзӣ" амал мекунад, ки дар доираи он чорабиниҳо вобаста ба коркарди бехатари хок, нигоҳдории сатҳи ҳосилнокии замин ва истифодаи экологии он гузаронида мешавад. Сиёсати давлатӣ вобаста ба ҳифз ва нигоҳдории иқтидори кишоварзии он ҷо амал мекунад, ки ба дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ равона карда шуда, дар ин баробар нигоҳ доштани мувозинати экологӣ ва вайрону халалдор накардани он, назорат карда мешавад.[1] Ҳамин тариқ, идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар Олмон бо присипҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ-экологӣ нигаронида шудааст, ки ба рушди устувори иқтисодии кишвар муассир мебошад.

Дар Англия масъалаи идоракунии истифодаи захираҳои замин, ки бо азхудкунии заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани заминдорӣ ва истифодаи он вобаста аст.

[1] Юшкова О. О. Международная практика налогообложения земельных участков в Германии, Японии и США / О. О. Юшкова // Юридические науки, правовое государство и современное законодательство: сборник статей Международной научно-практической конференции, Пенза, 10 февраля 2018 года. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2018. – С. 97-104.

Муносибатҳои замин дар Англия аслан дар асоси моликияти хусусии замин ташаккул ёфта, фурӯши замин ба шаҳрвандони хориҷӣ манъ мебошад. Идоракунии муосири муносибатҳои замин дар Англия аз нуқтаи назари истифодаи замин, банақшагирии заминро бо мақсади истифодаи оқилона, муқаррар кардани маҳдудиятҳои истифодабарӣ пешбинӣ намуда, ба се категория ҷудо мешавад:

– идора намудани масоҳати заминҳо, истифода ва минтақабандии онҳо;

– идоракунӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои васеътари банақшагирӣ, аз ҷумла ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав, обёрии заминҳои лалмӣ, мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ;

– таъсири истифодаи заминҳои нав ба муҳити зист ва нигоҳ доштани он бо мақсади расонидани таъсири манфӣ дар доираи қонунгузорӣ. Ғайр аз ин давлат ба иҷорагирандагон дар сурати яктарафа қатъ намудани шартномаи иҷора, кафолати ҷуброни зарарро медиҳад. Инчунин барои нигоҳ доштани сифати хок ва беҳтар намудани ҳолати экологии он маблағ лозим бошад, давлат он миқдор маблағро пешниҳод менамояд.

Дар Англия ба фермероне, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар заминҳои мелиоративӣ ба роҳ мемонанд, аз ҷониби давлат субсидия дар ҳаҷми 50% хароҷот барои обёрӣ ва тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо намударо ҷуброн менамояд.[1] Иттиҳоди Аврупо дар Англия таҳияи тадбирҳои ҳифзи захираҳои заминро барои кам кардани равандҳои деградатсияи хок, сертификатсияи агрохимиявии заминҳои корам ва ҳифзи ҷангалро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, барои идоракунии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ дар Англия банақшагирии дурнамои истифодаи он бо принсипҳои иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, ҳангоми танзими дохилии муносибатҳои замин ба инобат гирифта мешавад.

[1] Исайнов Х.Р. Инвестиция в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования / Х.Р. Исайнов, П.Ф. Арабов // – Душанбе: “Типографии ТНУ”, 2021. – 192с.

Раванди идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Шветсия тибқи принсипҳои рушди устувор роҳандозӣ шуда, барои баланд бардоштани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ самаранокии экологии истифодаи онҳо, як қатор барномаҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Тибқи барномаи давлатӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ва деҳқонону хоҷагидорон маблағи муайян ҳамчун ҷуброни зарар барои аз ҷониби онҳо шудгор накардани заминҳои назди дарёҳо, обанборҳо, ҷангалзорҳо пардохт карда мешавад. Ин ба зиёд шудани майдони заминҳое, ки назди об дуртар мусоидат намуда, барои ташкили инфрасохтори ирригатсионӣ ва сохтмони иншоотҳои обрасонӣ замина фароҳам меорад. Маблағгузории молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҷумлаи истифодаи экологи замин дар Шветсия аз арзиши бозории маҳсулот 1,5 - 2 маротиба зиёдтар мебошад.

Дар Ҷопон раванди идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ хуб ташкил шуда, нисбат ба заминҳои корам хеле сарфакорона ва ҳадафмандона муносибат мекунанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши масъалаҳои дастгирии давлатии деҳқонони Япония дар бобати рӯёндани маҳсулоти асосии соҳаи кишоварзӣ - шолӣ инҳо ошкор гардиданд. Ба як воҳиди замини корам ва зироатҳои шолӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои шолипарвар (Чин, Индонезия, Камбоҷа, Малайзия, Ветнам ва ғайра) кӯмаки буҷетӣ чанд маротиба зиёд аст. Ба шарофати дастгирии баланди давлатӣ деҳқонони Япония 50 - 60 фоиз талаботи бозори худро бо маҳсулоти биринҷ таъмин менамоянд.[1] Ғайр аз ин, ҳукумати Япония бо истифода аз дигар механизмҳои таъсиррасонӣ воридоти маҳсулоти биринҷро аз давлатҳои ҳамсоя маҳдуд намуда, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро бо ин роҳ дастгирӣ менамояд.

Инчунин аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон механизмҳои ҳифзи заминҳои корам истифода бурда мешавад. Масалан, дар минтақаҳои истеҳсоли шолӣ

---

[1]Кибиров А. Я. Механизмы адаптации и использования передовых форм инвестиционной деятельности сельского хозяйства зарубежных стран в отечественной практике / А. Я. Кибиров, А. Э Сагайдак // Экономика сельского хозяйства России. – 2019. – № 9. – С. 97-104.

таҳримҳои иқтисодии дохилидавлатӣ барои иҷро накардани усулҳои парвариши шолӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, амалӣ карда мешаванд. Яъне, агар дар минтақаҳо, вилоятҳои кишоварзии истеҳсолкунандаи шолӣ дар сохтори зироатҳои кишоварзӣ, кишти шолӣ зиёда аз 50 %-ро ташкил диҳад, (тибқи меъёрҳои мавҷудаи онҳо кишти шолӣ бояд аз 45 – 50 %-и зироатҳои кишоварзиро ташкил диҳад) пас субъектҳои хоҷагидории ин минтақа (сарфи назар аз он ки баъзе аз онҳо тибқи талабот киштро ба роҳ мондаанд) ҷарима баста мешаванд. Аксар вақт андозаи ин таҳримҳои иқтисодӣ бо ҳаҷми маблағи дастгирии буҷетӣ, ки ба истеҳсоли шолии хоҷагиҳои вилоят алоқаманд аст, баробар мебошад.

Ба ақидаи мо ин механизмҳои идоракунии сохтори заминҳои кишоварзӣ вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, картошка, пиёз, шолӣ, ки маҳсулоти ниёзи аввалия ба ҳисоб мераванд, бояд онро хубтар омӯхта, дар амалияи соҳаи кишоварзии мамлакат татбиқ намудан зарур мебошад. Ин механизмҳо дар минтақаҳое, ки истифодаи замин ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст, мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ хело муҳим мебошад. Чунки истифодаи дурусти сохтори таҳримҳои иқтисодӣ барои вайрон кардани қоидаҳои истифодаи усулҳои парвариши зироатҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи замин, аз ҷониби давлат маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Танҳо аз сохторҳои давлатӣ назорати доимӣ ва идоракунии пайвастаи онро талаб менамояд. Дар ин маврид, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хуб роҳандозӣ шуда, ҳолати деградатсия ва эрозияи замин кам шуда, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъмин карда мешавад.

Хусусиятҳои хоси идоракунии экологӣ - иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар марказонидани идоракунии обёрии заминҳои кишоварзӣ ва комплекси хоҷагии об ба ҳисоб меравад. Сатҳи танзими давлатӣ баланд аст, вале он ба рушди механизми бозорӣ мусоидат намуда, манфиатҳои соҳибкоронро низ ба инобат мегирад. Он ба кор карда

баромадани технологияи нави обёрии заминҳои кишоварзӣ, таъминоти илмию техникӣ дар раванди обёрии заминҳо, ба тартиб андохтани талаботи об ва идоракунии системаҳои калони обёрӣ бо шаклҳои коллективии хочагидорӣ ва иҷоравии замини системаҳои давлатии мелиоративӣ нигаронида шудааст. Инчунин тавассути ташкили фондҳо ва маблағгузорӣ махсус барои азнавсозии майдонҳои обёришаванда, барқарор ва нигоҳ доштани инфрасохтори обёришаванда, инкишофи ирригатсия ва ба ҷойи кор таъмин намудани мардуми дар минтақаҳои баландкӯҳ ва деҳотҳои дурдаст зиндагикунанда равона карда мешавад.

Фондҳои асосии мелиоративӣ аз ҳисоби маблағҳои давлат ташкил карда шудаанд ва аз нав сохта мешаванд. Бо ёрии субсидияҳои давлатӣ (нисфи арзиши объектро мепӯшонад), бо ёрии сохторҳои марказӣ ва маҳаллӣ, деҳқонону ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ сохтмони хатҳои обгузари дохилихоҷагӣ таъмин карда мешаванд. Ҳангоми обёрии заминҳои кишоварзӣ бо ёрии технологияи обёришаванда, нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии заминҳо, аз шуршавӣ ва эрозияи хок нигоҳ доштани заминҳои кишоварзӣ шарти асосии давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин сиёсати рушди устуворро пеша намуда, дастгирии ҳамаҷонибаи кишоварзонро ҷонибдорӣ менамояд, ки хоҷагидорон аз андозҳо озод карда шуда, ба субсидияҳои давлатӣ таъмин мебошанд, инчунин нархи миёна барои хариди гандум аз кишоварзонро ба роҳ монда, аз ҳисоби давлат гандум ва бо нархи баландтар харидорӣ карда мешавад.[1]

Умуман, дар асоси натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст:

---

[1]Семкин А. Зарубежный опыт развития органов местного самоуправления сельским хозяйством во взаимосвязи с государственным управлением. //АПК: Экономика, управление., 2018. – №2. – С. 62-70.

– баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, татбиқи стратегияи ҳифз ва барқарор намудани онҳо, азхудкунии ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат бояд бо системаи танзими давлатие, ки механизмҳои хавасмандгардонии маъмурию иқтисодиро пешбинӣ менамояд, ҳамроҳ карда шаванд;

– омили муҳим дар истифодаи самарабахши заминҳои кишоварзӣ, татбиқ ва ба роҳ мондани шакли хоҷагидории алтернативӣ ё ба ном «хоҷагии органикӣ», ки ин на танҳо дар баланд бардоштани хосилнокии меҳнат, балки дар беҳтар намудани хосилнокии заминҳои кишоварзӣ кумак менамояд;

– ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ, истифодаи воситаҳои биологӣ, техникӣ барои аз худ намудани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, ҳифз ва аз ҷиҳати экологӣ истифодаи захираҳои замин;

– ташкили баҳисобгирии заминҳои ифлосшуда ва аз гардиши кишоварзӣ бинобар сабаби шуршавӣ ва ботлоқшавӣ берун монда, бо муайян кардани дараҷаи экологии он ва арзёбии зарари расидаи он истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва пешбинии чораҳои бартараф кардани он;

– баланд бардоштани дараҷаи тахассусии заминистифодабарандагон, такмил додани дониши онҳо, ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар кишти зироатҳои кишоварзӣ, ки инҳо омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мегардад, ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта вобаста ба идоракунии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ барои рушди устувори соҳаи кишоварзии дар боло баррасишуда, нишон медиҳад, ки бояд дар амалияи истеҳсолоти соҳаи кишоварзии ватанӣ мутобиқ ба шароит, иқлим, релеф ва вазъи молиявӣ мувофиқ истифода шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок ва ҳадафмандона истифода бурдани он тамоми шароити зарурӣ мавҷуд аст.

## Хулоса ва пешниҳодҳои боби 1.

1. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ, нишон доданд, ки дар адабиётҳои иқтисодӣ оид ба идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла оиди истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногун пешниҳод гардидааст, ки аз ҷониби муаллиф назарияи муосири идоракунӣ ва модели сохторӣ-мантиқии идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

2. Идоракунии экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар адабиётҳо ба таври гуногун инъикос ёфта, маънои ягонаи он вуҷуд надорад, бинобар ин ба ақидаи мо идоракунии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ фаъолияти ташкилии мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия оид ба таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи замин аз ҷониби ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

3. Таҳлилҳо нишон доданд, ки рушди устувори истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз раванди самаранок идоракунии он вобастагӣ дорад. Баҳодиҳии кадастрии замин яке аз самтҳои идоракунии экологӣ-иқтисодии замин ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин усулҳои баҳодиҳии замин асоснок карда шудааст, ки истифодаи он дар амалия барои ҷалби сармоягузорон ва истифодаи самараноки замин кумак мерасонад.

4. Қисми муҳими механизми идоракунии захираҳои замин, назорати давлатӣ вобаста ба истифода ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари дигар механизмҳои маъмурӣ, ҳавасмандии иқтисодии истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ, ки чорабиниҳои мелиоративӣ дар заминҳои кишоварзӣ, истифодаи экологии замин, нигоҳ доштани агроландшафтҳо ва экосистемаҳо амалӣ менамоянд, дар шакли озод намудани онҳо аз пардохти андоз аз молу мулк ва андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда шавад.

5. Дар раванди омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ хулоса бароварда қайд менамоем, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва пешбурди истеҳсоли маҳсулот бо технологияи

инноватсионӣ, ҳифзи экологии истифодаи замин, рушди истеҳсолӣ соҳаи кишоварзӣ, бояд маҷмуи тадбирҳо оид ба танзими ташкилию иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд. Ин тадбирҳо дар доираи механизмҳои идоракунӣ аз қабили: молиявӣ-иқтисодӣ, ташкилию-техникӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-методӣ, ахборотӣ ва системаи баланд бардоштани дараҷаи касбияти кормандони соҳаи кишоварзӣ барои таъмини рушди устувори инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ба роҳ мондан зарур аст.

## БОБИ 2. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРӢ

### 2.1. Ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ноором̄ӣ дар кураи Замин, ҷорӣ намудани таҳримҳо нисбати Россия ва таъсири он ба соҳаи кишоварзӣ ва бехатарии озуқаворӣ калон арзёбӣ карда мешавад. Зеро ин омилҳо ба боло рафтани нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар тамоми ҷаҳон гашта, дастрасӣ ба маҳсулоти кишоварзиро душвор намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти беҳтар намудани вазъи истеъмоли ғизо дар байни аҳолӣ то ба ҳол ба чашм мерасад. «...Норасоии ғизо ҳанӯз дар байни 26 фоизи аҳолӣ ба назар расида, гипотрофия дар байни 10 фоизи кӯдакони то синни 5 сола мушоҳида мешавад. Аксари занҳо ва кӯдакон низ аз норасоии микроэлементҳо азият мекашанд, ки дар сатҳи баланди камхунӣ ва норасоии йод инъикос меёбад. Норасоии ғизо дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҷой дошта, аз рӯи ҳисобҳо бо сабаби аз даст додани қобилияти корӣ ва маҳсулнокӣ ҳамасола 41,0 млн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад».[1] Аз ин рӯ, идоракунии истифодаи дурусти заминҳои кишоварзӣ барои таъмини аҳолӣ ба озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ кӯмак намуда, сатҳи камбизоатӣ ва бекориро дар минтақаҳои кишоварзӣ коҳиш медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори давлатҳои Осиёи Миёна дар ҷойи аввал меистад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2021 ироашудаашон қайд намуданд, дар 30 соли соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии кишвар аз 5,5 миллион то 9,8 миллион нафар, яъне 1,8 баробар, зиёд гардид ва соли 2022 аҳолии Тоҷикистон ба 10 миллион нафар мерасад. Аз ҷумла, дар панҷ соли минбаъда рушди миёнаи солонаи иқтисодиёт дар сатҳи на кам аз 7 фоиз ва ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, бо дарназардошти то 11

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030/ №636. – Душанбе, 2016 – 86с.

миллион нафар афзоиш ёфтани шумораи сокинони кишвар, бояд то 2 баробар зиёд карда шавад.[1]

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бошад, шумораи аҳолиро то соли 2030 15 млн. нафар, шумораи аҳолии қобили меҳнатро 6,8 млн. нафар ва шумораи умумии аҳолии ба шуғл машғулбударо то 70 фоиз аҳолии қобили меҳнат пешбинӣ намудааст. Барои дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини аҳолӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳо, аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва истифодаи ҳар як порча замин зарур мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки азхудкунии заминҳои обёришаванда дар давоми солҳои 1930-2021 5,2 маротиба афзуда, шумораи аҳолӣ бошад 8 маротиба рушд намудааст.[2] Аз ин бармеояд, ки сатҳи азхудкунии заминҳои обёришаванда аз рушди аҳолӣ хело паст мебошад. Дар соли 2021 ҳаҷми заминҳои кишоварзӣ ба сари аҳолӣ 0,12 га, заминҳои корам - 0,10 га ва заминҳои обёришаванда 0,07 га-ро ташкил медиҳанд.[3] Ин омилҳо аз ҳолати мушкилоти шадиди истифодаи заминҳои кишоварзӣ вобаста ба рушди аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Омили асосии баромадан аз ҳолати бамиёномада истифодаи дурусти об дар соҳаи кишоварзӣ, кам намудани таъсири антропогенӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ба роҳ мондани обёрии қатрагӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ин роҳ метавон ҳосилнокии заминҳои кишоварзиро бе вайрон намудани қабатҳои ҳосилноки хок ва агроландшафтҳо таъмин намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми захираҳои замин вобаста ба вазъиятҳои дар боло зикргардида хело калон буда, барои баланд бардоштани

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», Душанбе. - 21.12.2021. – 30с

[2] Пулатов Я.Э. Проблемы мелиоративного состояния орошаемых земель в Республике Таджикистан [Текст] / Я.Э. Пулатов, А. Курбонов, З. Назиров, А.К. Бобоев // Природообустройство. 2015. – № 3. – С. 6-9.

[3] Исайнов Х.Р., Арабов Ф.П. Инвестиции в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования [Текст] / Х.Р. Исайнов, Ф.П. Арабов // – Душанбе: «Типографии ТНУ», 2021. – 217 с.

некуаҳволии аҳолӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва ҷойи кор, манбаи асосии даромади қисми зиёди аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар кишвар пайваста дар бораи аҳаммияти баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, қабули стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳое, ки ба беҳсозии равандҳои истифодаи замин дар асоси принсипҳои устувори кишоварзӣ ва умуман рушди устувор нигаронида шудаанд, корҳои назаррас анҷом дода мешавад.

Аз ин рӯ, ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тайи ду даҳсолаи охир рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст. Чи тавре, ки аз маълумотҳои оморӣ дида мешавад, таносуби ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар дар 5 соли охир 29,9 % - ро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда дар соли 1991 36,5 % буд, ки барои расидан ба нишондиҳандаҳои соли 1991 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро баланд бардошта, суръати истеҳсоли онро тезонидан лозим мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сари аҳолӣ бошад, дар бисёре аз зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба соли 1991 зиёд буда, дар баъзеи онҳо таносуби поёнравӣ ба чашм мерасад (Ҷадвали 2.1.1). Истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар иқтибос ба соли 1991 2,1 маротиба, картошка 3,2 маротиба, сабзавот 2,3 маротиба, маҳсулоти полезӣ 2,6 маротиба афзоиш ёфтааст. Маҳсулоти гӯштӣ дар иқтибос ба соли 1991 поён рафтааст, ки сабаби асосии болоравии қимати гӯшт ва норасогии он дар бозорҳои дохилӣ гаштааст. Тамоюли тағйирёбӣ дар меъёри истеъмоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ барои як одам, ки аз ҷониби Институти хурокаи Академи илмҳои тиббии ИҶШС муайян карда шуда буд ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба чашм мерасад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ аз меъёри истеъмолии аҳолӣ зиёд мебошад, вале дар қисми маҳсулоти кишоварзӣ таносуби поёнравӣ ба чашм мерасад.

**Ҷадвали 2.1.1. -Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кг/одам**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2011 | 2016 | 2021 | 2021 / 1991 % (+, - ) | МИ(М)* ба 1 одам | Фарқияти МИ (М) дар 2021г. (+, - ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 54,3 | 142,8 | 163,4 | 161,8 | 2,9 мар. | 130,0 | 31,8 |
| Картошка | 32,3 | 113,3 | 103,9 | 106,2 | 3,2 мар. | 45,0 | 61,2 |
| Сабзавот | 112,1 | 163,1 | 202,2 | 264,9 | 2,3 мар. | 114 | 150,9 |
| Меваҳо ва буттамеваҳо | 31,6 | 34,1 | 42,1 | 45,3 | 143,4 | 63 | -17,7 |
| Полезӣ | 31,2 | 55,6 | 68,7 | 83,5 | 2,6 мар. | 30,0 | 53,5 |
| Ангур | 21,6 | 20,3 | 24,8 | 27,3 | 126,4 | 16,0 | 11,3 |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 26,9 | 9,9 | 13,5 | 16,7 | 62,1 | 60 | - 43,3 |
| Шир | 104,9 | 91,4 | 106,2 | 106,3 | 101,3 | 250 | -143,7 |
| Тухм, дона | 81,1 | 33,4 | 39,0 | 107,4 | 132,4 | 165,0 | -57,6 |
| *МИ (М) – меъёри истеъмол (минималӣ). Таҳияи Институти хӯрокаи Академияи илмҳои тиббии ИҶШС | | | | | | | |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С. 68-70. (354с.)*

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.1.1 дида мешавад, истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, тухми паранда ва шир, ки барои рушди инсоният мавқеи муҳим дорад, ҳоло ҳам ба меъёри истеъмолӣ ҷавобгӯ намебошад. Ҳарчанд истеҳсоли маҳсулот нисбат ба солҳои қаблӣ зиёд шуда бошанд ҳам, лекин дар баробари ин шумораи аҳолӣ низ рушд намуда истодааст. Зарур аст, ки рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба рушди аҳолӣ муқоиса намуда, барои таъмини бозори дохилӣ ва қонеъ гардонидани талаботи мардум бо маҳсулотҳои ниёзи аввал бояд суръати рушди онҳоро тезонид. Ҳарчанд Ҳукумати мамлакат ба корхонаҳои парандапарварӣ имтиёзҳои зиёде ба замин додааст, вале истеҳсоли гӯшт ва тухми паранда ба таври зарурӣ рушд накарда, талаботи бозори дохилиро таъмин карда наметавонанд.

Бояд қайд намуд, ки идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби табдилдиҳии куллиро аз сар мегузаронад. Аз як тараф, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, аз дигар тараф, ба дигар мақсадҳо (сохтмони хонаҳо, роҳҳо, заводҳо) истифода

намудани онҳо ба чашм мерасад.[1] Дар натиҷа, тағйири сохтори киштзорҳои ҷумҳурӣ сурат мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар соли 2021 1 ҳазор гектар заминҳои мазраъа дар соҳаи кишоварзӣ истифода нашудааст.

**Ҷадвали 2.1.2. - Динамикаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор га)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | | 1991 | 2011 | 2016 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 /1991 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати умумии замин | I | 14254,5 | 14137,6 | 14137,7 | 14137,9 | 14137,9 | 14137,9 | 99,2 |
| | II | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 0,0 |
| Ҷамъи заминҳои кишоварзӣ | I | 4308,2 | 3604,6 | 3638,5 | 3674,1 | 3673,6 | 3666,4 | 85,1 |
| | II | 30,22 | 25,49 | 25,73 | 25,98 | 25,98 | 25,93 | -4,29 |
| Аз ҷумла обӣ | I | 641,2 | 593,8 | 594,5 | 604,1 | 604,5 | 605,1 | 94,4 |
| | II | 4,49 | 4,20 | 4,20 | 4,27 | 4,27 | 4,27 | -0,22 |
| Мазраъа | I | 841,1 | 655,6 | 650,2 | 663,9 | 661,9 | 660,9 | 78,6 |
| | II | 5,90 | 4,63 | 4,59 | 4,69 | 4,68 | 4,67 | -1,23 |
| Аз он обӣ | I | 559,1 | 456,3 | 452,9 | 463,2 | 463,2 | 463,2 | 82,8 |
| | II | 3,92 | 3,22 | 3,20 | 3,27 | 3,27 | 3,27 | -0,65 |
| Ниҳолҳои бисёр-сола | I | 99,8 | 137,0 | 144,4 | 152,8 | 153,8 | 154,7 | 155,0 |
| | II | 0,70 | 0,96 | 1,02 | 1,08 | 1,08 | 1,09 | 0,39 |
| Заминҳои партов | I | 19,1 | 29,7 | 28,5 | 20,6 | 20,0 | 19,8 | 103,7 |
| | II | 0,13 | 0,21 | 0,20 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,01 |
| Замини алафда-равӣ | I | 21,7 | 17,5 | 17,4 | 15,8 | 16,2 | 16,2 | 74,7 |
| | II | 0,15 | 0,12 | 0,128 | 0,11 | 0,11 | 0,119 | -0,03 |
| Чарогоҳ | I | 3286,5 | 2764,9 | 2797,5 | 2820,8 | 2821,7 | 2814,8 | 85,6 |
| | II | 23,05 | 19,55 | 19,78 | 19,95 | 19,95 | 19,90 | -3,15 |

**Сарчашма:** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С. 62-69. (354с.).*

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.1.2. дида мешавад, динамикаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар си соли охир тамоюли коҳишёбӣ дорад. Дар ин давра 641,8 ҳазор аз ҷамъи заминҳои кишоварзӣ берун шудааст, ки ин бо кадом мақсадҳо истифода шудааст номаълум. Агар майдони умумии заминҳои мазраъа дар соли 1991 841,1 ҳазор гектарро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 660,9 ҳазор гектар расидааст, ки нисбат ба соли 1991 180,2 ҳазор гектар ё ин ки 21,4 % коҳиш ёфтааст. Тамоюли коҳишёбӣ дар майдони заминҳои обӣ низ ба назар мерасад. Дар 30 соли истиқлолият бо замми он, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2021 қайд намуданд, ки «...дар ин давра дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон бо ин, ҳар сол дар майдони қариб 200

[1] Исайнов Х.Р., Арабов Ф.П. Инвестиции в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования [Текст] / Х.Р. Исайнов, Ф.П. Арабов // – Душанбе: «Типографии ТНУ», 2021. – 217 с.

ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо амалӣ шуда истодааст»,[1] майдони заминҳои обӣ 17,2 % коҳиш ёфтааст. Дар ин давра танҳо тамоюли болоравии майдони заминҳои партов ба назар мерасад, ки 3,9 % зиёд шуда, ҳамасола бо ҳисоби миёна майдонии умумии ин заминҳо 20 ҳазор гектарро ташкил менамоянд.

Дар раванди гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ шаклҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат низ тағйир ёфт. Дар ин раванд шаклҳои нави моликиятдорӣ ба вуҷуд омад, ки боиси ташкили ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, кооперативҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ғайра гардид.[2] Раванди ин гузариш дар раванди идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мушкилотҳо ба бор овард. Вобаста ба ноустувор будани вазъи молиявии корхонаҳои навтаъсис, норасоии кадрҳои дорои малакаву маҳорати касбӣ ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда расонида, ҳолилнокии маҳсулоти кишоварзиро коҳиш дод.

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.1.3 дида мешавад, масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ дар ихтиёри корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ буда, дар соли 2021  1089,2 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 1991 3143,5 ҳазор гектар ё ин ки 75 % коҳиш ёфтааст. Аз ин миқдор майдони заминҳои кишоварзӣ дар ҳаҷми 2577,2 гектар ба хоҷагиҳои деҳқонӣ гузаронида шудааст, ки аз он 541 ҳазор гектар ё ин ки 21 %- ро киштзорҳои мазраъа ташкил медиҳад. Аз соли 2015 то соли 2021 танҳо 5 ҳазор гектар заминҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудааст, ки хело кам мебошад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе. - 21.12.2021. – 30с.

[2] Зиёев Б. С. Анализ современного состояния и тенденции использования земельных ресурсов в регионе / Б. С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 4. – С. 79-90. - EDN KFMOPZ.

**Ҷадвали 2.1.3. - Масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ дар корҳонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор га)**

| Солҳо | Ҳамагӣ киштзорҳои кишоварзӣ | Дар корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ | аз он ҷумла замин: Хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва инфиродӣ | Хоҷагиҳои давлатӣ | Муассисаҳо и байнихоҷагӣ | Дигар корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Қитъаҳои наздиҳавлигӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Киштзорҳои кишоварзӣ ҳамагӣ** | | | | | | | | |
| **1991** | 4232,7 | 4232,7 | 1353,5 | 2671,5 | 121,8 | 85,9 | - | 79,4 |
| **2015** | 3611,9 | 1054,8 | 105,5 | 510,4 | 81,5 | 357,4 | 2557,1 | 224,2 |
| **2016** | 3638,5 | 1047,0 | 109,2 | 503,4 | 63,8 | 370,6 | 2591,5 | 224,9 |
| **2017** | 3658,2 | 1086,3 | 100,1 | 538,3 | 65,7 | 382,2 | 2571,9 | 226,6 |
| **2018** | 3669,4 | 1088,2 | 100,5 | 528,2 | 65,7 | 393,8 | 2581,2 | 226,7 |
| **2019** | 3674,1 | 1090,4 | 144,2 | 551,2 | 18,3 | 376,7 | 2583,7 | 226,5 |
| **2020** | 3673,6 | 1067,2 | 165,3 | 532,4 | 16,5 | 341,3 | 2606,4 | 225,3 |
| **2021** | 3666,4 | 1089,2 | 171,0 | 535,6 | 16,5 | 360,7 | 2577,2 | 226,3 |
| **2021 / 1991 %** | 86,6 | 25,7 | 12,6 | 20,0 | 13,5 | 419,9 | - | 285,0 |
| **Мазраъ** | | | | | | | | |
| **1991** | 805,6 | 805,6 | 374,3 | 408,7 | 9,6 | 13 | - | 45,7 |
| **бо %** | 19,0 | 19,0 | 27,7 | 15,3 | 7,9 | 15,1 | - | 57,6 |
| **2015** | 653,2 | 114,9 | 20,6 | 45 | 0,7 | 48,6 | 538 | 181 |
| **бо %** | 18,1 | 10,9 | 19,5 | 8,8 | 0,9 | 13,6 | 21,0 | 80,7 |
| **2016** | 650,6 | 115,6 | 20,7 | 43,7 | 0,5 | 50,7 | 535 | 179,3 |
| **бо %** | 17,9 | 11,0 | 19,0 | 8,7 | 0,8 | 13,7 | 20,6 | 79,7 |
| **2017** | 657,3 | 122,8 | 19,6 | 51,9 | 0,8 | 50,5 | 534,6 | 180,6 |
| **бо %** | 18,0 | 11,3 | 19,6 | 9,6 | 1,2 | 13,2 | 20,8 | 79,7 |
| **2018** | 659 | 122,6 | 19,5 | 44,5 | 0,8 | 57,9 | 536,4 | 180,4 |
| **бо %** | 18,0 | 11,3 | 19,4 | 8,4 | 1,2 | 14,7 | 20,8 | 79,6 |
| **2019** | 663,9 | 122,9 | 18,5 | 49,9 | 1,4 | 53,1 | 541 | 180,3 |
| **бо %** | 18,1 | 11,3 | 12,8 | 9,1 | 7,7 | 14,1 | 20,9 | 79,6 |
| **2020** | 661,9 | 117,8 | 18,9 | 44,6 | 1,2 | 56,1 | 544,1 | 177,5 |
| **бо %** | 18,0 | 11,0 | 11,4 | 8,4 | 7,3 | 16,4 | 20,9 | 78,8 |
| **2021** | 661 | 119,9 | 20,4 | 45,2 | 1,2 | 52,1 | 541 | 177 |
| **бо %** | 18,0 | 11,0 | 11,9 | 8,4 | 7,3 | 14,4 | 21,0 | 78,2 |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.65-75. (354с.).*

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ майдони заминҳои наздиҳавлигӣ ба маротиб зиёд шуда, динамикаи рушди он дар муқоиса ба соли 1991 2,8 маротиба зиёд шуда, дар соли 2021 285 ҳазор гектарро ташкил додааст.

«...Ҳанӯз дар солҳои оғози истиқлолият, яъне дар солҳои бисёр вазнини 1992–1998 Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирӣ кардани гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ҳамчун заминҳои президентӣ тақсим намуд». Ин ташаббус боиси баланд шудани сатҳи даромаднокии аҳолии деҳот, таъмини ҷойҳои корӣ гардида, барои поён бурдани сатҳи камбизоати кӯмак намуд.

Аз таҳлилҳо аён мегардад, ки динамикаи истифодаи киштзорҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ якранг набуда, тамоюли пасту баландшавӣ дар истифодаи он ба назар мерасад. Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.1.4 дида мешавад, дар шаҳри Душанбе дар соли 2021 зиёдшавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар давоми сӣ соли истиқлолият ба чашм мерасад, ки аз ҳисоби заминҳои ноҳияи Рӯдакӣ, ки ба фонди заминҳои ш. Душанбе ворид карда шудаанд, ба шумор меравад. Ин омил боиси 3,2 % поён рафтани майдони умумии киштзорҳои кишоварзӣ дар НТМ гардидааст.

**Ҷадвали 2.1.4. -Динамикаи истифодаи киштзорҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (ҳазор га)**

| Солҳо / Минтақаҳо | 1991 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 /1991% | 2021 /2016% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 821,0 | 837,3 | 837,2 | 826,7 | 846,9 | 856,7 | 861,7 | 105,0 | 102,9 |
| ш. Душанбе | 0,4 | 0,2 | 0,05 | 0,05 | 0,05 | 0,05 | 3,9 | 9 мар | 20 мар |
| ВМКБ | 18,7 | 11,9 | 11,9 | 11,8 | 10,5 | 10,5 | 10,6 | 56,7 | 89,1 |
| в. Суғд | 265,7 | 270,4 | 270,9 | 272,5 | 274,7 | 278,6 | 279,7 | 105,3 | 103,4 |
| в. Хатлон | 401,7 | 412,4 | 413,9 | 403,3 | 421,8 | 426,3 | 430,5 | 107,2 | 104,4 |
| НТҶ | 134,5 | 141,3 | 140,3 | 138,8 | 139,8 | 141,2 | 136,8 | 101,7 | 96,8 |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.25(354с.).*

Миқдори умумии киштзорҳои кишоварзӣ ба вилояти Хатлон рост меояд, ки майдони умумии он дар соли 2021 430,5 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 1991 7,2 % ва ба соли 2016 4,4 % зиёд шудааст. Майдони умумии заминҳои вилоят 49,4 % ҳаҷми умумии киштзорҳои кишоварзии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки вилояти Хатлон бо комплекси хеле тараққикардаи агросаноатӣ аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фарқ мекунад. Ин вилоят аз замони

Шуравӣ ба парвариши меваҳои субтропикӣ ва навъҳои пахтаи маҳиннах ихтисос ёфтааст. Ин соҳаҳо дар шароити муосир аз нигоҳи таҳкими тамоюли содиротии иқтисодиёти вилоят ва сарчашмаҳои муҳими афзоиши даромади субъектҳои хоҷагидорӣ ва воридоти асъор барои минтақа ва дар маҷмуъ кишвар муҳимтарин боқӣ мемонанд. Ин махсусгардонии минтақа ба сохтори истифодаи замин ва ташаккули механизми иқтисодии дастгирии соҳаҳои кишоварзӣ ва умуман комплекси агросаноатӣ таъсири калон мерасонад.[1] Вилояти Суғд низ ҳамчун дуюмин минтақаи кишоварзӣ ва агросаноатӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ саҳми калон мебозад. Лекин майдони заминҳои кишти пахта дар вилоят дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 68,3 ҳазор гектар ё ин ки 36,1 % поён рафта, аз соли 2016 то соли 2021 таносуби пасту баландшавӣ дида мешавад. Ин тамоюл дар ҳама минтақаҳои кишвар ба чашм мерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромаднокии кишоварзон аз истеҳсоли нахи пахта ва боғкорӣ нисбат ба дигар зироатҳои кишоварзӣ зиёд буда, «... тибқи ҳисоботҳои мо даромаднокӣ аз як гектар замини пахта 1500-2000 доларри ИМА ва аз як гектар замини боғзор 5000-6000 ҳазор доллар ИМА ба даст меоранд»,[2] ин омил боиси аз 2 то 5 маротиба зиёд шудани майдони заминҳои мевагиҳо ва буттамевагиҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гардид. Дар вилояти Хатлон майдони заминҳои боғ дар соли 1991 8,5 ҳазор гектарро ташкил дода буд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 46,3 ҳазор гектар расонида шуда, нисбат ба соли 1991 5,4 маротиба зиёд мебошад (*ҷадвали 2.1.5*). «...Агар майдони умумии боғу токзорҳо соли 1991-ум 56 ҳазор гектарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 202 ҳазор гектар расонида шуд. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои соҳавӣ ва имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат соҳаҳои мазкур бомаром тараққӣ

[1] Зиёев Б. С. Механизм формирования устойчивого землепользования аридном регионе. - Душанбе: «Дониш», 2021. – 192 с.
[2] Зиёев Б. С. Анализ современного состояния и тенденции использования земельных ресурсов в регионе / Б. С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 4. – С. 79-90.

карда, танҳо аз ин ҳисоб дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд».[1]

**Ҷадвали 2.1.5. - Масоҳати заминҳои кишоварзӣ вобаста ба зироатҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор га)**

| Солҳо / Минтақаҳо | 1991 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 / 1991% | 2021 / 2016% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ғалладона ва лубиёгӣ** | | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 231,7 | 423,5 | 411,6 | 375,0 | 383,7 | 391,5 | 394,6 | 170,31 | 93,2 |
| ВМКБ | 3,9 | 6,7 | 5,8 | 5,4 | 4,4 | 4,8 | 4,9 | 125,64 | 73,1 |
| в. Суғд | 96,1 | 132,9 | 126,3 | 119,2 | 120,2 | 124,8 | 128,1 | 133,30 | 96,4 |
| в. Хатлон | 88,8 | 201,1 | 199,8 | 180,8 | 188,3 | 189,5 | 190,2 | 2,1 мар | 94,6 |
| НТМ | 42,6 | 82,8 | 79,5 | 69,5 | 70,8 | 72,4 | 70,1 | 164,55 | 84,7 |
| **Пахта** | | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 298,8 | 162,5 | 173,9 | 185,8 | 185,6 | 185,4 | 173,7 | 58,13 | 106,9 |
| в. Суғд | 88,4 | 44,2 | 50,7 | 57,2 | 58,5 | 58,2 | 49,7 | 56,22 | 112,4 |
| в. Хатлон | 189,5 | 115,5 | 119,5 | 122,4 | 122,1 | 124,2 | 121,2 | 63,96 | 104,9 |
| НТМ | 20,8 | 2,8 | 3,6 | 6,2 | 5,1 | 3,1 | 2,8 | 13,46 | 100,0 |
| **Картошка ва сабзаводу полезиҳо** | | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 52,7 | 119,9 | 120,7 | 137,9 | 140,7 | 145,9 | 151,2 | 2,8мар | 126,1 |
| ВМКБ | 0,90 | 3,1 | 3,1 | 3,3 | 2,6 | 2,7 | 2,7 | 3,0 мар | 87,1 |
| в. Суғд | 13,4 | 36,5 | 38,4 | 43,1 | 44,0 | 47,5 | 48,9 | 3,6 мар | 134,0 |
| в. Хатлон | 21,4 | 54,3 | 53,5 | 60,9 | 62,7 | 61,4 | 64,6 | 3,0 мар | 119,0 |
| НТМ | 16,7 | 26,1 | 25,7 | 30,6 | 31,3 | 34,3 | 33,5 | 2,0 мар | 128,4 |
| **Токзорҳо** | | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 36,8 | 37,1 | 37,7 | 38,1 | 38,6 | 39,8 | 39,5 | 107,34 | 106,5 |
| в. Суғд | 14,4 | 11,6 | 11,7 | 11,9 | 12,2 | 13,3 | 13,4 | 93,06 | 115,5 |
| в. Хатлон | 13,2 | 13,6 | 13,5 | 12,9 | 12,7 | 12,9 | 12,3 | 93,18 | 90,4 |
| НТМ | 9,1 | 11,8 | 12,5 | 1,2 | 13,5 | 13,5 | 13,6 | 149,45 | 115,3 |
| **Мевагиҳо ва буттамевагиҳо** | | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 52,5 | 145,2 | 150,3 | 158,9 | 160,5 | 161,8 | 160,9 | 3,6 мар | 110,8 |
| ВМКБ | 1,3 | 2,6 | 2,9 | 2,9 | 2,9 | 3,0 | 3,1 | 2,3 мар | 119,2 |
| в. Суғд | 29,8 | 66,2 | 66,8 | 73,3 | 73,9 | 74,6 | 75,6 | 2,5 мар | 114,2 |
| в. Хатлон | 8,5 | 46,1 | 48,3 | 48,7 | 78,8 | 48,8 | 46,3 | 5,4 мар | 100,4 |
| НТМ | 12,6 | 30,3 | 32,3 | 33,9 | 34,9 | 35,3 | 35,7 | 2,8 мар | 117,8 |

***Сарчашма:** Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С. 87-128(354с.).*

Қайд кардан бамаврид аст, ки самаранокии идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ инъикос меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди идоракунии заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Бинобар сабаби надоштани таҷриба ва малакаи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», (21.12.2021). – Душанбе. 2021. – 30с.

истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таъсири манфӣ ҳангоми кишти зироатҳо, обёрии заминҳо, риоя накардани меъёри нуриҳои минералӣ, ки ба вайрон шудани баланси замин оварда расонида, ҳосилнокии заминҳои кишоварзиро поён мебарад. Таҳлили ҷадвали 2.1.5 нишон медиҳад, ки динамикаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаҳо тамоюли пасту баландшавӣ дорад. Ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 дар НТМ то 2 сентнер аз як гектар ва ВМКБ 8,7 сентнер аз як гектар ё ин ки 37% поён рафтааст. Ҳосилнокии картошка бошад дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ аз 15 то 41 % поён рафтааст, ки барои дастрасӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ монеа эҷод менамояд. Ҳосилнокии пахта бошад ҳарчанд тамоюли баландшавӣ дошта бошад ҳам, лекин дар таносуб нисбат ба давраи солҳои 1980 2 маротиба кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар зироати картошка низ ба чашм мерасад. Агар нишондиҳандаҳои ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзиро ба сатҳи баланди ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар натиҷаи навовариҳои илмӣ татбиқ карда шудаанд, муқоиса намоем, пас Тоҷикистон хело қафо мондааст.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами истифодаи заминҳои кишоварзӣ имконияти баланд бардоштани маҳсулоти ғалладонагӣ ба 50,04 сентнер, картошка 450 сентнер, сабзавот 350-400 сентнер, зироатҳои полезӣ – 400 -450 сентнер, меваю буттамева - 75 -150 сентнер, ангур - 150 -200 сентнер расондан мумкин буд. Барои мисол, дар Ҷумҳурии мардумии Чин аз як гектар замин то 600-700 тонна помидор дар як сол меруёнанд.[1] Ин нишондиҳандаҳо аз самаранок истифода бурдани заминҳо шаҳодат намедиҳад, дар бисёр маврид ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва аз байн рафтани гумуси хок мегардад.

---

[1] Умаров Х.У. Агробизнес и эффективность землепользования в регионах Таджикистана / Х.У. Умаров, Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 3-2. – С. 10-14. – EDN ORTEMR.

**Ҷадвали 2.1.6. - Динамикаи ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сентнер аз 1 гектар)**

| Солҳо / Минтақаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2020 / 2015 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ғалладона ва лубиёгиҳо** | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 12,8 | 29,2 | 29,9 | 28,7 | 30,9 | 31,1 | 30,7 | 2,39мар |
| в. Хатлон | 11,0 | 24,5 | 24,3 | 17,8 | 14,3 | 14,8 | 33,0 | 3, 0 мар |
| НТМ | 11,0 | 23,2 | 23,7 | 22,4 | 26,9 | 27,1 | 24,9 | 2,26 мар |
| в. Суғд | 15,1 | 34,7 | 35,8 | 35,1 | 35,9 | 36,6 | 37,4 | 2,47 мар |
| в. Хатлон | 12,7 | 26,0 | 25,1 | 23,6 | 25,2 | 24,4 | 23,9 | 188,19 |
| **Пахта** | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 27,4 | 17,6 | 22,2 | 16,2 | 22,0 | 21,4 | 22,6 | 82,48 |
| в. Суғд | 26,9 | 19,4 | 23,7 | 19,3 | 22,5 | 19,4 | 23,3 | 86,62 |
| в. Хатлон | 27,9 | 16,8 | 21,7 | 14,6 | 21,9 | 22,3 | 22,3 | 79,93 |
| НТМ | 25,8 | 21,5 | 27,4 | 18,1 | 18,6 | 20,4 | 22,1 | 85,66 |
| **Картошка** | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 143,0 | 214,4 | 191,5 | 193,2 | 191,0 | 187,2 | 181,0 | 126,57 |
| в. Хатлон | 117,0 | 207,3 | 207,7 | 133,5 | 131,9 | 128,7 | 116,4 | 99,49 |
| НТМ | 126,0 | 229,7 | 201,3 | 204,9 | 200,5 | 219,7 | 2,10 | 167,38 |
| в. Суғд | 74,0 | 214,0 | 163,0 | 173,4 | 174,9 | 172,0 | 175,2 | 236,76 |
| в. Хатлон | 176,0 | 198,5 | 197,9 | 204,5 | 198,2 | 160,2 | 151,9 | 86,31 |
| **Сабзавот** | | | | | | | | |
| Дар ҷумҳурӣ | 181,0 | 248,6 | 256,0 | 256,9 | 264,6 | 274,2 | 280,5 | 154,97 |
| в. Хатлон | 197,0 | 4,8 | 120,0 | 150,0 | 86,0 | 13,3 | 162,5 | 82,49 |
| НТМ | 224,0 | 268,5 | 270,5 | 265,2 | 277,2 | 281,1 | 293,4 | 130,98 |
| в. Суғд | 127,0 | 253,3 | 263,3 | 272,7 | 280,0 | 288,6 | 297,2 | 2,34 мар |
| в. Хатлон | 178,0 | 211,1 | 218,8 | 215,0 | 221,7 | 237,1 | 237,0 | 133,15 |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.36 (354с.).*

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки рушди устувори соҳаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар давлат бе идоракунии истифодаи иқтисодӣ-экологии заминҳои кишоварзӣ ба даст намеояд. Новобаста аз пешравиҳои соҳаи кишоварзӣ айни замон мушкилоти истифодаи экологии замин то ба ҳол танзими дурусти худро наёфтааст. Мушкилоти деградатсияи заминҳои кишоварзӣ, вайрон шудани инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ, тоза накардани заҳбуру заҳкашҳо, ки дар раванди идоракунии истифодаи замин мушкилиҳо ба миён меоварад, ки айни замон ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, дар раванди омӯзиши хусусиятҳои истифодаи экологии захираҳои замин ва идора кардани он дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои заминҳои обёришванда ва заминҳои кишти доманакӯҳӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Ин аз он бармеояд, ки барои рушди кишоварзии экологӣ, паст намудани раванди деградатсияи заминҳо ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ дар

минтақаҳои ҷумҳурӣ, зарурияти ба гардиши кишоварзӣ ворид намудни заминҳои бекорхобида, аз худ намудани майдони заминҳои нав, ба роҳ мондани кишти такрорӣ  ба миён меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи замин дар Тоҷикистон дар системаи идоракунии захираҳои замин ва истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ вазифаҳои нав ба миён омад, ки муҳимтарини он коркард ва татбиқи ҷорабиниҳо дар самти самаранок истифода бурдани замин, баланд бардоштани ҳосилнокии он, баланд бардоштани гумуси замин, кам кардани деградатсия ва эрозияи замин ба ҳисоб меравад. Дар ин баробар масъалаи истифодаи оқилона ва муносибати эҳтиёткорона ба захираҳои замин ва нигоҳ доштани агроландшафтҳо дар минтақаҳои аз ҷиҳати ҷойгиршавии аҳолӣ зич, ҳал кардан муҳим мебошад.

Масъалаи такмилдиҳии низоми пулакии истифодабарии захираҳои замину об яке аз самтҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ, муҳайё сохтани механизми иқтисодӣ ва ҷузъи муҳими идоракунии захираҳои замину об дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва дар маҷмуъ соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути ҳамин фишанг ҳавасмандии иқтисодӣ, оқилона истифодабарии захираҳои замин ва беҳдошти вазъи экологии онҳо таъмин карда мешаванд.[1]

Яке аз самтҳои дигари идоракунии заминҳои кишоварзӣ ин барқарор намудани низоми пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи киштгардон ба шумор меравад. Дар низоми истифодабарии заминҳои кишоварзии ватанӣ ин таҷриба на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. «...Борҳо исбот карда шудааст, ки дар марҳилаи татбиқи киштгардон сар аз соли дуюм раванди рушди ҳосилнокии меҳнат ва кам намудани ҳаҷми хароҷотро ба миён меоварад. Самтҳои афзалиятноки дар боло зикргардидаи киштгардон аз баланд шудани

---

[1] Шералиев Э.Н. Ҷанбаҳои методологии такмилдиҳии механизми иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Э.Н. Шералиев, М.Н. Мирсаидов, Н.Б. Комилов // Кишоварз, 2019. – No 1. – P. 195-198.

самараи иқтисодии истифодаи замин низ шаҳодат медиҳанд».[1] Аз ҳама муҳим дар раванди киштгардон он мебошад, ки истифодабарандогони замин дигаргуниро дар раванди амалисозии он дар фаъолияти худ эҳсос менамоянд.

Дар баробари ин, ба пурзӯр намудани назорати давлатӣ ҷиҳати истифодаи экологии захираҳои замин бо риояи талаботи қонунгузории амалкунандаи соҳаи замин диққати махсус дода шавад. Барои ҳалли масъалаи рушди устувори истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, ҳосилникоии зироатҳои кишоварзӣ, такмил додан ва ҳифзи экологии онҳоро вобаста ба тағйирёбии иқлим мунтазам таъмин кардан лозим аст. Диққати махсус бояд ба лоиҳаҳои заминсозии дохилихоҷагӣ, ки таъмини доимии обёрии замини корам ва дигар заминҳои обёришавандаи соҳаи кишоварзӣ аз он иборат аст, равона намуд.

Бояд қайд намуд, ки инкишофи системаи ҳозиразамони заминсозӣ бо системаи идоракунии захираҳои замин ва истифодаи экологии замин зич алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, заминсозӣ механизми асосии ташаккул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ буда, хусусияти бисёрвазифавӣ дошта, фароҳам овардани фазои муассири институтсионалро тақозо мекунад. Ҳамин тавр, асоси идоракунии истифодаи захираҳои замин дар замони муосир бояд ба принсипи самаранок ва фоиданок истифода бурдани замин ва муайян намудани минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ мувофиқ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданоки истифодаи замин ҳамчун омили асосии баланд бардоштани рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, татбиқ карда шавад.

[1] Умаров Х.У. Агробизнес и эффективность землепользования в регионах Таджикистана / Х.У. Умаров, Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2019. – № 3-2. – С. 10-14. – EDN ORTEMR.

## 2.2. Баҳодиҳии экологӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ

Солҳои охир дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, ки бевосита бо истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошанд, зарурати ҳар чи бештар аз лиҳози экологиву иқтисодӣ асосноккунии қарорҳои хоҷагидорӣ эҳсос шуда, он имкон медиҳад на танҳо сабабҳо ошкор гарданд, балки роҳҳои воқеии бартараф намудани тамоилҳои манфӣ дар иқтисоди истифодабарии заминҳо низ пешбинӣ карда шавад.

Ин тамоилҳо, аз ҷумла, дар афзоиши камбудӣ як қатор захираҳои табиӣ ва ифлос гардидани муҳити зист тавассути партовҳои истеҳсолӣ зоҳир меёбанд. «...Мушкилоти экологӣ ва осебпазирӣ, хусусан дар шароити коҳишдиҳӣ ва мутобиқат ба тағйирёбии иқлим назаррас боқӣ мемонанд. Ин мушкилот дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор баъди соли 2015 аҳаммияти бештарро касб намудааст. Ба ин ҳадафҳо истифодаи оқилонаи захираҳои об, таъмини устувории маҳалҳои аҳолинишин, андешидани тадбирҳои фаврӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, муҳофизати экосистемаҳои хушкӣ, таназзулёбии замин, пешгирӣ ва аз байн бурдани оқибатҳои офатҳои табиӣ, инчунин беҳтар намудани дастрасӣ ба оби тоза ва беҳдошт дохил мешаванд. Аҳолии деҳоти Тоҷикистон бештар аз таназзулёбии муҳити зист осебпазиранд».[1] Бинобар ин, асосноккунии экологиву иқтисодии қарорҳои хоҷагидорӣ мушкилоти хеле калону бисёрсамта буда, на ҳамаи ҷанбаҳои он дар илм инъикос гардидааст.

Муносибати экологиву иқтисодӣ имкониятҳои васеъро барои рушди комплексиву интенсивии соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозсозии соҳаи кишоварзӣ бозгӯӣ мекунад. Аммо барои татбиқи ин имкониятҳо имрӯз дигар дар чорчӯби тасаввуротҳо ҷамъ гардида, роҷеъ ба мақсаду воситаҳои кишоварзӣ, ки ба назари мо, аксаран нақши онро дар системаи истифодабарии

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 / 2016 сол, №636. – Душанбе, 2016. – 86с.

сотсиалистӣ таҳриф мекунанд ё беасос маҳдуд менамоянд, боқӣ мондан мумкин нест.

Ҷомеаи байналмилалӣ эътироф кардааст, ки биёбоншавӣ барои бисёр мамлакатҳо дар ҳама минтақаҳои ҷаҳон ба мушкилоти калони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мубаддал гардидааст. Яке аз мушкилотҳои тезутунди замони муосир масъалаи деградатсияи заминҳо дар ҳоли афзоиши сарбории антропогенӣ ба системаҳои экологӣ мебошад.

Хушксолӣ падидаи табииест, ки он ҳангоми кам шудани теъдоди боришот нисбат ба сатҳи муътадилӣ ба қайд гирифташуда, ба амал меояд ва баробарии гидрологиро ба таври ҷиддӣ вайрон намуда, ба ҳосилнокии захираҳои замин таъсири номусоид мерасонад.

Дар айни ҳол, зери мафҳуми ташкили биёбоншавӣ, асосан на васеъшавии биёбонҳои аллакай мавҷудбуда, балки таназзули хок ба тарафи хушкшавӣ ва нимхушкшавии заминҳо, ки асоси онро дар навбати аввал, фаъолияти инсон ва тағйироти иқлимӣ ташкил медиҳад, фаҳмида мешавад.

Замин аксаран барои ба даст овардани фоидаҳои гуногун истифода мешавад, масалан, барои истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, нигоҳ доштани гуногунии биологӣ, сифати об ва нигоҳдории ҳаёти одам. Барои таъмини устувории дарозмуддат, ба моликони замин лозим меояд, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар назар гиранд.

Зимни таҳқиқоти масъалаи тезутунди биёбоншавӣ ва таназзули заминҳои кӯҳистон муайян гардид, ки дар тӯли асри охир дар заминҳои кӯҳистони Тоҷикистон раванди биёбоншавӣ идома ёфта, нишебиҳои кӯҳӣ ва заминҳои ҳамвори камконтурӣ, ки дар кӯҳҳо васеъ паҳн гардидаанд, ба эрозия рӯ ба рӯ шудаанд. Сатҳи ҳосилхезии хок ба таври интенсивӣ шуста шуда, ин раванд сол то сол суръат мегирад.[1] Паёмадҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ҳушдор медиҳанд, ки ин раванд барои кишвар хатари калон дорад. Инчунин, шарҳ дода мешавад, ки Тоҷикистон сарзамини кӯҳӣ буда, 93%-и онро кӯҳҳо

[1] Азизов Ф.Х., Умаров Х.У. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики. Монография. – М.: Экономическое образование», 2018. – С.117.

ишғол кардаанд, аз ҷониби дигар, ҳама шаҳрҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишини он ва водиҳои дар ҳамворӣ воқеъбуда дар иҳотаи кӯҳҳо ҷойгир шудаанд.[1]

Таҳлилҳо нишон доданд, ки тағйири иқлим метавонад ба ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар минтақаҳое, ки ҳосили калон ҷамъоварӣ мешавад, таъсири манфӣ расонад.[2] Дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ то соли 2100 метавонад дар баъзе ноҳияҳои кишвар то 30% паст шуда, ба зиндагии қариб то 2 милион нафар, ки зери хатти амнияти озуқаворӣ қарор доранд ва аз ин миён ба 800 ҳазор нафари он бевосита хатари гуруснагӣ таҳдид мекунад, таъсир расонад.[3]

Тағйирёбии иқлим метавонад ба норасоии об, паст шудани сатҳи рутубат, биёбоншавии захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ оварда расонад. Ҳалли мушкилоти биёбоншавӣ ва мубориза бо паёмадҳои хушксолӣ, инчунин дигар масъалаҳои вобаста ба онро эътироф намуда, Тоҷикистон дар соли 1997 ба Конвенсияи байналмилалӣ доир ба биёбоншавӣ ҳамроҳ гардид. «…Тоҷикистон дар ин ҷабҳа вазифадор (ухдадор) шуд, ки ухдароиҳо оид ба «Рӯзномаи асри 21», (Рио-де-Жанейро, соли 1992), Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ХРХ), ки дар Саммити (Ҳамоиши) Ҳазорсолаи СММ (п. Ню-Йорк, соли 2000) қабул шуда буданд, Декларатсияи Йоханнесбург оид ба муҳити атроф ва рушд (Рио+10) (Йоханнесбург, соли 2002), Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устуворро (Рио+20) (Рио-де-Жанейро, соли 2012) мавриди иҷро қарор диҳад. Дар доираи ин кӯшишҳо мушкилоти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуд».[4] Барои расидан ба ин ҳадафҳо аз ҷониби

---

[1] Содиков К. А. Совершенствование механизма управления водно-ирригационного потенциала аридного региона: эколого - экономический аспекты. Монография. – Душанбе: «Типография ТНУ», 2021. – 178 с.

[2] Licker R, Kucharik CJ, Doré T, Lindeman MJ, Makowski D. Climatic impacts on winter wheat yields in Picardy, France and Rostov, Russia: 1973-2010. Agric for Meteorol. 2013. – P. 25-37.

[3] Исайнов Х.Р., Арабов Ф.П. Инвестиции в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования. – Душанбе: «Типографии ТНУ», 2021. – 217 с.

[4]Одинаев Ҳ.А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор / Ҳ.А. Одинаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No 2(2). – P. 111-128.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин консепсияву барномаҳои мухталиф дар самти рушди устувори соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат қабул карда шудааст, ки яке аз онҳо Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор мебошад.

Новобаста аз ин раванди деградатсияи замин ва истифодаи нодурусти захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ идома дорад, ки ин омил ба мушкилотҳои экологӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва эрозияи хок оварда расонидааст.

Деградатсияи замин дар муҳлатҳои тӯлонӣ, маънои паст ва ё аз даст додани вазифаҳои системаи экологӣ ва маҳсулотнокиро дорад, ки дар натиҷаи дахолати одамон ба амал омада, баъди он замин дигар хусусияти ба таври мустақилона барқарор шуданро аз даст медиҳад. Созмони Милали Муттаҳид деградатсияи заминро ҳамчун: «...паст ва ё аз байн рафтани маҳсулотнокии биологӣ, иқтисодӣ, сохтори мураккаби заминҳои киштшавандаи лалмӣ, киштзорҳои обёришаванда ё чарогоҳҳо, ҷангалҳо ва қитъаҳои ҷангалӣ, ки дар натиҷаи истифодаи замин, таъсири равандҳои гуногуни фаъолияти инсон ва сохтори ҷойгиршавиро шарҳ медиҳад, ба мисли ин омилҳо буда метавонад»:[1]

– эрозияи хок дар натиҷаи шамол ва ё об;

– баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва мутобиқан афзоиши шӯршавии заминҳои обёришаванда;

– бад шудани хусусиятҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва ё иқтисодии замин;

– ба муҳлати дароз аз байн рафтани қабати болоии табиии хок;

Ҳамзамон, деградатсияи заминҳои обёришаванда ба муҳити атроф, сатҳи иқтисодӣ, соҳаи кишоварзӣ ва ҷомеа таъсири гуногун мерасонад. Аксари ин таъсирҳо экстерналӣ мебошанд, яъне онҳо ба бозори замин таъсири мустақил намерасонанд ва ҳамин тариқ, ҳангоми қабули қарорҳое, ки ба

[1]Глобальный механизм по борьбе с опустыниванием. Глобальный экологический фонд. Программа развития ООН // Интегрированная финансовая стратегия для устойчивого управления земельными ресурсами в Кыргызстане// Бишкек, 2012. – С.3.

истифодаи замин алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Олимони ватанӣ чунин меҳисобанд, ки сабаби асосии деградатсияи замин дар ҷумҳурӣ инҳо ба ҳисоб меравbooth:

– мавҷуд набудани барномаи самараноки рушди истифодаи замин;

– истифодаи ғайрисарфакоронаи идораи замин;

– ҳаҷми ками маблағгузории аз буҷети давлатӣ барои истифодаи замин;

– ба инобат нагирифтани банақшагирии истифодаи замин ва барқарор кардани ҳосилнокии он;

– таъмини номунтазами минтақаҳои алоҳида бо об;

– рӯ овардан ба методҳои ғайрисамараноки истифодаи захираҳои замин, об, хӯроки чорво.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба 98%-и масоҳати заминҳои кишоварзӣ таъсири антропогенӣ расонида мешавад. Аз ҳама сатҳи ҳосилхези хок ин қабати болоии он ба ҳисоб рафта, танҳо он заминро барои парвариши растаниҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ омода мекунад.

Хусусияти асосии хок ҳосилнокии он ба ҳисоб меравад. Қобилияти он қонеъгардонии талаботи зироати кишоварзӣ буда, ҳамин тариқ метавонад ба талаботи ҳосилнокии маҳсулоти органикӣ дастрасӣ ёбад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки раванди истифодаи замин дар ҷумҳурӣ тағйироти куллиро аз сар мегузаронад. Майдонҳои нав барои заминдории обёришаванда аз ҳисоби захираҳои давлатии замин ба вуҷуд оварда шуда, киштзорҳои камҳосил ихтисор мешавад. Ин ҷо ихтисори бесобиқаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ба фонди хонаҳои истиқоматӣ, васеъ гардидани шаҳрҳо ва шаҳракҳо қайд накардан номумкин аст, дар натиҷа, тағйири сохтори киштзорҳои ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Аз рӯи маълумотҳои Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.01.2022 заминҳои обёришаванда 762198

---

[1] Исайнов Х.Р., Арабов Ф.П. Инвестиции в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования. – Душанбе: «Типографии ТНУ», 2021. –217 с.

гектарро ташкил медиҳанд. Масоҳати заминҳои обёришаванда дар зери назорати гидрогеологию мелиоративӣ қарор дошта, 697.2 ҳазор гектар ё ин, ки 91%-ро ташкил менамоянд.

**Ҷадвали 2.2.1. - Сохтори истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. га)**

| Нишондодҳо / Минтақаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2019 | 2020 | 2021 | Дар муқоиса ба ҳаҷми умуми заминҳо бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Заминҳо ҳамагӣ: Ҳаҷми умумии замин | | | Заминҳои обёришаванда | | | |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 3669,4 | 3674,1 | 3673,6 | 602,5 | 604,2 | 604,5 | **16,4** |
| ш. Душанбе | 0,08 | 0,08 | 2,2 | 0,06 | 0,06 | 2,2 | **100** |
| ВМКБ | 507,7 | 505,4 | 506,8 | 13,8 | 13,8 | 13,9 | **2,7** |
| Вилояти Суғд | 783,7 | 784,8 | 782,3 | 240,0 | 242,0 | 242,9 | **31,0** |
| Вилояти Хатлон | 1452,7 | 1456,9 | 1457,7 | 272,1 | 272,2 | 272,0 | **18,6** |
| НТҶ | 925,1 | 926,8 | 926,7 | 75,9 | 75,9 | 73,4 | **7,9** |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.62-63(354с.).*

Таҳлили ҷадвали 2.2.1 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзӣ 16,4% аз ҳаҷми умумии майдони заминҳои ҷумҳуриро ташкил менамояд ва ин нишондоди хеле паст дар қиёс ба кишварҳои рушдёфтаи ҷаҳон мебошад. Ҳаҷми зиёди заминҳои обёришаванда ба вилояти Суғд рост меояд, ки 31% масоҳати умумии заминҳои таъиноти кишоварзидоштаашро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар вилоти Хатлон 18,6%, ВМКБ 2,7%, НТҶ 7,9 %-ро ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки заминдории обёришаванда самти асосии интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ буда, бо ду омил маҳдуд мегардад: мавҷудияти захираҳои замин, ки аз лиҳози техникӣ, иқтисодӣ, хоку мелиоративӣ ва шароитҳои экологӣ ба ин мақсад коршоянд. Мавҷудияти захираҳои об барои бо обтаъминкунии системаҳои ирригатсионӣ, бидуни расондани зарар ба истифодабарандагони оби ғайри ирригатсионӣ.[1]

[1] Абдурахманова И.К., Вафоев Р., Сайлиев О. Состояние и использование земельно-водных ресурсов Узбекистана (Орошаемое земледелие)// И.К Абдурахманова., Р Вафоев, О. Сайлиев // Вестник Прикаспия, 2018. – № 1 (20). – С. 49-56.

Яке аз вазифаҳои асосии самти равандҳои экологӣ бояд масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии заминҳои обёришаванда, ба таври сарфакорона истифода бурдани захираҳои обии барои обёрӣ истифодашаванда ва нигоҳдории сифати он бошад.[1]

Чунонки нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.2 шаҳодат медиҳад, вазъияти мелиоративии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад. Дар соли 2021 32273 га. замин ба сабаби нодуруст обёрӣ шудан ва сарбории антропогенӣ аз гардиши кишоварзӣ баромаданд. Миқдори зиёди заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш дар вилояти Суғд ба чашм мерасанд, ки дар соли 2021 майдонии умумии онҳо 21108 гектарро ташкил додаст, ки нисбат ба соли 2019 1912 гектар замин ё 8,3% кам мебошад. Дар НТМ майдони заминҳои ғайриқаноатбахш дар соли 2019 ва 2020 тамоюли зиёдшавӣ дошта, танҳо дар соли 2021 миқдори он кам карда шудааст.

Майдони заминҳо аз ҷиҳати чуқурии хатарноки сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии хок дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 1766 гектар ё ин ки 40,6% коҳиш ёфтааст. Тамоюли дарҷаи шӯршавии хок низ ба чашм мерасад, ки дар соли 2021 майдонии умумии онҳо 11488 гектарро ташкил додааст.

[1] Ганиев Т.Б. Эффективность экологизации развития сельского хозяйства: на примере орошаемого земледелия Таджикской ССР. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 180. – С.5.

**Ҷадвали 2.2.2. - Вазъияти мелиоративии заминҳои обёришавандии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (га.)**

| НИШОНДИҲАНДАҲО / СОЛҲО | | Тақсимоти замин бо дараҷаи шӯрнокии хок | | Масоҳати умуми заминҳои обӣ | Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Хуб | Қаноатбахш | Ғайри-қаноатбахш (бад) | Аз он чумла бо сабабҳои | | |
| | | Миёна | Зиёд | | | | | Чуқурии хатарноки СОЗ | Шурнокии хок | Чуқурии хатарноки СОЗ ва шӯрнокии хок |
| **Минтақаи Бохтар** | 2019 | 5008 | 417 | 255049 | 159796 | 81155 | 14098 | 8673 | 4430 | 995 |
| | 2020 | 3298 | 929 | 255047 | 175951 | 68134 | 10962 | 6735 | 3298 | 929 |
| | 2021 | 2188 | 624 | 255597 | 179516 | 68104 | 7977 | 5165 | 2188 | 624 |
| | **2021/2019%** | **43,7** | **149,6** | **100,2** | **112,3** | **83,9** | **56,6** | **59,6** | **49,4** | **62,7** |
| **Минтақаи Кӯлоб** | 2019 | 698 | 87 | 88103 | 54142 | 31352 | 2609 | 1824 | 674 | 111 |
| | 2020 | 682 | 65 | 87805 | 59607 | 25525 | 2673 | 1926 | 637 | 110 |
| | 2021 | 865 | 95 | 87814 | 61274 | 23765 | 2775 | 1755 | 925 | 95 |
| | **2021/2019%** | **123,9** | **109,2** | **99,7** | **113,2** | **75,8** | **106,4** | **96,2** | **137,2** | **85,6** |
| **Ҷамъ дар вилояти Хатлон** | 2019 | 5706 | 504 | 343152 | 213938 | 112507 | 16707 | 10497 | 5104 | 1106 |
| | 2020 | 3980 | 994 | 342852 | 235558 | 93659 | 13635 | 8661 | 3935 | 1039 |
| | 2021 | 3053 | 719 | 343411 | 240790 | 91869 | 10752 | 6920 | 3113 | 719 |
| | **2021/2019%** | **53,5** | **142,7** | **100,1** | **112,6** | **81,7** | **64,4** | **65,9** | **61,0** | **65,0** |
| **Вилояти Суғд** | 2019 | 7507 | 2207 | 293439 | 231612 | 38807 | 23020 | 13306 | 6512 | 3202 |
| | 2020 | 8431 | 2203 | 294333 | 232472 | 39728 | 22133 | 12276 | 6993 | 2864 |
| | 2021 | 8342 | 2199 | 294941 | 235348 | 38485 | 21108 | 11830 | 7506 | 1772 |
| | **2021/2019%** | **111,1** | **99,6** | **100,5** | **101,6** | **99,2** | **91,7** | **88,9** | **115,3** | **55,3** |
| **НТМ** | 2019 | 28 | 25 | 106803 | 100831 | 5679 | 293 | 240 | 22 | 31 |
| | 2020 | 28 | 25 | 106792 | 100801 | 5680 | 311 | 258 | 22 | 31 |
| | 2021 | 28 | 25 | 106666 | 100701 | 5686 | 279 | 226 | 22 | 31 |
| | **2021/2019%** | **100,0** | **100,0** | **99,9** | **99,9** | **100,1** | **95,2** | **94,2** | **100,0** | **100,0** |
| **ВМКБ** | 2019 | 15 | - | 18804 | 16958 | 1725 | 121 | 86 | 22 | 13 |
| | 2020 | 15 | - | 18874 | 17028 | 1725 | 121 | 86 | 22 | 13 |
| | 2021 | 65 | 24 | 18912 | 17053 | 1725 | 134 | 45 | 25 | 64 |
| | **2021/2019%** | **433,3** | **0** | **100,6** | **100,6** | **100,0** | **110,7** | **52,3** | **113,6** | **492,3** |
| **Ҷамъ дар ҷумҳурӣ** | 2019 | 13256 | 2736 | 762198 | 563339 | 158718 | 40141 | 24129 | 11660 | 4352 |
| | 2020 | 12454 | 3222 | 762851 | 585859 | 140792 | 36200 | 21281 | 10972 | 3947 |
| | 2021 | 11488 | 2967 | 763930 | 593892 | 137765 | 32273 | 19021 | 10666 | 2586 |
| | **2021/2019%** | **86,7** | **108,4** | **100,2** | **105,4** | **86,8** | **80,4** | **78,8** | **91,5** | **59,4** |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.68-70. (354с.).* Ҳисоботи солонаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022. –18с.

Бояд қайд намуд, ки чуқурии хатарнокии сатҳи обҳои зеризаминӣ дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани об дар давраи обмонӣ, полоиши об аз дарёҳо ва каналҳо, таъсири обанборҳо, такшиниҳои атмосферӣ, сероб шудани обҳои зеризаминӣ аз ҳисоби қабатҳои обдори болоҷойгиршуда ва қабатҳои обии фишордор, дар ҳолати бади техникӣ қарор доштани заҳкашҳои уфуқӣ ва амудӣ ба вуҷуд меояд.

**Ҷадвали 2.2.3. - Нишондод оиди тақсимоти заминҳои обёришаванда бо минералнокии обҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор га)**

| Нишондиҳандаҳо / Солҳо | | Тақсимоти замин бо нишондоди минералнокии обҳои зеризаминӣ | | | Тақсимоти замин бо нишондоди минералнокии обҳои каналҳо | | | Тақсимоти замин бо дараҷаи шӯршавии хок | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | то-1г/л | 1-3г/л | зиёда аз 3г/л | то 1г/л | 1-2г/л | зиёда аз 2г/л | Бешурноки | Шурнокии кам |
| **Минтақаи Бохтар** | 2019 | 49,0 | 177,1 | 283,4 | 255,0 | - | - | 217,2 | 32,4 |
| | 2020 | 52,3 | 176,7 | 26,0 | 25,5 | - | - | 218,3 | 32,4 |
| | 2021 | 52,4 | 177,2 | 26,0 | 255,6 | - | - | 247,6 | 5,1 |
| | **2021/2019,%** | **106,9** | **100,1** | **9,2** | **100,0** | **-** | **-** | **114,0** | **15,7** |
| **Минтақаи Кӯлоб** | 2019 | 64,8 | 22,9 | 0,3 | 88,1 | - | - | 84,1 | 3,2 |
| | 2020 | 68,2 | 19,3 | 0,3 | 87,8 | - | - | 83,8 | 3,2 |
| | 2021 | 65,9 | 21,4 | 0,5 | 87,8 | - | - | 83,0 | 3,8 |
| | 2021/2019% | 101,7 | 93,4 | 166,7 | 99,7 | - | - | 98,7 | 118,8 |
| **Ҷамъ дар вилояти Хатлон** | 2019 | 113,9 | 200,6 | 28,6 | 343,2 | - | - | 301,3 | 35,7 |
| | 2020 | 120,5 | 195,9 | 262,7 | 342,8 | - | - | 302,2 | 36,0 |
| | 2021 | 118,3 | 198,6 | 26,5 | 343,4 | - | - | 330,5 | 9,1 |
| | **2021/2019%** | **103,9** | **99,0** | **92,7** | **100,1** | **-** | **-** | **109,7** | **25,5** |
| **Вилояти Суғд** | 2019 | 151,5 | 137,6 | 4,2 | 167,0 | 122,2 | 4,2 | 246,2 | 37,5 |
| | 2020 | 153,3 | 136,8 | 4,2 | 168,7 | 121,4 | 4,2 | 247,3 | 36,4 |
| | 2021 | 153,8 | 136,8 | 4,3 | 169,1 | 121,7 | 4,2 | 246,4 | 38,1 |
| | **2021/2019%** | **101,5** | **99,4** | **102,4** | **101,3** | **99,6** | **100,0** | **100,1** | **101,6** |
| **НТМ** | 2019 | 106,5 | 0,2 | 0,03 | 106,8 | - | - | 106,6 | 0,1 |
| | 2020 | 106,5 | 0,2 | 0,04 | 106,8 | - | - | 106,6 | 0,1 |
| | 2021 | 106,3 | 0,2 | 0,04 | 106,7 | - | - | 106,4 | 0,18 |
| | **2021/2019%** | **99,8** | **100,0** | **133,3** | **99,9** | **-** | **-** | **99,8** | **180,0** |
| **ВМКБ** | 2019 | 16,8 | 2,0 | - | 17,8 | 1,0 | - | 18,7 | 0,01 |
| | 2020 | 16,8 | 2,0 | - | 17,8 | 1,0 | - | 18,8 | 0,01 |
| | 2021 | 16,8 | 2,0 | - | 17,9 | 1,0 | - | 18,8 | 0,02 |
| | **2021/2019%** | **100,0** | **100,0** | **-** | **100,6** | **100,0** | **-** | **100,5** | **200,0** |
| **Ҷамъ дар ҷумҳурӣ** | 2019 | 388,7 | 340,5 | 328,9 | 634,7 | 123,2 | 4,1 | 672,9 | 388,7 |
| | 2020 | 397,3 | 335,1 | 30,1 | 636,3 | 122,4 | 4,2 | 674,9 | 72,2 |
| | 2021 | 395,4 | 337,7 | 307,9 | 637,1 | 122,7 | 4,2 | 702,2 | 47,3 |
| | **2021/2019%** | **101,7** | **99,2** | **93,6** | **100,4** | **99,6** | **102,4** | **104,4** | **12,2** |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.68-70. (354с.) ва* Ҳисоботи солонаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022. –18с.

Дар мавзеъҳое, ки сатҳи обҳои зеризаминӣ(СОЗ) наздик ҷойгир аст ва минералнокии зиёда аз 2г/л доранд, дар натиҷаи бухоршавии обҳои зеризаминӣ намакҳо таҳшин шуда, дуюмбора шӯршавии хок ба вуҷуд меояд. Тибқи маълумотҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 2019 бо сабаби ботлоқшавӣ ва шӯршавӣ, нарасидани об барои обёрӣ ва ғайриқаноатбахш будани шабакаҳои обёрӣ дар ҷумҳурӣ 866 гектар заминҳои обёришаванда истифода карда нашуданд (Н.Хисрав, Қубодиён, Панҷ, Шаҳритус, Рашт, Тоҷикобод, Ваҳдат Файзобод) (ҷадвали 2.2.3).

Яке аз сарчашмаҳои шӯршавии хок ин истифода бурдани обҳои каналҳо ва заҳбуру заҳкашҳо барои обёрӣ мебошад, ки минералнокиашон аз 2г/л зиёд ба ҳисоб меравад. Дар баъзе ноҳияҳо бо сабабҳои нодуруст истифода бурдани об дар заминҳои обёришаванда ва нодуруст партофтани поёнобҳо, қабати болоии ҳосилнокии хок шуста шуда, дар як хел ҷойҳо ҷариҳо ба вуҷуд меояд (ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ҷ. Балхи, Панҷ Данғара, Фархор, Восеъ, Ҳамадони,Темурмалик, Ғончи, Истарашан, Шаҳристон). Бо мақсади баробар тақсим намудани об дар заминҳои обёрӣ, бояд дар ин мавзеъҳо ҳамворкунии асосии заминҳо гузаронида шавад.

Обтаъминкунӣ дар заминҳои обёришаванда яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна 7813 млн.$м^3$ обҳо ё ин ки 75,8 % ҳаҷми умумии обҳо дар соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Дар соли 2021 истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2020 524 млн.$м^3$ ё ин ки 6,19 % коҳиш ёфтааст (Ҷадвали 2.2.4).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки норасоии об дар фасли гармо дар қисми зиёди ноҳияҳо, аз ҷумла минтақаҳои аридӣ ба чашм мерасад. Чи тавре, ки аз маълумотҳои оморӣ дида мешавад, дар як қатор ноҳияҳои вилояти Суғд (Ашт, Ғончӣ, Исфара, Истаравшан, Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов) об барои обёрии зироатҳои кишоварзӣ намерасад. Аз ин лиҳоз, дар ин ноҳияҳо масъалаҳо ва имкониятҳои об дар сарчашмаҳои обгирӣ, ҳолати техникии каналҳо ё тағйир додани сохти кишти майдонҳои зироатҳои кишоварзиро бояд ҳал намуд.

**Ҷадвали 2.2.4. - Истифодаи об дар соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. м$^3$)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2020,% | 2021/ 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт | I | 12609 | 7988 | 9774 | 10602 | 10159 | 10468 | 83,02 | 31,05 |
| | II | 100 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100, | 100, | 00 | 00 |
| Кишоварзӣ | I | 8459 | 5128 | 7378 | 7954 | 7813 | 7935 | 93,81 | 54,74 |
| | II | 67,1 | 64,2 | 75,5 | 75,0 | 76,9 | 75,8 | 7,8 | 11 |
| Истеҳсол ва нерӯи барқ | I | 208 | 1831 | 1610 | 1736 | 1542 | 1624 | 780,77 | 88,69 |
| | II | 1,6 | 22,9 | 16,5 | 16,4 | 15,2 | 15,5 | 13,9 | -7,4 |
| Хоҷагии хонавода | I | 299 | 576 | 786 | 912 | 804 | 909 | 304,01 | 157,81 |
| | II | 2,4 | 7,2 | 8,0 | 8,6 | 7,9 | 8,7 | 6,3 б.ф | 1,5 б.ф. |
| I – нишондиҳандаҳо, II-фоиз нисбат ба ҳаҷми умумӣ. | | | | | | | | | |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф аз рӯи маълумоти* Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистан /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С. 17-19.

Бо сабабҳои дар боло овардашуда дар давраи баррасишаванда вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда дар ноҳияҳои Н. Хисрав, Қубодиён, Ҷ.Балхӣ, А.Ҷомӣ, Ёвон, Вахш, Фархор, Ҳамадонӣ, Восеъ, Ашт, Б.Ғафуров, Мастчоҳ мураккаб мондааст. Заминҳои ғайриқаноатбахш дар ин ноҳияҳо аз 10 то 20 фоизи масоҳати умумии заминҳои ҳамин ноҳияҳоро ташкил медиҳад.

Яке аз сабабҳои асосии бадшавии ҳолати мелиоративии заминҳо, ин омилҳои ирригатсионию хоҷагидорӣ мебошанд, ки сабаби асосии вайроншавии мувозинаи обу намак дар таркиби хок мегардад. Барои ба тартиб даровардани ин мувозина дар заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ 11457 км хатҳои заҳбуру – заҳкашҳо мавҷуданд, ки барои обёрии заминҳои кишоварзӣ хизмат менамоянд, ки 4682,6 км он дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад[1].

Чи тавре ки аз маълумотҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҳамасола дар саросари ҷумҳурӣ ҳамагӣ 600 -700 км заҳбуру заҳкашҳо тибқи нақша тоза карда мешаванду халос, ки ин хеле кам буда, ҳади ақал барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ҳамасола мебоист 4-5 ҳазор км

[1] Ҳисоботи солонаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022. – 18с.

шабакаи заҳбуру заҳкашҳо тоза ва таъмир карда шаванд. Дар бисёр мавридҳо обҳои транзитӣ ба заҳбуру заҳкашҳо партофта мешаванд, ё ин, ки пеши маҷрои онҳо баста мешавад ва ин боиси тез вайрон шудани паҳлуҳо ва аз гил пур шудани онҳо мегардад. Дар баробари ин, дар заминҳои обёришаванда 2511 адад чоҳҳои амудии обёрикунанда ва мелиоративӣ мавҷуд аст, ки дар масоҳати зиёда аз 100,0 ҳаз.га заминҳо вобаста шудаанд.

Вобаста ба ин татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ омилии асосии самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои аридӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз чунин чорабиниҳо оқилона истифода бурдани иқтидорҳои обӣ ва ирригатсионӣ, таҷдид ва азнавсозии системаҳои ирригатсионӣ ба ҳисоб меравад.[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷроиши чорабиниҳои мелиоративӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба роҳ монда намешавад. Дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ масоҳати 6042 га замин ба нақша гирифта шуда буд, ки иҷроиши он 41%-ро ташкил дода, танҳо дар 2660 га замин чорабиниҳои мелиоративӣ гузаронида шудааст. Аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ бошад таҳо 5%-и нақша иҷро шудааст, ки ин ҳам ҳамагӣ дар вилояти Хатлон мебошад (Ҷадвали 2.2.5). Саҳми истифодабарандагони замин низ начандон назаррас буда, танҳо дар майдони 354 га замин чорабиниҳои мелиоративӣ дар вилояти Суғд аз ҳисоби онҳо гузаронида шудааст. Айни замон сарчашмаи асосии маблағгузории чорабиниҳои мелиоративӣ ин аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонии об мебошад, ки дар соли 2021 2,3 маротиба нақшаро барзиёд иҷро намудааст.

[1] Исайнов Х.Р. Водно-ирригационный потенциал аридного региона: экология, экономика и инвестиции / Х. Р. Исайнов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: сборник научных трудов III Международной научно-практической конференции, Симферополь, 24 марта 2017 года / Крымский инженерно-педагогический университет. – Симферополь: ИП Хотеева Л.В., 2017. – С. 246-248. – EDN YOKREF.

**Ҷадвал 2.2.5. - Масоҳати заминҳое, ки дар онҳо корҳои мелиоративӣ гузаронида шудааст (дар соли 2021)**

| Манбаъҳо / Минтақаҳо | | Ҳам-агӣ | Манбаъҳои маблағгузорӣ барои корҳои мелиоративӣ гузаронида шудааст | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Хаққи хизма-трасо-нии об | Буҷаи маҳаллӣ | Буҷаи давлатӣ | Хоҷа-гиҳо | Аъзоҳақӣ АИО | Саҳми истифода-баранда-гони замин |
| **Ҳамагӣ дар Ҷумҳурӣ** | **I** | 9649 | 2380 | 6042 | 1227 | - | - | - |
| | **II** | 9876 | 5287 | 2660 | 62 | 961 | 516 | 354 |
| | **III** | 102 | 231 | 41 | 5,0 | - | - | - |
| | **IV** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **Вилояти Суғд** | **I** | 5411 | 1126 | 3058 | 1227 | 0 | 0 | 0 |
| | **II** | 3695 | 1508 | 2294 | 62 | 961 | 516 | 354 |
| | **III** | 134 | 75,0 | 75,0 | 5,0 | - | - | - |
| | **IV** | 37,4 | 28,8 | 86,2 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **Вилояти Хатлон** | **I** | 3488 | 1050 | 2438 | - | - | - | - |
| | **II** | 3549 | 3526 | 22,7 | - | - | - | - |
| | **III** | 101,0 | 3,3 мар | 0,9 | - | - | - | - |
| | **IV** | 35,9 | 66,6 | 0,85 | - | - | - | - |
| **НТҶ** | **I** | 690 | 186 | 504 | - | - | - | - |
| | **II** | 570 | 227 | 343 | - | - | - | - |
| | **III** | 82,6 | 122,0 | 68,0 | - | - | - | - |
| | **IV** | 6,9 | 4,2 | 12,8 | - | - | - | - |
| **ВМКБ** | **I** | 60 | 18 | 42 | - | - | - | - |
| | **II** | 62 | 26 | - | - | 24 | 0 | 12 |
| | **III** | 103,0 | 144,4 | - | | - | - | - |
| | **IV** | 0,6 | 0,49 | - | - | 2,49 | - | 3,38 |
| Эзоҳ: **I- нақша, II- корҳои анҷомдодашуда, III- %-и корҳои анҷомдодашуда, IV- дар муқоиса бо ҷумҳурӣ.** | | | | | | | | |

***Сарчашма:*** *Таҳлили муаллиф дар асоси* ҳисоботи солонаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022. –18 с.

Истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ низ ба чашм мерасанд. Тибқи маълумотҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳолатҳо дар ноҳияи Ашт, Масчоҳ, Зафаробод ва Восеъ (барои пардохти андоз ва харидории қисмҳои эҳтиётии пойгоҳҳои обкашонии обёрикунанда) дида мешавад, ки ин боиси иҷро нагардидани корҳои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои ғайриқаноатбахш мебошад. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои иҷрои корҳои беҳтар намудани

ҳолати мелиоративии заминҳо пешбинӣ карда шудаанд, саривақт ва пурра ҷудо карда намешаванд. Соли 2021 барои иҷрои корҳои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ноҳияҳои вилояти Хатлон, ВМКБ ва ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Рӯдакӣ дар ин самт умуман маблағҳои мақсаднок ҷудо карда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ норасоии маблағҳои буҷетӣ, нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ боиси паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ гардида, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда расонидааст, ки мо таҳлили пурраи онро дар боло гузаронидем. Бинобар ин, бояд бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва бо пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти иқтисодиёти сабз, ки айни замон яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, дар ин самт татбиқи ҷорабиниҳои мелиоративиро амалӣ намудан лозим мебошад. Фаъолгардонии сармоягузорӣ ба заминҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ба баланд шудани суръати истеҳсолот ва иқтисодиёт, мустаҳкам шудани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолии деҳот ёрӣ мерасонад.

Барои тасдиқи он, ки ҳаҷми сармоягузорӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хориҷӣ ба рушди заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи об то чӣ андоза таъсир расонидааст, ҳаҷми маблағҳои ҷудошударо дар мисоли иншооти мушаххас дар доираи лоиҳаи заминҳои обёрии водии Данғара «Марҳилаи 3», ки аз ҷониби Бонки Исломии Рушд маблағгузорӣ шудааст, дида мебароем.

Барои таҳлили муқоисавии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба барқарорсозии заминҳои обӣ дар мисоли водии Данғара дар зер оварда мешавад. Бояд гуфт, ки об барои обёрии заминҳо ба водии Данғара аз дарёи Вахш ба воситаи нақби гидротехникӣ дода шуда, дар вақти аз нақб баромадан об ба шохаҳои чапу рости канали магистралӣ тақсим мешавад.

Дар шохаи чапи канали магистралӣ вазъияти системаи коллекторӣ-дренажӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ қаноатбахш мебошад.

**Ҷадвали 2.2.6. - Кишти зироатҳои кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи ноҳияи Данғара дар марҳила 3-юм баъд аз татбиқи лоиҳа**

| № | Номгӯй | Пеш аз обёрӣ | | | | | Пас аз обёрӣ (1 кишт) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Май-дони кишт. га. | Ҳосил, тн. | Нархи як тн. $ | Вазъи ҳосилнокӣ аз як га. $ | Ҳамагӣ, вазъи ҳосилнокӣ $ | Май-дони кишт, га. | Ҳосил, тн. | Нарх и як тн. $ | Вазъи ҳосил-нокӣ аз як га. $ | Ҳамагӣ, вазъи ҳосилнокӣ $ |
| 1 | Ғалладона | 1200 | 1,2 | 420 | 504 | 604 800.0 | 280 | 4,0 | 420 | 1 680.0 | 470 400.00 |
| 2 | Ҷав | 210 | 1,1 | 430 | 473 | 99 330.0 | 80 | 2,5 | 430 | 1075.0 | 86 000.0 |
| 3 | Зағер | 60 | 0,4 | 820 | 328 | 19 680.0 | - | - | - | - | - |
| 4 | Полезӣ | 80 | 3,5 | 350 | 1225 | 98 000.0 | - | - | - | - | - |
| 5 | Хӯроки чорво | 150 | 2,2 | 120 | 264 | 39 600.0 | 40 | 50.0 | 120 | 6000.0 | 240 000.0 |
| 6 | Наск | 50 | 0,45 | 1100 | 495 | 24 750.0 | - | - | - | - | - |
| | Фойидаи умумӣ | - | - | - | - | 886 160.0 | - | - | - | - | - |
| | Хароҷот, дар як гектар | 1750 | | | 650 | 1 137 500.0 | - | - | - | - | - |
| | Масрафи об | - | - | - | 0 | 000 | - | - | - | - | - |
| | Даромади соф | - | - | - | - | - 251 340.0 | - | - | - | - | - |
| | Даромади соф аз 1 га. | - | - | - | - | 150 | - | - | - | - | - |
| 7 | Боғҳо | - | - | - | - | - | 280 | 20 | 700 | 14 000.0 | 3 920 000.0 |
| 8 | Токзорҳо | - | - | - | - | - | 80 | 22 | 450 | 9 900.0 | 792 000.0 |
| 9 | Пахта | - | - | - | - | - | 850 | 3.3 | 800 | 2 640.0 | 2 244 000.0 |
| 10 | Сабзавот | - | - | - | - | - | 140 | 20.0 | 430 | 8 600.0 | 1 204 000.0 |
| | Фойидаи соф | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 8 956 400.0 |
| | Фойида аз 1 га. | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 5 118.0 |
| | Хароҷоти умумӣ | - | - | (дар 1га 970.0 доллар ИМА) | | | - | - | - | - | 1 697 750.0 |
| | Масрафи об | - | - | (1750га x 8000м$^3$=14 млн.м$^3$) | | | 1$=9.42с | | | | 60 000.0 |
| | Даромади соф | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 7 198 650.0 |
| | Даромади соф аз 1 га | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 4 114.0 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷамъовардашуда аз корхонаҳои кишоварзӣ ва Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе, 2022. – 25с.*

Қобили зикр аст, ки аз ҳисоби сармоягузории хориҷӣ барои обёрии заминҳои водии Данғара лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар 3 марҳила амалӣ гардидааст. Марҳилаи якуми лоиҳа майдони 2500 гектарро дар бар гирифта, дар соли 2005 анҷом ёфтааст. Марҳилаи 2-юми лоиҳа бошад, майдони 1750 гектарро ташкил намуда, бо арзиши умумии 3372,5 млн. долл. ИМА, амалӣ карда шуда, дар соли 2016 анҷом ёфтааст.

Марҳилаи 3-юми лоиҳа моҳи майи соли 2013 оғоз гардида, соли 2020 ба охир расидааст. Майдони умумии он 1700 гектарро фаро гирифта, ҳаҷмии умумии лоиҳаи сармоягузорӣ барои марҳилаи 3-юми лоиҳа 30,54 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода буд.

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали боло бармеояд, пеш аз обёрии заминҳои кишт дар як мавсим як ҳосил ба даст меоварданд, ки сатҳи ҳосилнкоии заминҳо хеле паст буда, хоҷагиҳои деҳқонӣ аз он фоида ба даст намеоварданд. Баъд аз татбиқи лоиҳа ҳосилнокии заминҳо хело баланд шуда, даромади софи он 7,10 млн. дол. ИМА-ро ташкил додааст, ки ба сари ҳар як аҳолии минтақа, дар як сол 515 дол. ИМА рост меояд. Бинобар ин, ҷалби сармоягузорӣ яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ ба ҳисоб меравад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзиро зарур аст, ки дар самти ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ лоиҳаҳои муштараки сармоягузориро амалӣ намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон қариб 137.7 ҳазор гектар заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ дар ҳолати қаноатбаши мелиоративӣ қарор доранд. Истифодаи нодурусти об дар ин заминҳо метавонад боиси ба категорияи «ғайриқаноатбахш»-и мелиоративӣ гузаштани онҳо гардад. Барои ҳамин, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағҳои ҷудокардашуда оиди беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, зеро дар айни замон ҳосилнокии зироатҳои техникӣ (пахта) дар заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш ниҳоят паст буда 10-12 с/га ташкил медиҳанд.




**Расми 2.2.1. - Майдони заминҳое, ки бояд дар онҳо чорабиниҳои мелиоративӣ гузаронида шаванд (га)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф[1]

Барои баланд бардоштани корҳои асосии сатҳи техникии шабакаҳои обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ чорабиниҳои мелиоративӣ ба нақша дароварда шуда, бояд иҷро карда шаванд, (расми 2.2.1.).

Қайд намудан бамаврид аст, ки истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ аз раванди рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташаккули муносибатҳои самарабахши идоракуни истеҳсолӣ ва замин дар минтақаҳои кишоварзӣ вобаста аст.

Интенсификатсияи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ истифодаи интенсивии заминҳои кишоварзии обёришавандаро талаб менамояд. Дар баробари ин, интенсификатсияи истифодаи заминҳои обёришаванда бояд ба омилҳои зерин асос ёбад:

– баланд бардоштани сифати заминҳои обёришаванда ва баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳар як гектар замин;

– ташкили самаранокӣ идоракунии иқтисодӣ ва истеҳсоли захираҳои табиӣ дар самти истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ;

[1] *Таҳлили муаллиф дар асоси* ҳисоботи солонаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022. – 18с.

– таҷдид ва азнавсозии системаҳои обёришаванда бо технологияи ҳозиразамони сарфакунандаи об;

– банақшагирӣ ва андохтани нуриҳои органикӣ ва минералӣ дар раванди истеҳсоли зиротҳои кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда бо технологияи инноватсионӣ;

– баланд бардоштани арзиши заминҳои мелиоративӣ ва ҷолибияти онҳо барои сармоягузорон тавассути барқарор кардани ҳолати кории системаҳои мелиоративӣ ва таъмини режими мусоиди гидрологии истеҳсолоти сермаҳсули кишоварзӣ;

– ташаккул додани нақшаҳои азхудкунии маблағҳо аз фонди махсуси ташкилотҳои буҷетии хоҷагии об, ки барои хизматрасонии пулакӣ барои таҷдид ва азнавсозии шабакаҳои обёрӣ гирифта шудаанд;

– аз нав дида бар омадани меъёри пардохти об барои обёрӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар асоси тасҳеҳи арзиши хизматрасонӣ ҳар моҳ бо назардошти талабот ба об, бо назардошти шароити воқеии обу ҳавои соли ҷорӣ.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъала доир ба таври васеъ ҷорӣ кардани методҳои идоракунии мусоиди экологӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ танҳо дар сурате имконпазир мешавад, агар истифодабарандагони замин ба тамоили ҳифзи табиат дар истеҳсолот манфиатдор шаванд. Истифодабарандагони замин ҳамаи омилҳоро дар системаи пешбарии фаъолияти худ дар соҳаи кишоварзӣ ба назар гирифта, ба таҷрибаи дигар дар пешбурдӣ идоракунии кишоварзӣ гузаранд, агар ин система барои онҳо фоидаовар бошад. Дар қаринаи мазкур зарурати объективӣ такмили идораи давлатӣ дар истифодабарии замин мебошад, ки моҳияти онро метавон ба ташаккули системаи идоракунӣ ҳавасмандкунии истифодабарандагони замин, ки ба истифодаи сарфакоронаи захираҳои замин водор мекунад, нисбат дод.

## Хулоса ва пешниҳодҳо

1. Ҳоло дар мувозинаи идораҳои беҳдошти замин ва обёрӣ 110 адад чоҳҳои обёрикунанда ва 422 адад чоҳҳои мелиоративӣ рост меояд, ки 226 адади онҳо ё ин ки 63 % коршоям мебошад. Таъмири пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ ба заҳбуру заҳкашҳо вобастакардашуда низ аз масъалаҳои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ба ҳисоб рафта, ҳангоми барқарор намудани иқтидори пурраи онҳо самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва рушди устувори соҳаи иқтисодӣ таъмин карда мешавад;

2. Яке аз сабабҳои вайрон шудани шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагӣ бесоҳиб ва аз назорат дур мондани онҳо дар раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва тақсимоти заминҳои ба корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ мебошад. Бинобар ин, барои идора намудани онҳо баъди таъмири пурра ба мувозинати Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) супорида шаванд, то ки онҳо зери назорати ин Ассотсиатсияҳо ҳамасола дар асоси нақшаҳои пешакӣ сари вақт тоза ва таъмир карда шаванд;

3. Сабаби дигари вайрон шудани пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ ба заҳбуру заҳкашҳо ҳаҷми ками маблағгузорӣ аз буҷаи давлатӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ ба шумор меравад, ки боиси баланд шудани деградатсияи замин, баланд шудани обҳои зеризаминӣ гашта, ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва рушди устувори ин соҳа монеа эҷод менамояд. Бинобар ин, роҳҳои ҷалби маблағгузорӣ барои таҷдид ва азнавсозии онҳо дар асоси ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ пайдо намуда, таъмири саривақтии онҳо ба роҳ монда шавад;

4. Солҳои охир инфрасохтори хоҷагии об ва вазъияти мелиоративии заминҳои хоҷагии об бад шуда истодааст. Ба иллати равандҳои деградатсионӣ дар вилояти Хатлон, дар натиҷаи аз ҳад зиёд камшавии намнокии заминҳо аз гардиши кишоварзӣ бештар аз 6,0 ҳазор гектар замин баровარда шуд, ки аз он 2,8 ҳазор гектар бо сабаби вайрон кардани тартиботи обёрӣ ва корношоям шудани насосҳои обкашонӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ин тамоюл ба баланд

гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва инчунин шӯршавии заминҳои обёришаванда оварда расонидааст. Бинобар ин бо истифода аз принсипи ба сифр расонидани деградадсияи заминҳои кишоварзӣ истифода намуда, раванди деградатсияи заминҳоро коҳиш дода, технологияи коркарди бехатари истифодаи замин ҷорӣ карда шавад;

5. Ташаккули системаи механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва воситаҳои таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза бояд ба истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ нигаронида шуда, самараи иқтисодӣ кафолат дода мешавад, зеро истеъмолкунандагон омодаанд барои маҳсулоти органикӣ нархи баланд пардохт кунанд ва як қисми арзиши захираҳои моддӣ дар ин раванд аз даст медиҳанд.

## БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

### 3.1. Истифодаи комплексии механизмҳои кам кардани хавфи экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ

Самти муҳими интенсификатсияи равандҳои такрористеҳсолии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ин табдилдиҳии экологӣ, таъмини заминҳои кишоварзӣ бо нуриҳои минералии зарурӣ, воситаҳои биологии ҳифзи зироатҳо мебошад. Бояд қайд намуд, ки тайи ду соли охир раванди болоравии қимати нуриҳои минералӣ ба чашм расида, қимати он ду маротиба балад шудааст, ки бисёре аз заминистифодабарандагон тавони хариди онро надоранд. Норасогии нуриҳои минералӣ ва органикӣ сатҳи ҳосилнокии заминҳои кишоварзиро ба маротиб поён бурда, ҳолати мелиоративии заминҳоро коста намуда, хавфи эрозияи хок ва вазъи экологии заминҳоро зиёд менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои афзоиши самаранокии экологӣ дар истифодаи иқтидори кишоварзӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ шароити аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид фароҳам оварда шавад.

Вобаста ба ин дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мушкилотҳои асосии ҷойдошта дар самти истифодаи экологии замину об дар соҳаи кишоварзӣ чунин оварда шудааст:

- «..номукаммал будани механизми танзими муносибатҳои истифодаи замин дар бахши кишоварзӣ бо дарназардошти дастрасии нобаробарии занон ба замин ва низоми заифшудаи ирригатсионӣ, ки боиси таназзулёбии ҳосилхезии хок ва бадшавии ҳолати мелиоративии замин шудааст, истифодаи ғайрисамараноки чарогоҳҳо бошад ба бад шудани ҳолати экологии онҳо оварда расонид;

- таҳдидҳои назаррас барои рушди КАС дар робита бо тағйирёбиҳои глобалии иқлим дарояндаи дарозмуҳлат;

- сатҳи пасти устувории экологии рушди кишоварзӣ, ки ба шиддатёбии таназзули захираҳои замину об, пеш аз ҳама заминҳои корам дар натиҷаи харобшавӣ (эрозия), ифлосшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, баланд шудани сатҳи

обҳои зеризаминӣ, кам шудани ҳудуди ҷангалзорҳо, аз гардиши кишоварзӣ баровардани заминҳо, инчунин омилҳои тағйирёбии иқлим алоқаманд мебошад».

Вобаста ба кам кардани хатарҳои экологӣ, истифодаи заминҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва рушди устувори соҳаи кишоварзии кишвар дар Старатегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 чунин вазифаҳо пешбинӣ шудааст:

– «...тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи пешгирикунандаи бахши кишоварзӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар;

– баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот;

– таҷдид ва барқарор намудани инфрасохтори обёрӣ ва ҷорӣ кардани технологияи обёрии муосири сарфакунандаи неруи барқ.

– таҳия ва паҳнкунии Кодекси ҳифзи табиат, механизмҳои мутобиқат ба тағйирёбии иқлим бо васеъ намудани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар ин самт».

Дар самти дастрасӣ ба ҳадафҳои Старатегияи миллии рушди ҶТ таҳияи комплекси механизмҳои аз ҷиҳати экологӣ истифодаи бехатари заминҳои кишоварзиро зарур мешуморем, ки дар худ ҳавасмандгардонии иқтисодиро ҳамчун фишангҳои қавӣ барои ҳавасмандгардонии заминистифодабарандагон ба истифодаи самаранок ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ инъикос намудааст.

Ин воситаҳо ба тадбирҳои таъсиррасонии иқтисодӣ, ки ба тағйир додани вазъи молиявию амволии субъекти истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ бо мақсади баробар кардани номутавозунии байни бехатарии экологии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва самаранокии иқтисодии он равона шудаанд.

Муносибати хавфнок ба таъмини бехатарии экологии истифодаи захираҳои замин нигаронида шуда, муайян намудани хатару таҳдидҳо, имкониятҳо ва потенсиалҳо, ташаккули системаи таснифотии нишондиҳандаҳои назоратшавандаро дар бар гирифта, ба андешидани тадбирҳои дахлдор, ки ба безараргардонӣ ё кам кардани хавфҳо нигаронида шудаанд, равона гардидааст.

Моҳияти хатари истифодаи замин дар мавҷудияти объективии тағйироти манфии имконпазир метавонад боиси оқибатҳои аз ҷиҳати экологӣ хатарнок, ки истифодаи самарабахши заминро дар истеҳсолоти кишоварзӣ маҳдуд ё истисно намуда, талафоти мустақим, хароҷоти иловагӣ ва тағйирот дар даромади истифодабарандагони заминҳои кишоварзиро ба бор меорад, ифода ёбад.

Хавфҳои экологӣ, ба андешаи мо, вақте ба вуҷуд меоянд, ки хатарҳои эҳтимолӣ бо назардошти дараҷаи осебпазирии кишоварзии муосир ба хатарҳои воқеӣ табдил меёбанд. Истифодаи заминҳои кишоварзӣ на танҳо бо хатарҳои истеҳсолии экологӣ, балки бо хатарҳои экстерналӣ (аз меъёри муайяншуда берун баромадан) рӯ ба рӯ мешавад (Расми 3.1.1.).

Хавфҳои экологии экстерналӣ ҳангоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ шароити берунии фаъолияти кишоварзиро ташкил дода, бештар аз хусусиятҳои соҳавии таърихан муқарраршудаи минтақа вобастаанд. Фаъол шудани шароитҳои манфӣ дар раванди истеҳсол ва истифодаи захираҳои замин боиси зиёд шудани ҳассосият ва осебпазирии фаъолияти кишоварзӣ гашта, рушди устувори агроэкосистемаҳоро коҳиш медиҳад.




**Расми 3.1.1. - Хатарҳои экстерналии экологӣ дар раванди истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳангоми коҳиш ёфтани хатарҳои экологии экстерналӣ дар истифодаи захираҳои замин, масъулияти субъектҳои соҳибкорӣ ва истифодабарандагони замин баланд бардошта шуда, таъсири манфии экстерналии онҳо дар соҳаи кишоварзӣ коҳиш дода мешавад. Ин танҳо дар сурати назорати доимӣ ва назорати қатъӣ, инчунин ҷорӣ намудани муҷозот барои вайрон кардани талаботи ҳифзи муҳити зист имконпазир мебошад.

Истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз чандин омилҳо ба монанди: мавсимӣ будани соҳаи кишоварзӣ, муҳлатҳои равандҳои технологӣ, шароити обу ҳаво, иқлим ва махсусан тағйирёбандаи муҳити зист иборат мебошанд, ки зарурати

муайян намудани минтақаҳои эҳтимолии хатари экологиро дар раванди истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба миён меорад (Ҷадвали 3.1.1.).

**Ҷадвали 3.1.1. - Таснифи хавфҳои экологӣ дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

| ХАТАРНОКӢ | ОҚИБАТҲОИ МАНФӢ | ЗУҲУРИ ХАВФИ ЭКОЛОГӢ |
|---|---|---|
| Эрозия, деградатсия, шӯршавӣ, обхезӣ, хушкшавӣ. | Бад шудани сифати хок. Коҳиш ёфтани майдони заминҳои киштзор. | Кам шудани даромад аз сабаби поён рафтани ҳаҷми истеҳсолот. Кам шудани маблағгузорӣ барои барқарорсозии иқтидори мелиоративии заминҳо. |
| Ифлоснамой бо нуриҳои минералӣ. Ифлоснамоии пестисидҳо ва воситаҳои химиявӣ | Вайрон кардани мувозинати табиии моддаҳои гизой хок ва талафи хосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ. | Ҳаҷми ками маблағгузорӣ барои ба эътидол даровардани мувозинаи табиӣ ва ташаккули гумуси замин. Кам шудани хароҷоти ҷуброн барои нигоҳдории замин. |
| Бо машинахои хоҷагии қишлок фишурдани замин. | Кам кардани дурнамои парвариши маҳсулоти органикӣ | Ҳаҷми ками маблағгузорӣ барои тоза намудани обанборҳо ва заҳбуру заҳкашҳо. |
| Олудашавӣ бо сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ. | Аз даст додани гумуси замин дар натиҷаи таъсири инсон | Ҳаҷми ками маблағгузорӣ барои дарёфти воситаҳои алтернативии ҳифзи растаниҳо |
| Гирифтани замин барои рушди инфрасохтори кишоварзӣ. | Хароб шудани агроландшафтҳо | Ҳаҷми ками маблағгузорӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ |

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф*

Дар соҳаи кам кардани хавфҳои экологӣ ҳангоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ тадбирҳои пешгирию безараргардонӣ самаранок мебошанд, зеро ҳангоми нигоҳ доштани хавф дар як меъёри муайян имкон медиҳад, ки рушди устувории истифодаи заминҳои кишоварзӣ баланд бардошта шуда, зуҳури хатарҳои гуногун аз байн бурда шавад.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки самаранокии тадбирҳои андешидашуда оид ба кам кардани хавфи экологӣ бо роҳи муқоисаи талафот ва хароҷоти барои ҷуброни зарари ба муҳити зист расонидаи на танҳо заминистифодабарандагони алоҳида, балки тамоми ҷомеа зарур мебошад (Расми 3.1.2.).




**Расми 3.1.2. - Нақшаи раванди поён бурдани хавфи экологӣ дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Муайян намудани субъекти идоракунии кам кардани хавфҳои экологӣ дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро барорем:

– як қисми хавфҳои доир ба бахши кишоварзиро, ки паст шудани даромад аз ҳисоби коҳишёбии ҳосилнокии заминҳо марбутанд, худи субъектҳои хоҷагидор ба дӯш гирифта, ба воситаи татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ бояд ҷуброн намоянд;

– маблағгузорӣ барои барқарор кардани иқтидор ва мувозинати гумуси хок ва моддаҳои ғизоӣ, тоза кардани пасмондаҳои пестисидҳо аз ҳисоби буҷаи давлат, соҳибкорон ва АИО роҳандозӣ карда шавад;

– поён бурдани деградатсияи заминҳои кишоварзӣ, таҷдид ва азнавсозии хатҳои захбуру захкашҳои байнихоҷагӣ, доҳилихоҷагӣ ва амали намудани чорабиниҳои марбут ба он аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ, ҳаққи хизматрасонии об, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ амалӣ карда шаванд.

Тадбирҳои хусусиятҳои ҷубронкунии зарар бояд ҳангоми аз муомилоти кишоварзӣ баровардани заминҳо, иҷро накардани талаботи экологӣ, ба раванди деградатсия, танозул, шӯршавӣ, ба биёбоншавӣ расонидани заминҳо, маҳдуд кардани истифодаи нуриҳои минералӣ, вайрон намудани экосистемаҳои табиӣ, аз байн бурдани агроландшафтҳо бояд аз ҳисоби шахсе,

ки ин зарарро расондааст, амалӣ карда шавад. Назорати барқарор намудани онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бояд хуб ба роҳ монда шаванд.

Доираи салоҳияти механизми ҷуброни кам намудани хавфҳои экологии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ аз имкониятҳои зерин иборат аст:

– пешгирии ифлосшавии заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби дигар объектҳои иқтисодӣ бо мақсади муайян кардани субъектҳои таъсири экстерналӣ ва дар ин замина татбиқ намудани лоиҳаҳои муштараки ҳифзи муҳити зист;

– беҳтар кардани таъминоти молиявии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва дар ин замина ташкили фонди муштараки дар самти барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ;

– паст намудани хавфҳои умумии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ бо рушд додани фондҳои кафолатдиҳанда ва суғуртакунанда;

– ҳавасмандгардонии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва экологӣ дар раванди идоракунии истифодаи захираҳои замин ва коркарди зироатҳои кишоварзӣ тавассути кӯмаки давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак.

Механизми ҷуброннамоӣ бояд ба ҳама гуна субъектҳои соҳибкорӣ, новобаста аз ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ва заминаи хуби молиявӣ доштанашон мутобиқ карда шавад. Бояд гуфт, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ на ҳар як корхона қодир аст, ки истеҳсолотро танҳо аз ҳисоби имконоти молиявии худ ба роҳ монад. Фаъолияти корхонаҳое, ки дар асоси татбиқи технологияҳои инноватсионӣ истеҳсолотро ба роҳ мемонанд, консепсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи идоракунии экологиро дар истеҳсолот роҳандозӣ карда, вобаста ба вайрон нагардонидани экосистемаҳои табиӣ чораҷуӣ намуда, ҷуброни зарарро низ талаб менамоянд.[1] Ҳангоми

[1] Исайнов Х.Р. Инвестиции в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механзм их эколого-экономического использования / Х. Р. Исайнов, Ф. П. Арабов // Монография. – Душанбе: “Типография ТНУ”, 2021. – 192 с.

вазифагузорӣ ва муайян намудани меъёри зарар, истифодаи экологии заминҳои кишоварзиро хуб намуда, рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин менамояд. Махсусан, табдилдиҳии экологӣ шарти зарурӣ барои таъмини истифодаи бехатари заминҳои кишоварзӣ ва экосистемаи табиӣ ба ҳисоб меравад.

Дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ раванди татбиқ ва ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда кам ба назар мерасад. Чуноне ки таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисоди кишоварзӣ нишон медиҳад, рушди инноватсионӣ ҳамон вақт дуруст мебошад, ки агар дар соли ҳисобӣ 70% маҳсулоти он дар ифодаи пулӣ аз ҳисоби истеҳсолоти маҳсулоти хусусияти инноватсионидошта ба даст оварда шавад.[1] Ин нишондиҳандаҳо дар тамоми соҳаи кишоварзии кишвари мо ҳамагӣ 45%-ро ташкил медиҳад. Дар ин раванд истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикардаи кишоварзӣ низ аз аҳаммият холӣ нест. Барои мисол ин нишондиҳанда дар корхонаҳои соҳаи кишоварзии ИМА аз 50% зиёд мебошад.[2]

Масъалаи муҳим дар рушди идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар деҳот таъминоти иттилоотӣ, аз ҷумла таъминоти равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар мебошад. Бинобарин на дар маркази пойтахт, балки дар минтақаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, бояд роҳандозии инноватсия дар истеҳсолоти кишоварзӣ, марказҳои иттилоотӣ ва машваратӣ, маҳзанҳои интернетӣ ташкил ва роҳандозӣ карда шаванд. Ҳамзамон, маърифати кишоварзӣ ва илм бояд ба ниёзҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шуда бо ҳам мувофиқат карда шаванд.[3]

---

[1] Печатнова А.П. Инновационное развитие сельского хозяйства: проблемы и перспективы / Молодой ученый, 2014. – №4. – С. 427-429.

[2] Исайнов Ҳ.Р. Рушди инноватсионии зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон / Ҳ.Р. Исайнов, Ф.Ш. Муминов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации, 2021. – No 3(55). – P. 83-87.

[3] Арабов Ф.П. Механизм инвестиционного обеспечения сферы водопользования в сельском хозяйстве: от теории к практике / Ф.П. Арабов, С.Д. Гулбекова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет), 2020. – № 3(71). – С. 153-166.

Имрӯз натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва рушди илмӣ маҷмуи потенсиали имкониятҳо ба ҳисоб меравад, зеро истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ барои роҳандозӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва аз ҷиҳати экологӣ дар раванди истифодаи заминҳои кишоварзӣ бехатар аст, ҳавасманд мебошанд.

Дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ бояд мушкилотҳои зерине, ки хусусиятҳои технологӣ доранд ва маблағгузориро талаб менамоянд, ҳал карда шаванд:

– кам намудани иқтидори истифодаи қувваи барқ ва истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ;

– истифодаи комплексии захираҳои табиӣ ва ашёи хом;

– аз нав ба вуҷуд овардани моддаҳои органикии хок дар асоси мубодилаи моддаҳо дар байни соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ, инчунин коркарди моддаҳо дар агроландшафтҳо;

– пешгирӣ аз ифлосшавии химиявию бактериологии муҳити зист ва баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ.[1]

Мушкилоти асосии садди роҳи гузариши истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба принсипҳои рушди устувор ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар ҳосилнокии ками заминҳои кишоварзӣ ва даромаднокии ками он ба шумор меравад, ки боиси танҳо фаъолият кардан гашта, чорабиниҳои мелиоративӣ бинобар баланд будани фоизи қарзи бонкӣ газаронида намешавад. Бинобар ин, рушди босуботи идоракунии соҳаи кишоварзӣ ва самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ ба дастгирии воқеии молиявӣ дар асоси ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва дар якҷоягӣ роҳандозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ зарур мебошад.

Бояд қайд намуд, ки афзалияти ҳалли мушкилотҳои зерин дар ташаккули механизми самараноки ҷубронпулӣ муҳим мебошад:

---

[1] Третьяк А.М. Землеустроительное проектирование: эколого-ландшафтное землеустройство сельскохозяйственных предприятий: Учеб. пособие/А.М. Третьяк, В.М. Другак, Р.А. Третьяк, Л.А. Гунько. – К.: Аграр. наука, 2007. – 120 с.

– фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таҳияи раванди худташкилдиҳӣ дар татбиқи чобариниҳои мелиоративӣ;

– ташкили системаи муносиби танзими давлатӣ ва назорати равандҳои татбиқи ҷубронпулӣ бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаи мушаххас;

– таъмини шароити баробарии иқтисодӣ барои иҷрои барномаҳои экологӣ аз ҷониби субъектҳои заминистифодабарии кишоварзӣ дар асоси рақобат ва ҳамкорӣ;

– назорати татбиқи қонунгузорӣ дар самти вайрон намудани меъёрҳои истифодаи замин, ки ба бад шудани ҳолати мелиоративии он оварда мерасонад;

– назорати раванди партовҳо ба обҳое, ки барои обёрии заминҳо истифода мешаванд;

– танзими меъёрҳои андохтани нуриҳои органикӣ ба заминҳо, ки истифодаи он ба ҳолати мелиоративии замин таъсир мерасонад.

Вобаста ба ин ба мақсад мувофиқ аст, ки пардохтҳои ҷуброниро ба ду гурӯҳ ҷудо намоем:

Гурӯҳи якум, ҷуброни зарар бояд ҳангоми риоя накардани меъёрҳои мавҷудаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби заминистифодабарандагон, ки ба бад шудани ҳолати экологӣ ва мелиоративии онҳо оварда мерасонад, пардохти ҷуброн бояд ба татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ вобаста ба баланд бардоштани ҳолати экологии заминҳо ва муҳити зист аз ҷониби худи заминистифодабаранда бо назорати мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шавад. Дар ҳолати надоштани имкониятҳои молиявӣ замин аз дасти истифодабаранда гирифта шуда, чорабиниҳои мелиоративӣ дар он роҳандозӣ карда шуда, барои истифода ба корхонаҳои кишоварзӣ дода мешавад.

Гурӯҳи дуюми ҷубронпулӣ бо фаъол намудани ташаббуси хусусӣ оид ба татбиқи чорабиниҳои мелиоративии ҳифзи заминҳои кишоварзӣ бо роҳи тақсимоти уҳдадориҳо дар байни онҳо алоқаманд аст. Пардохтҳои ҷубронпулии навъи I бояд аз ҳисоби маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ

ва навъи II - аз ҳисоби манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ амалӣ карда шаванд.

Пардохти ҷубронпулӣ дар сурати гирифтани замин, нигоҳдории замин, омили муҳими механизми ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи ҳифзи ҳуқуқи заминдор ё иҷорагир мебошад. Аммо чунин пардохтҳои ҷубронпулӣ набояд аз нархи бозории ин заминҳо паст бошад ва шартҳои гирифтан ва ҳаҷми пардохти ҷуброн бояд дар сатҳи қонунгузорӣ дақиқ муайян карда шавад, то заминдорон аз амалиёти миёнаравон даромад нагиранд.

Бриндзя З.Ф. ва Стельмашчук Ю.А пешниҳод мекунанд, ки ҳангоми муқаррар намудани ҷуброн барои гирифтани қитъаҳои замин тамоми маблағи иҷора, ки ба баҳои муайяни қитъаи замин тасдиқ карда шудааст ва муҳлате, ки барои ҷуброни зарар зарур аст, ба асос гирифта шавад.[1] Ба андешаи онҳо, маблағи ҷуброн набояд аз пардохти қитъаҳои замин зиёд бошад.

Системаи механизмҳои ҷубронкунии навъи I нақши давлатро дар танзими ҷанбаҳои мушкили таъмини бехатарии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ муҳим ва ҳалкунанда медонад (Ҷадвали 3.1.2).

**Ҷадвали 3.1.2. - Системаи механизмҳои ҷубронкунии навъи I вобаста ба таъмини бехатарии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

| ЧОРАБИНИҲО | ШАКЛҲОИ ҶУБРОН | ВОСИТАҲОИ ИҚТИСОДӢ |
|---|---|---|
| Аз истифода гирифтани заминҳои ба деградатсия дучоршуда ва камҳосил барои коркард ва барқарор намудани ҳолати пешина. | Аз ҳисоби буҷаи давлат ҷуброни пурраи хароҷоти нигоҳдории замин дар ҳаҷми баҳои одилонаи пулии замин (ҳаҷми миёнаи байни меъёрҳо ва натиҷаи хулосаи эксперт). | Меъёри баҳодиҳии пулии қитъаи замин.<br><br>Баҳодиҳии экспертии қитъаи замин. |
| Муваққатан нигоҳ до-штани замини корам бо роҳи алафзоркунӣ. | Пардохти пурраи даромади аз даст додаи истифодабарандаи замин ҳангоми муваққатан гирифтани замин ба мақсади гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ. | Арзиши корҳо вобаста ба алафдаравӣ ва арзиши тухмӣ. |
| Тақсимоти шабакаҳои ҳимоякунандаи замин. | Ҷуброни зарар ҳангоми номусоид омадани ҳаво ва | Арзиши заминҳои корам, арзиши нигоҳдории ҳимояи замин. |

[1]Бриндзя З.Ф. Стратегия формирования экономических отношений в сельскохозяйственном землепользовании / С.Ф. Бриндзя, Ю.А. Стельмащук // Устойчивое развитие экономики: Всеукраинский научно-производственный журнал, – 2012. – № 3 (13). – С.160–164.

| | | |
|---|---|---|
| | нагирифтани ҳосил аз заминҳои лалмӣ. | |
| Зиёд кардани майдони заминҳои кишт бо нуриҳои органикӣ. | Ҷуброн барои арзиши нуриҳои органикӣ ба таври иловагӣ харидашуда ё арзиши иваз кардани манбаи алтернативии органикӣ. | Арзиши нуриҳои минералӣ. Арзиши коҳ ва корҳо вобаста ба шудгори заминҳои гандум. |
| Риояи мувозинати андохтани нуриҳои минералӣ ва кам кардани сарфи бештари азот. | Пардохти дотатсия барои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза. | Қимати нуриҳои азот, фосфор, калий ва арзиши комплексии он. |
| Даст кашидан аз истифодаи пестисидҳо. | Ҷуброни қисми хароҷот барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ. | Баланд бардоштани арзиши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, фармоиши давлатӣ. |
| Биологикунонии воситаҳои муҳофизати растанӣ. | Ҷуброни хароҷот барои андохтани нуриҳои минералӣ ва татбиқи чорабиниҳо вобаста ба нигоҳ доштани ҳолати экологии замин. | Арзиши воситаҳои биологӣ аз ҷиҳати экологӣ ҳимояти зироатҳо. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Асоси ҳавасмандгардонӣ ҳангоми фаъолгардонии пардохти ҷубронпулӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бояд ба натиҷаҳои ноилшуда нигаронида шавад, ки таҳияи меъёрҳои дахлдори арзёбии самаранокии тадбирҳои андешидашударо талаб менамояд (Ҷадвали 3.1.3).

**Ҷадвали 3.1.3. - Арзёбии самаранокии пардохтҳои ҷубронпулӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ**

| Чорабинӣ | Натиҷа | Арзёбии натиҷа |
|---|---|---|
| Тадбирҳо вобаста ба барқарор намудани сифати заминҳои кишоварзӣ. | Кам намудани майдони заминҳои таназзулёфта ва камҳосил дар сохтори заминҳои кишоварзӣ. | Паст шудани майдони заминҳои таназзулёфтаи зироатҳои кишоварзӣ ва талафоти экологии ҷамъият. |
| Тадбирҳо вобаста ба барқарор намудани ҳосилнокии биологии зироатҳои кишоварзӣ. | Баланд бардоштан ё нигоҳ доштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар сатҳи устувор. | Афзоиши ҳиссаи маҳсулоти зироаткорӣ дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ. |
| Тадбирҳо вобаста ба тоза намудани хокҳои ифлосшуда (биопрепаратҳо барои нест кардани ифлосшавӣ, фитомелиоратсия). | Кам кардани майдони заминҳои ба эрозия гирифторшуда ва зиёд намудани майдони заминҳои корам барои рушди заминдории органикӣ. | Паст шудани майдони заминҳои обёришавандаи корношоям дар майдони умумии заминҳои шудгор. |
| Тадбирҳо вобаста ба агролесомелиоратсия. | Баланд бардоштани рушди устувори агроэкосистема дар шароити тағйирёбии иқлим. | Поён рафтани хароҷот ва талафот аз хатарҳои табиӣ ва иқлимӣ. |
| Экологикунонии усулҳои истифодабарии заминҳои кишоварзӣ (таҷрибаи коркарди сифрӣ) | Истифодаи сарфакоронаи заминҳои кишоварзӣ, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷои намоёнро | Афзоиши шумораи хоҷагиҳои органикӣ ва ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар |

| | | |
|---|---|---|
| | дар бозори дохилӣ ишғол менамоянд. | маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ. |
| Технологияи азнавкунии усулҳои обёрии заминҳо, бо истифодаи обёрии қатрагӣ ва заҳкашҳои биологӣ. | Баланд бардоштани самаранок истифодабарии заминҳои обёришаванда ва заминҳои лалмии зироатҳои кишоварзӣ. | Нишондиҳандаҳои ҳосилнокии заминҳои обёришаванда ва лалмӣ. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Иттилоот барои фаъол намудани механизмҳои ҷуброни барқарор намудани хароҷот ва талафёфта асос буда, омили асосии назорат аз болои истифодаи бехатари заминҳои кишоварзӣ ва сарчашмаи ифлоснамоии он ба ҳисоб меравад. Мураккабии асосӣ ҳангоми фаъол намудани механизмҳои ҷуброни зарар дар асоси ташаббуси хусусӣ (механизми ҷубронии навъи II) дар он мебошад, ки мақсади асосии он кам намудани сарбории буҷети давлатӣ мебошад, бинобар ин манбаи асосии боэътимоди ҷубронӣ бояд муайян карда шавад. Нақшаҳои анъанавии ҷубронпулӣ пешниҳоди намудҳои гуногуни имтиёзҳоро пешбинӣ мекунанд, дар ҳоле ки ғайрианъанавӣ ҷуброни хароҷотро барои натиҷаи ба даст овардашуда ҷонибдорӣ мекунанд. Механизми ҷубронпулӣ ба пӯшонидани хароҷот ё фоидаи аз даст додашуда, ки ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ ва агроэкологӣ ва сарфаҷӯӣ ҳангоми кам кардани сарбории буҷетӣ, равона карда шудааст.

Нақшаи сохта шудани механизмҳои ҷубронпулии навъи II-ро метавон бо қиёс бо ташаккули фондҳои суғурта ташкил кард. Сабаб он аст, ки пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯи хусусияти худ бо ҷуброни зарар як қатор хусусиятҳои умумӣ доранд, вале онҳо танҳо дар сурате самаранок буда метавонанд, ки ҳодисаи таваккал аз ҷониби суғуртакунанда ва суғурташаванда аз ҷиҳати методологӣ муайян карда шуда, андозаи зарар муқаррар карда шавад. Тафовути асосӣ дар он аст, ки пардохтҳои суғуртавӣ ба ҳодисаҳои рӯхдода (гузашта, зарари воқеии расонидашуда) нигаронида шуда, аз рӯи андозаи маблағи суғурта маҳдуд карда мешаванд, дар сурате ки ҷуброни зарар ба пешгирии ҳодисаҳои манфии оянда нигаронида шудааст, муҳлат ва миқёси тадбирҳои муҳофизатӣ муқаррар намуда, имконияти якҷоя ҷорӣ намудани онҳоро пешбинӣ мекунанд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки фонди маблағи ҷамъшуда барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ-экологии замин, барқарор намудани ҳосилхезии замин ва ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсоли маҳсулоти зироаткорӣ истифода бурда шавад.

Муносибатҳои субъективӣ дар механизми бозор таъмини молиявиро дар асоси принсипи «ифлоскунанда мепардозад» дар назар доранд. Чунин механизмҳои ҷуброни зарар дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ду шакл васеъ истифода мешаванд: ифлоскунанда ба субъекти хоҷагидоре, ки тадбирҳои аҳаммияти иҷтимоиро татбиқ менамояд, ё корхонае, ки барои нигоҳ доштани ҳолати хуби амнияти экосистема манфиатдор аст, барои таъсири мусбати бадастоварда ба дигараш пардохт мекунад.[1]




**Расми 3.1.3. - Системаи механизмҳои ҷубронии навъи II.**
***Сарчашма:****таҳияи муаллиф*

[1] Купинец Л.Е. Экологизация продовольственного комплекса: теория, методология, механизмы [Текст]: монография/ Л.Е. Купинец; НАН Украины, Ин-т проблем рынка и экон. - экол. исследований. – О.: ИПРЭЭИ НАН Украины, 2010. – 711 с.

Меъёри фаъолсозии функсияи мотиватсионӣ ҳам натиҷаи чорабиниҳо оид ба ҳифз ва дубора истеҳсоли замин, яъне тағйир додани ҳолати сифатӣ ва ҳам ба даст овардани нишондиҳандаҳои пешбинишудаи талаботи бехатарии экологии маҳсулоти кишоварзӣ буда метавонад.

Дар сатҳи макро ва корхонаҳои алоҳида, рейтингҳое, ки дар асоси нишондиҳандаҳои эҳтимолии экологӣ ва иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ тартиб дода шудаанд, ба фаъол шудани заминаи ҳавасмандгардонӣ мусоидат мекунанд. Дар асоси муайян кардани нишондиҳандаҳои маҷмуӣ дар идоракунии бехатарии экологии заминҳои кишоварзӣ самтҳои суст рушдкунандаро ошкор намуда, афзалияти вазифаҳои ҳалшавандаро муайян кардан мумкин аст.

Дар асоси рейтинги субъектҳои заминистифодабарии кишоварзӣ, шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии заминҳои кишоварзӣ як навъ зерсистемаи «санҷиш» бояд ҳамчун системаи мураккаби нишондиҳандаҳо ташкил карда шавад, ки бо ёрии онҳо баҳодиҳии объективии бехатарии экологии заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи заминистифодабарандагони алоҳида, инчунин асоснокӣ, мувофиқаткунонӣ, сари вақт ва шаффоф будани қарорҳои идоракунӣ ба амал бароварда шавад. Чунин арзёбӣ санҷиши танзимшавандаи самти экологии идоракунӣ ва омодагӣ ба татбиқи чораҳои дахлдор оид ба кам кардани хатарҳои экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва тақсими масъулият барои натиҷаҳои экологӣ ва иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзиро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, тадбирҳои такрористеҳсоли заминҳо асосан ҳаҷми ҷуброни талафоти умумии таназзули онҳоро муайян мекунанд. Манбаъҳои маблағгузорӣ барои чорабиниҳо оид ба ҳифзи замин равонакардашуда имкон медиҳанд, ки иҷрои вазифаи экологӣ байни заминдорон, заминистифодабарандагон ва давлат бо мақсади дарёфти созиш бо дарназардошти манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ ҳангоми таъмини амнияти экологии заминҳои кишоварзӣ истифода бурда шавад.

Дар доираи ташаккули механизми идоракунии ҳавасмандгардонӣ ҳавасмандгардонии табдили экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад, ки механизмҳои ҷубронӣ ба ду намуд: ҷуброн аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷуброн аз манбаъҳои алтернативӣ (бозорӣ, хусусӣ) фаъол карда шаванд.

Ҳамин тариқ, иқтидори воқеии механизми ҷуброни хароҷоти субъектҳои хоҷагидор ҳангоми гузаштан ба технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза аз сабаби мавҷуд набудани механизми ҷуброни умумимиллӣ, ки заминаи молиявии он тавассути низоми интиқол пароканда шудааст, истифода намешавад.

Самтиояндадор, ба андешаи мо, фаъол гардонидани механизми ҷуброни бозор, муносибатҳои байнисубъективӣ мебошад, ки дар доираи он ба сарфаи назарраси маблағҳои буҷетӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бо харҷи камтарин ҳангоми гузаронидани тадбирҳо оид ба ҳифз ва такрористеҳсолӣ дар заминҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад. Нақшаи ҷуброни зарар дар миёни истифодабарандагони замин ва ифлоскунандаҳои беруна (корхонаҳои агарарӣ - саноатӣ, нақлиётҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ) бештар қобили қабул буда метавонад.

Истифодаи механизмҳои ҷуброни зарар барои дастгирии бехатарии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба инҳо мусоидат мекунад: ба тақсимоти самараноки маблағҳои буҷетӣ дар байни самтҳои татбиқи тадбирҳои ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, сарфаи маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби фаъолсозии ташаббуси хусусӣ ва татбиқи чорабиниҳои муҳофизатии хок, ба таври васеъ ҷорӣ намудани хусусиятҳои берунии истифодаи заминҳои кишоварзии дахлдор, нигоҳ доштани сатҳи зарурии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, васеъ намудани базаи ахборотӣ оид ба муҳофизати замин аз таназзулёбӣ бо роҳи назорати самаранокии он.

## 3.2. Самтҳои рушди механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ

Тоҷикистон дар масири таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ қарор дорад. Ҳадафҳои асосӣ ва стратегии кишвар бо таваҷҷуҳ ба таъмини амнияти ғизоӣ, амнияти энергетикӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ дар пайванд бо принсипҳои асосии консепсияи рушди устувор давра ба давра дар амал татбиқ мешаванд. Таъмини сатҳи баланди нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар муқоиса ба солҳои гузашта ва устувории тамоюли инкишофи иқтисоди миллӣ гувоҳи бевоситаи самаранокии сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати кишвар мебошад. Чуноне ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш хеле бамаврид зикр намудаанд, ки: "Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Аз ҷумла, соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд"[1].

Бо вуҷуди ин, дар заминаи расидан ба нишондиҳандаҳои муҳимтарини рушди устувори иқтисодӣ ҳанӯз мушкилоти зиёде ба чашм мерасанд. Яке аз мушкилоти муҳимтарини таъмини суботи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон ҳамоно таъмини амнияти ғизоӣ тавассути парвариш ва истеҳсоли маводи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 2022. – 17с.

ғизоии ватанӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишварзӣ, ба кор даровардани заминҳои бекорхобида, беҳдошти ҳолати экологии заминҳои корам ва дар маҷмуъ, таъмини худкифоии кулли аҳолии кишвр бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ боқӣ мемонад. Албатта, дар ин самт бояд таваҷҷуҳ кард, ки заминҳои кишоварзӣ ба мақсадҳои дигар истифода нашаванд[1].

Масъалаи тақсим кардан ва самаранок истифода бурдани замин, механизмҳои танзими давлатии истифодаи замин ва умуман муносибатҳои замин масъалаи муҳим ва хеле мураккаб мебошанд. Мушкилот аз он иборат аст, ки афзоиши шумораи истифодабарандагони замин аз давраи гузаштан ба бозор боиси тағйир ёфтани муносибатҳои заминдорӣ гардид. Дар баробари ин ба масъалаҳои муҳофизати замин, ба амал баровардани тадбирҳои масъулиятшиносӣ барои истифодаи оқилона ва самараноки замин, махсусан заминҳои корам ба қадри кифоя диққати ҷиддӣ дода намешавад. Гузашта аз ин, нақши давлат дар татбиқи вазифаҳои назоратӣ дар соҳаи сиёсати замин амалан ноаён ва камсамар гардидааст[2].

Замин захираи ивазнашаванда буда, онро ба осонӣ ва сарфакорона дубора коркард кардан мумкин нест. Аз ин рӯ, истифодаи замин дар кишварҳое мисли Тоҷикистон, ки 93%-и масоҳаташро кӯҳҳо ташкил менамоянд, бояд аз нигоҳи иқтисодӣ сарфакорона ба роҳ монда шавад. Ҳарчанд бо афзоиши шумораи аҳолӣ ва рушди инноватсионӣ масъулони масоили шаҳрдорӣ маҷбур мешаванд, ки истифодаи қисмате аз заминро тағйир диҳанд, аммо дар ин миён нигоҳ доштани мувозинат дар тағйири истифода аз он ногузир ба назар мерасад. Муҳим он аст, ки истифодаи заминҳои шаҳрӣ ва кишоварзӣ набояд бар суди як тараф ва зиёни тарафи дигар оварда расонад.

---

[1] Зиёев Б.С. Эффективность использования земельных ресурсов// Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «СИНО», 2014. – № 2/6 (144). – С.46-49.

[2] Комилов Н.Б. Механизмы привлечения финансовых ресурсов в системе землепользования сельского хозяйства Таджикистана//Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – Курган-Тюбе, 2017. – №1-3(47). – С.262-267.

Омори ғайрирасмӣ нишон медиҳад, ки ҳамасола ҳазорҳо гектар замини кишоварзӣ қурбонии тағйири истифодабарии замин мешавад. Дар байни сабабҳои муҳимтарини тағйир додани истифодаи заминҳои кишоварзӣ, хароҷоти баланди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади ками бахши кишоварзӣ дар муқоиса бо дигар фаъолиятҳо, бахусус соҳаи хизматрасонӣ, набудани ҳавасмандии кофии истифодабарандагони ин бахш ба ҳисоб меравад. Дар ин вазъият деҳқонон заминҳои худро партофта ба муҳоҷират рӯй меоваранд. Вобаста ба ин аҳаммияти идоракунии оқилонаи замин аз тарафи мақомоти давлатӣ амри муҳим ва зарурӣ ҳисобида мешавад[1].

Дар асоси гуфтаҳои боло танзими давлатии истифодаи захираҳои замин (истифодаи замин) маҷмӯи тадбирҳои ба ҳам алоқаманди ташкилию ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва дигар шаклҳо, усулҳои таъсиррасонӣ ба захираҳои замин ва заминистифодабарандагон мебошад, ки ба таъмини гуногунии замин нигаронида шудаанд ва баробарҳуқуқии шаклҳои моликият, оқилона ва самаранок истифода бурдан, нигоҳ доштан ва беҳтар намудани фонди замини мамлакатро тақозо менамояд[2].

Таҳлили таҷрибаи бисёр мамлакатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки маҳз худи давлат дар татбиқи барномаҳои стратегии ҳалли мушкилотҳои истифодаи замин нақши асосӣ мебозад. Сохторҳои танзими давлатии иқтисодиёт бо назардошти омӯзиши мунтазами ҳолати захираҳои замин ва вазъиятҳои дар системаи истифодаи замин баамаломада меъёр ва қоидаҳои самаранок истифода бурдани заминро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муайян мекунанд[3]. Дар баробари ин таносуби байнисоҳавии тақсимоти фоида барои истифодаи захираҳои замин ба назар гирифта мешавад. Ҳамин тариқ,

---

[1]Мухаббатов Х.М. Проблемы опустынивания горных экосистем Таджикистана//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2017. – №2/5(1). – С.60-63.

[2] Исмаилов Ш.М. Совершенствование земельного законодательства в условиях рыночной экономики в Республике Таджикистан//Ленинградский юридический журнал. – СПб., 2008. – № 1. – С.84-97.

[3]Латипов М.Х., Белова А.В. Современное состояние земельной реформы Республики Таджикистан // В сборнике: Землеустройство, кадастр недвижимости и мониторинг земельных ресурсов. Материалы международной научно-практической конференции. Под общей редакцией Л.О. Григорьевой. Улан-Удэ, 2021. – С. 163-167.;

дар кишварҳое, ки ҷангалзорҳои азим доранд, меъёрҳои қатъии ҷудо кардани ҷангал ва қитъаҳои кишоварзӣ муқаррар карда шудаанд. Дар кишварҳое, ки қисмати зиёдашон кӯҳистон аст, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие мавҷуданд, ки механизмҳои азхудкунии заминҳои навро барои истифодаи кишоварзӣ муайян мекунанд.

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 3.2.1 дида мешавад, тағйирот дар фонди заминҳои кишоварзӣ дар 2 даҳсолаи охир ба назар мерасад, заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар соли 2000 743108 гектар заминро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 672609 гектар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 70499 гектар кам мебошад. Ин тамоил дар заминҳои обӣ низ дида шуда, танҳо дар ин давра 38197 гектар замин аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст.

**Ҷадвали 3.2.1. - Динамикаи тағйироти намуди заминҳои кишоварзӣ дар марзи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | Намуди заминҳо | 2000 | | 2010 | | 2015 | | 2020 | | 2022 | | 2022 /2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | (га) | % | (га) | % | (га) | % | (га) | % | (га) | % | % |
| 1 | Замини корам-ҳамагӣ | 743108 | 4,0 | 701856 | 4,2 | 666668 | 4,7 | 674609 | 4,7 | 672609 | 4,7 | 90,51 |
| | аз ҷумла обӣ | 509390 | 63,1 | 488869 | 65,7 | 464598 | 61,7 | 471087 | 61,8 | 471193 | 61,6 | 92,50 |
| 2 | Дарахтони бисёрсола | 101811 | 0,7 | 109671 | 0,7 | 143779 | 1 | 159112 | 1,1 | 161231 | 1,1 | 158,36 |
| | аз ҷумла обӣ | 77660 | 10,1 | 85004 | 11,4 | 111459 | 14,8 | 122424 | 16,0 | 123753 | 16,2 | 159,35 |
| 3 | Замини партов-ҳамагӣ | 17092 | 0,25 | 31953 | 0,22 | 31027 | 0,2 | 22055 | 0,1 | 21120 | 0,1 | 123,57 |
| | аз ҷумла обӣ | 7562 | 0,9 | 24335 | 3,27 | 26262 | 3,5 | 18658 | 2,4 | 18089 | 2,3 | 2,3 мар. |
| 4 | Алафдарав-ҳамагӣ | 23750 | 0,18 | 21264 | 0,15 | 20151 | 0,1 | 18514 | 0,1 | 18824 | 0,1 | 79,26 |
| | аз ҷумла обӣ | 915 | 0,14 | 1241 | 0,17 | 1428 | 0,2 | 1428 | 0,1 | 1428 | 0,1 | 156,07 |
| 5 | Чарогоҳ -ҳамагӣ | 3681909 | 26,0 | 3854742 | 27,0 | 3823112 | 27,1 | 3832161 | 27,1 | 3830626 | 27,0 | 104,04 |
| | аз ҷумла обӣ | 285 | 0,1 | 3623 | 0,4 | 3854 | 0,5 | 3755 | 0,4 | 3729 | 0,4 | 13,0 мар |
| 6 | Замини кишоварзӣ | 4567667 | 0 | 4719486 | 33,1 | 4684737 | 33 | 4706451 | 33,3 | 4704410 | 33,2 | 102,99 |
| | аз ҷумла обӣ | 598378 | 0 | 603072 | 81,1 | 607601 | 80,7 | 617352 | 81 | 618192 | 80,9 | 103,31 |
| 7 | Заминҳое, ки дар даври сохтмони мелиоративӣ қарор дорад | - | - | 2692 | 0 | 2692 | 0 | 2686 | 0,02 | 2686 | 0,02 | 0 |
| 8 | Замини наздиҳавлигӣ | 178688 | 1,2 | 181508 | 1,2 | 209996 | 1,5 | 214073 | 1,5 | 215204 | 1,5 | 120,44 |
| | аз ҷумла обӣ | 109227 | 13,4 | 100936 | 13,5 | 106358 | 14,1 | 106592 | 13,9 | 107489 | 14,0 | 98,41 |
| 9 | Замини х/ё шахсии шаҳрвандон-ҳамагӣ | - | - | 61306 | 0,4 | 59809 | 0,4 | 59005 | 0,4 | 58850 | 0,4 | 0 |
| | аз ҷумла обӣ | - | - | 33907 | 4,5 | 33191 | 4,4 | 32930 | 4,3 | 32912 | 4,3 | 0 |
| 10 | Ҷангалу буттазор-ҳамагӣ | - | - | 292306 | 3,9 | 291205 | 4 | 564040 | 3,9 | 563213 | 3,9 | 0 |
| | аз ҷумла обӣ | - | - | 5706 | 0,7 | 5376 | 0,7 | 5324 | 0,7 | 5337 | 0,7 | 0 |
| 11 | Дигар заминҳо-ҳамагӣ | 9509042 | | 8998099 | 61,2 | 8889246 | 60,9 | 8591652 | 60,7 | 8593544 | 60,7 | 0 |
| 12 | Дар ҷумҳурӣ-ҳамагӣ | 14255397 | 0 | 14255397 | 99,9 | 14137685 | 99,8 | 14137907 | 100,0 | 14137907 | 99,9 | 99,18 |
| | аз ҷумла обӣ | 707605 | 0 | 743621 | 100 | 752526 | 99,9 | 762198 | 100 | 763930 | 100,0 | 107,96 |
| ***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси:* | | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмӯаи оморӣ // Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе, 2022. – С.7-27-69. –354с. | | | | | | | | | | |

Дар ин давра бинобар сабаҳои гуногун дар фонди замин тағйиротҳои назаррас ба чашм расида, ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ хело бад шудааст, ки мо дар боби 2 инро баррасӣ карда будем. Сабаби тағйиротҳои заминҳои кишоварзӣ гуногун буда, чандин омилҳо метавонад ба он таъсири мусбат расонад.

Дар баробари ин хусусиятҳои хоси тавозуни байнисоҳавии таксимоти захираҳои заминро ба назар гирифтан зарур аст. Чунин фаҳмиши моҳият, сохтор ва таркиби системаи самараноки танзими экологӣ ва иқтисодии истифодаи замин, ки ба воқеияти иқтисоди муосир мувофиқат мекунад, дар расми 3.2.1 нишон дода шудааст.

Яке аз мушкилоти асосии истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзӣ дар шароити ҶТ тағйир додани таъиноти асосии онҳо ба шумор меравад. Он бо иртиботи мустақим бо масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ нақши муҳим дар дарки масоили истифодаи оқилонаи замин дар соҳаи кишоварзиро доро мебошад. Ин тағйиротҳо, аз як тараф, бо сабабҳои мухталифи ба ҳам печида таъсир гузоранд, аз ҷониби дигар, натиҷаҳои мухталиферо ба бор меоранд, ки боиси ба ҳам задани сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мегарданд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи сабабу оқибатҳои ин тағйиротҳо ва таҳлили робитаҳои байни онҳо хеле муҳим аст ва метавонад барои сиёсатмадорон ва банақшагирандагон дар ин соҳа роҳ кушояд[1].

Тадқиқоти мо бо ҳамин мақсад дар асоси усули моделсозии муодилаҳои сохторӣ ва ҳамгирошуда гузаронида шудааст. Воситаи ҷамъоварии маълумот саволнома аст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур сабабҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзиро метавон ба панҷ гурӯҳ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, техникӣ ва сиёсӣ-барномавӣ) тақсим кард ва таъсири онро ба се гурӯҳ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ) ҷудо кардан мумкин аст.

[1] Зиёев Б.С. Инвестиционная активность хозяйств в контексте решения проблем земле-пользования в горных регионах //Экономика: вчера, сегодня, завтра. –М, 2022. – Том 12, – №5А. -– С. 198-210.




**Расми 3.2.1. - Нақшаи сохтори танзими давлатии истифодабарии захираҳои замин дар КАС**
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Истифодаи ғайриоқилона ва ноустувори захираҳо дар асри 21 инсониятро бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ кардааст, бахусус дар робита ба се манбаи асосӣ: замин ва обу ҳаво, ки натиҷаи он коҳиши ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши камбизоатӣ ва бемориҳо аст. Бо дарназардошти дурнамои то 9 миллиард нафар афзудани аҳолии ҷаҳон то соли 2050 ин мушкил идома хоҳад ёфт ва дар сурати мавҷуд набудани роҳи ҳалли дурусти он инсоният ба мушкилоти васеътар дучор хоҳад шуд. Дар байни ин се манбаъ замин дар фаъолияти самараноки кишоварзӣ нақши муҳим доранд ва истифодаи ноустувори он фишорҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ ва иқтисодӣ ба бор меорад. Ин дар ҳолест, ки дар даҳсолаҳои охир ва ҳамзамон бо афзоиши аҳолӣ заминҳои ҳосилхез дар баъзе кишварҳо (аз ҷумла дар ҶТ) ба заминҳои шаҳрӣ, саноатӣ, роҳҳо, шуразаминҳо ва анборҳо табдил меёбанд[1].

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ пурсишнома бо ёриии саволномаҳо ва усулҳои мусоҳибаи рӯ ба рӯ ва мукотиба анҷом дода шудааст. Бо ин мақсад нахуст ҳангоми омӯзиши тадқиқоти амиқ ва муфассал ва сарчашмаҳои гуногун модели назариявии тадқиқот дар шакли расми 3.2.2 омода карда шуд.

Дар асоси ин модел, системаи тағйир додани истифодаи замини кишоварзӣ (системае, ки хатҳои сарҳадии ноустувор) метавонад ба ду зерсистема (ALCCs → ALCs) (ва ALCs → ALCEs) тақсим карда шавад (расми 3.2.2). Дар қисми миёнаи ин модел, намудҳои гуногуни истифодабарии замин, истифодаи ҳар кадоми онҳо метавонад нигоҳ дошта шавад ё ба дигараш табдил ёбад. Ин табдил ё тағйирот ба тағйирёбандаҳои гуногун (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, техникӣ ва технологӣ) (яъне нишондиҳандаҳо ё омилҳои зери низоми сабабҳо) ва таъсироти гуногун (иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ) чен карда шавад. Ниҳоят, тавре ки дар ин модел баррасӣ мешавад, ҳар як таъсири

[1] Хофизов Х.А., Ходиев Д.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты //Монография. – Душанбе, 2020. – С. 200.

тағйири истифодаи заминҳои кишоварзӣ метавонад омили нави тағйир додани истифодаи замин гардад.




**Расми 3.2.2. - Модели консептуалии тадқиқот**
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф*

Ҳадафи асосӣ – ошкор намудани муносибати байни сабабҳо ва оқибатҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, модели консептуалии дар боло зикршуда ҳамчун ду модели сохтории алоҳида бо мақсади санҷиш пешниҳод карда шуд. Модели якум фарзияи таъсири бевоситаи сабабу оқибатҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзиро аз ҳамдигар санҷидааст, ки дар расми 3.2.3 оварда шудааст. Модели дуюм, инчунин бо мақсади санҷиши фарзияи имконияти пешгӯӣ ва натиҷаи идоракунии бевоситаи таъсири тағйир додани истифодаи заминҳои кишоварзӣ тавассути сабабҳои онро инъикос менамояд (расми 3.2.4.).




**Расми 3.2.3. Таъсири бевоситаи сабабу оқибастҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ**
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф*




**Расми 3.2.4. Натиҷаи идоракунии бевоситаи таъсири тағйир додани истифодаи заминҳои кишоварзӣ тавассути сабабҳои он**
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ҳар яке аз тағйирёбандаҳои ин ду модел дар ҷадвали 3.2.2 муайян карда шудаанд. Дар асоси модели якум, ду гурӯҳи сабабҳо (ALCCs) ва натиҷаҳои (ALCEs) тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ бевосита бо ҳам алоқамананд. Илова бар ин, зертағйирёбандаҳои ин сабабҳо ва натиҷаҳо низ таносуб доранд. Ба ибораи дигар, ҳар яке аз зерсабабҳо ва зертаъсирҳо низ бо ҳам алоқамананд. Мувофиқи модели дуюм, ҳар як аз панҷ сабабе, ки бо тағйир додани истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ муайян карда мешавад, ки боиси ба вуҷуд омадан ё пурзӯр шудани се таъсир - иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мегардад ва худи онҳо дар пешгӯии ин таъсирҳо нақши ҳалкунанда мебозанд.

Дар қадами навбатӣ бо мақсади чен кардани сабабу оқибатҳои дар боло зикршуда ва бо назардошти он ки ҳар яке аз ин сабабу оқибатҳо воқеан як навъи сохторест, ки шумораи моддаҳои ҳар як сохтори он дар ҷадвали 3.2.2. оварда шудааст.

Ниҳоят, пас аз тасдиқи ниҳоии бандҳо аз ҷониби коршиносон, 72 банди ниҳоӣ дар шакли саволнома тартиб дода шуда, пас аз санҷиши пешакӣ ва тағйирот ба онҳо барои пур кардани онҳо дода шуд, то андешаҳои коршиносон дар мавзуи тағйирёбии майдони заминҳои кишоварзӣ ҷамъ карда шавад. Дар пурсишнома аз ҳар як коршинос хоҳиш карда шуд, ки дар бораи таъсири ҳар як банд ба тағйирёбии заминҳои кишоварзӣ (дар ҳолати сабабҳо) ё

самаранокии ҳар як банди тағйирот дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар ҳолати таъсир) бо гузоштани баҳо аз 0 то 5 андешаи худро иброз дорад. Тартиби бетаъсир ё таъсирбахшӣ (0) ба самаранокӣ ва таъсири пурра (5) муайян шудааст. Коэффитсиенти ***Алфа Кронбах***, ки дар ҷадвали 3.2.2 зикр шудааст, эътимоднокии мувофиқи қисмҳои гуногуни воситаи тадқиқотро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3.2.2. Шумораи ададҳо ва коэффитсиенти Алфа Кронбах аз ҳар яке аз сабабҳо ва таъсири тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

| № | Гурӯҳи тағйирёбанда | Рамз | Шумора | Коэффитсиенти Алфа Кронбах |
|---|---|---|---|---|
| **Сабабҳо** | | | | |
| **1** | Иқтисодӣ | EcoC | 9 | 0,801 |
| **2** | Иҷтимоӣ | SociC | 13 | 0,809 |
| **3** | Экологӣ | EnviC | 6 | 0,802 |
| **4** | Сиёсӣ ва барномаҳо | PoliC | 14 | 0,847 |
| **5** | Техникӣ | TechC | 7 | 0/745 |
| **Оқибатҳо** | | | | |
| **6** | Иқтисодӣ | ЭкоЭ | 6 | 0,727 |
| **7** | Иҷтимоӣ | SociE | 9 | 0,864 |
| **8** | Экологӣ | EnviE | 8 | 0,913 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҷамъияти мавриди ҳадафи ин пажӯҳиш коршиносоне буданд, ки дар соли 2022 дар созмон ва идораи заминҳои кишоварзии кишвар кор мекарданд. Теъдоди умумии ин афрод 112 нафарро ташкил дод. Ҳамагӣ 98 - тои ин саволномаҳо пур карда, баргардонида шуданд. Барои таҳлили маълумот усулҳои таҳлили матритсаи коррелятсионӣ, моделсозии муодилаи сохторӣ ва моделҳои нишондиҳандаи сабабҳо (моделҳои MIMIC) истифода шуданд.

Ҷадвали 3.2.3 матритсаи таносуби байни сабабҳо ва оқибатҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзиро нишон медиҳад. Санҷиш ва таҳлили ин матритса натиҷаҳои зеринро инъикос менамояд:

1. Тавре ки мушоҳида мешавад, ҳамаи коэффитсиентҳои коррелятсия аҳаммиятнок шуданд. Ба ибораи дигар, таносуби қисман ё дуҷонибаи байни сабабҳо ва натиҷаҳо бо 95% эътимоди оморӣ тасдиқ карда шудааст.

2. Сабабҳои иқтисодӣ ва сабабҳои техникӣ таносуби баландтарин доранд (r=0,58; P=0,00). Ин ду сабаб бо оқибатҳои иҷтимоӣ алоқамандии бештар доранд (r=0,52, P=0,00). Сабабҳои иҷтимоӣ пас аз сабабҳои иқтисодӣ бо

сабабҳои сиёсӣ (r=0,48; P = 0,00) иртиботи бештар доранд. Он низ (сабабҳои сиёсӣ) бо оқибатҳои иҷтимоӣ алоқамандии бештар дорад (r = 0,40; P = 0,00).

3. Умуман, дар байни омилҳо, омилҳои техникӣ бо сабабҳои дигар бо коэффитсиенти миёнаи коррелятсия 0,55 таносуби баландтарин доранд. Ин дар ҳолест, ки таносуби баландтарин бо таъсирот, дар байни сабабҳо, ба сабабҳои иқтисодӣ алоқаманд аст (0,43).

4. Дар гурӯҳи таъсирҳо, тавре мушоҳида мешавад, таъсири иқтисодӣ бо сабабҳои иқтисодӣ (r=0,46, P=0,00) ва албатта техникӣ (r=0,40, P=0,00) таносуби нисбатан баланд дорад.

Ин таъсирот инчунин бо таъсири иҷтимоӣ (r=0,61, P=0,00) алоқамандии баланд доранд. Таъсири иҷтимоӣ дар баробари сабабҳои иқтисодӣ, бо сабабҳои иҷтимоӣ (r=0,62, P=0,00) ва таъсири иқтисодӣ робитаи баланд дорад (r =0,61, P=0,00). Инчунин, таъсири экологӣ бо сабабҳои экологӣ (r=0,36, P=0,00) таносуби муътадил дорад.

**Ҷадвали 3.2.3. - Матритсаи таносуби байни сабабҳо ва оқибатҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

| Омор | Рамз | A | B | VIII | VII | VI | V | IV | IIII | II | I |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Зариби иртибот** | **I.** | 0,43 | 0,41 | 0,31 | 0,52 | 0,46 | 0,58 | 0,24 | 0,32 | 0,52 | 1,00 |
| | **II.** | 0,31 | 0,45 | 0,21 | 0,40 | 0,33 | 0,47 | 0,33 | 0,48 | 1,00 | 0,52 |
| | **III.** | 0,22 | 0,43 | 0,17 | 0,25 | 0,25 | 0,54 | 0,39 | 1,00 | 0,48 | 0,32 |
| | **IV.** | 0,32 | 0,39 | 0,36 | 0,33 | 0,28 | 0,62 | 1,00 | 0,39 | 0,33 | 0,24 |
| | **V.** | 0,37 | 0,55 | 0,28 | 0,43 | 0,40 | 1,00 | 0,62 | 0,54 | 0,47 | 0,58 |
| | **VI.** | 0,49 | 0,34 | 0,37 | 0,61 | 1,00 | 0,40 | 0,28 | 0,25 | 0,33 | 0,46 |
| | **VII.** | 0,59 | 0,39 | 0,57 | 1,00 | 0,61 | 0,43 | 0,33 | 0,25 | 0,40 | 0,52 |
| | **VIII.** | 0,47 | 0,27 | 1,00 | 0,57 | 0,37 | 0,28 | 0,36 | 0,17 | 0,21 | 0,31 |
| **Сатҳи маънодорӣ** | **I.** | - | - | | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,01 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| | **II.** | - | - | 0,02 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| | **III.** | - | - | 0,05 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,01 | 0,00 | 0,00 |
| | **IV.** | - | - | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| | **V.** | - | - | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,01 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| | **VI.** | - | - | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| | **VII.** | - | - | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| | **VIII.** | - | - | 0,00 | 0,05 | 0,02 | 0,00 | 0,05 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |

Эзоҳ: A – иртиботи миёнаи сабабҳо; B - иртиботи миёнаи оқибатҳо; I – EcoC; II – SociC; III – EnviC; IV – PoliC; V – TechC; VI – ЭкоЭ; VII –SociE; VIII – EnviE.
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

5. Умуман, дар байни таъсирот, таъсири иҷтимоӣ таносуби баландтарини миёна (0,39) бо сабабҳо ва таносуби миёнаи баландтарин бо дигар таъсиротро (0,59) дорад.

Сабабҳои техникӣ бо вазни қиёсии 0,68 дар байни сабабҳо гурӯҳи дуюми самаранок мебошанд. Ин гурӯҳи сабабҳо бо дигар сабабҳо таносуби баландтарин доранд, аз ин рӯ, идоракунии ин сабабҳо метавонад дар мубориза бо сабабҳои дигар хеле муассир бошад. Дар байни ин сабабҳо метавон набудани тарзи дурусти кишт, тақсим ва кам шудани замин, паст будани самаранокии усулҳои ҷории обёрӣ ва нокифоя будани мониторинги тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзиро қайд кардан мумкин аст.

Сабабҳои иҷтимоӣ, аз қабили таваҷҷуҳи ками насли нави деҳот ба кор дар бахши кишоварзӣ, ҷаззоб набудани бахши кишоварзӣ дар қиёс ба бахши саноат ва дигар бахшҳо ва тағйири тарзи зиндагии насли нав ба шумор меравaнд. Ин омилҳо боиси  тағйир додани истифодаи заминҳои соҳаи кишоварзӣ мегарданд. Ин гурӯҳи сабабҳо бо вазни қиёсии 0,64 гурӯҳи сеюми сабабҳои тағйир додани истифодаи заминҳои кишоварзӣ буд. Ин гуна сабабҳо дар дигар тадқиқотҳо ва минтақаҳо низ таъкид шудаанд. Ин сабабҳо бо сабабҳои дигар таносуби баланд ва таъсироти нисбатан муътадил доранд. Инчунин, сабабҳои экологӣ (аз қабили шӯршавӣ ва эрозияи хок, болоравии сатҳи обҳои зеризаминӣ, ҳодисаҳои экологӣ ба монанди хушксолӣ, обхезӣ, сармо ва тағйирёбии обу ҳаво ва иқлим), ки солҳои охир зуд-зуд ба амал меоянд. Ин сабабҳо бо  0,52 сарбории омилӣ гурӯҳи чаҳоруми сабабҳои тағйири истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар ҶТ мебошанд. Ҳарчанд ин сабабҳо на бо ҳама сабабҳои дигар, балки танҳо бо сабабҳои техникӣ таносуби баланд доранд. Сабабҳои сиёсӣ бо вазни қиёсии 0,49 заифтарин сабабҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ буданд.

Омори муттаҳидшудаи эътимоднокӣ, инчунин нишон медиҳад, ки сабабҳои ба модел дохилшуда тавонистанд беш аз 76% сабабҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзиро нишон диҳанд.

Ҳарчанд матритсаи дар боло зикршуда робитаи мутақобилаи ҳар як ҷуфти зерсабабҳо ва зертаъсирҳоро собит мекунад ва дорои маълумоти муфид аст, аммо дар ҷаҳони воқеӣ ҳар яке аз сабабҳо ва оқибатҳои дар боло зикршуда метавонанд дар наздикии сабабҳо ва оқибатҳои дигар амал кунанд. Аз ин рӯ, бояд дид, ки оё дар чунин шароит робитаи байни сабабҳо ва натиҷаҳо нигоҳ дошта мешавад ё не. Барои ин модели сохтории расми 3.2.4. тарҳрезӣ ва санҷида шуд. Моделҳои муодилаи сохторӣ, бар хилофи усулҳои муқаррарии оморӣ, ба муҳаққиқон барои кам кардани хатогиҳои андозагирӣ дар баробари баррасии муносибатҳои байни тағйирёбандаҳо кумак мерасонанд ва дар натиҷа онҳо дақиқии баландтар доранд.

Барои таҳлили модели муҷаҳҳазшуда, пеш аз ҳама, мувофиқати меъёрҳои модели баррасишавандаро муайян кардан лозим аст. Ҷадвали 3.3.4 меъёрҳои мувофиқи ҳам барои моделҳои **ALCCE** ва ҳам **ALCs**-ро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 3.2.4. - Меъёрҳои мувофиқи моделҳои сохтории сабабҳо ва оқибатҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ**

| Модели ALCs | Модели ALCCE | Андозаи оптималӣ | Индекси мувофиқат |
|---|---|---|---|
| *11,48 (P = 0,321)* | 14,79 (P = 0,540) | P > 0,05 | Chi-Square |
| *10* | 16 | - | df |
| *0,040* | 0,000 | RMSEA<0,05 | RMSEA |
| *0,039* | 0,044 | SRMR<0,05 | Standardized RMR |
| *0,970* | 0,960 | GFI > 0,90 | Goodness of Fit Index (GFI) |
| *0,890* | 0,920 | AGFI > 0,90 | Adjusted GFI (AGFI) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 3.3.4 ҳар ду модел ба меъёрҳои оптималӣ мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, сохтори тахминии назариявӣ барои ҳар ду модел тасдиқ карда мешавад.




**Расми 3.2.5. - Арзишҳои стандартии омилҳои марбут ба модели ALCCE**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ин маънои онро дорад, ки моделҳои консептуалие, ки барои ин тадқиқот тарҳрезӣ шудаанд, инчунин бо маълумоти сохторӣ тасдиқ карда мешаванд. Дар расмҳои 3.2.5 ва 3.2.6 инчунин коэффитсиенти сохторӣ барои омилҳои дар ин моделҳо пешбинишуда нишон дода шудаанд.

Ҳоло, ки умумияти ҳар ду модел тасдиқ шудааст, пеш аз тафсири натиҷаҳои ин масъала бояд баҳо дод, ки оё моделҳои андозагирӣ ва сохторӣ аз нуқтаи назари оморӣ тасдиқ шудаанд ё не. Ба ибораи дигар, оё ин ду бахш эътибор ва эътимоднокии мувофиқ доранд? Ин арзёбӣ дар моделҳои муодилаи сохторӣ тавассути баррасии ду меъёр ё омор, **t** ва R2 анҷом дода мешавад. Дар асоси ҷадвали 3.2.5 ва мувофиқи арзишҳои ду омори **t** ва R2, тағйирёбандаҳои муайяншуда тавонистанд вазифаи андозагирии тағйирёбандаҳои пинҳоншударо хуб иҷро кунанд. Қиматҳои боркунии омилҳои стандартӣ (Ҷадвали 3.2.4) нишон медиҳанд, ки дар байни сабабҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ба гуфтаи коршиносон, сабабҳои иқтисодӣ (бо сарбории омили 0,81) омили асосӣ мебошанд. R2, ки ба ин тағйирёбанда алоқаманд аст, инчунин нишон медиҳад, ки 66% ковариатсияи умумии бо ин сабабҳо шарҳ додашуда ба модел дохил карда шудааст ва 34 % ковариянси

боқимонда ба таъсири ин тағйирёбанда ба омилҳо ё тағйирёбандаҳои дигар, ки ба модел дохил карда нашудаанд, алоқаманд аст.

**Ҷадвали 3.2.5. - Вазни қиёсии омилҳо ва меъёрҳои мувофиқат ё аҳаммияти онҳо дар бахши андозагирӣ**

| Тағйир-ёбандаҳои пинҳон | Тағйирёбан-даҳои ошкор | Вазни қиёсӣ | Хатогии стандартӣ | Омори t | $R^2$ | Эътимод-нокии P |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ALCCs** | EcoC | 0,81 | 0,34 | 8,28 | 0,66 | 0,768 |
| | SociC | 0,64 | 0,60 | 6,33 | 0,40 | |
| | PoliC | 0,49 | 0,76 | 4,63 | 0,24 | |
| | EnviC | 0,52 | 0,73 | 4,38 | 0,27 | |
| | TechC | 0,68 | 0,54 | 6,73 | 6,73 | |
| **ALCEs** | EcoES | 0,70 | 0,51 | 7,10 | 0,49 | 0,756 |
| | SociES | 0,87 | 0,24 | 9,19 | 0,76 | |
| | EnviES | 0,55 | 0,70 | 5,30 | 0,30 | |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ба ин гурӯҳ сабабҳо, аз қабили сатҳи пасти нархи маҳсулоти кишоварзӣ, устувории нархҳо ва боло рафтани нархи замин, муҳоҷират, бекории аҳолии деҳот ва коҳишёбии амнияти озуқаворӣи ҷомеа дохил шуданаш мумкин аст. Онҳо бо сабабҳои дигар, махсусан, аз тариқи сабабҳои иҷтимоию техникӣ худро нишон додаанд.

Оид ба таъсири тағйир додани истифодаи заминҳои кишоварзӣ, тавре ки дар ҷадвали 3.2.4 дида мешавад, таъсири муҳимтарин пеш аз ҳама таъсири иҷтимоӣ ва баъдан таъсири иқтисодӣ буданд (мутаносибан бо вазни қиёсии омилҳои 0,87 ва 0,70-и таъсири иҷтимоӣ). Дар назар аст, ки ин ҳолат ба кам шудани мардуми деҳот дар натиҷаи муҳоҷирати ҷавонон, таназзули иқтисодиву иҷтимоии деҳот, афзудани сатҳи камбизоатӣ ва коҳиши амнияти озуқаворӣи ҷомеа оварда мерасонад. Аҳаммияти ин таъсирҳо, махсусан, аз он иборат аст, ки ин гуруҳи таъсирҳо бо дигар таъсирҳо ва инчунин панҷ сабаби тағйирёбии истифодаи замин алоқаи баланд дорад. Оқибатҳои иқтисодӣ, баъди иҷтимоӣ гурӯҳи дуюми таъсироти барҷастаи тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мебошад. Ин таъсирот, ки кам шудани даромади хонаводаҳои деҳот аз кишоварзӣ, коҳиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрро дар бар мегиранд, инчунин бо дигар таъсирот ва сабабҳо, бахусус иқтисодӣ, иртиботи баланд доранд.

Ниҳоят, оқибати экологӣ, аз қабили коҳиши гуногунии биологӣ (камшавии намудҳои наботот ва ҳайвонот), зиёдшавии газҳои гулхонаӣ, баланд шудани ҳарорати минтақа, паст шудани сифати ҳаво, паст шудани миқдор ва сифати об аз ҷониби коршиносон таъкид шудааст[1]. Ин омил бо дигар таъсирҳо таносуби баланд дорад ва гарчанде ки онҳо бо сабабҳои дигар (ба истисної сабабҳои экологӣ) таносуби суст доранд, аммо азбаски ин таъсирот ҷанбаҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ доранд, мавриди таваҷҷуҳи хос мебошад. Аз ин рӯ, чунин таъсирот набояд хурд ва беаҳаммият ҳисобида шаванд. Аксари ин натиҷаҳо бо натиҷаҳое, ки дар таҳқиқоти мухталиф гузориш шудаанд, мувофиқат мекунанд[2].

Ҷадвали 3.2.6 коэффитсиентҳои сохторӣ, вазни қиёси омилҳо ва меъёрҳои мувофиқати андозагирии модели сохтории ALC-ро дар бар мегиранд. Тибқи ҷадвали 3.2.6 дар байни панҷ тағйирёбандаи пешгӯӣ танҳо ду тағйирёбанда - сабабҳои иқтисодӣ ва сабабҳои экологӣ - тавонистанд дар пешгӯии таъсири сегонаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ нақши оморӣ дошта бошанд. Ин таносуб, ки воқеан як муодилаи сохторӣ ва пешгӯии оқибатҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мебошад, нишон медиҳад, ки танҳо ду сабаб - иқтисодӣ ва экологӣ - қодиранд 42% ихтилофи се таъсирро шарҳ диҳанд.

**Ҷадвали 3.2.6. - Омилҳо, коэффитсиентҳои сохторӣ ва меъёрҳои мувофиқат ё аҳаммияти онҳо дар модели ALCs**

| Тағйир-ёбандаҳои пинҳон | Намуд | Тағйир-ёбандаҳо | Вазни қиёсӣ ва коэффитсиентҳои сохторӣ | Хатогии стандартӣ | Омори t | $R^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ALCs | Пешбинӣ | EcoC | 0,45 | 0,13 | 3,40 | |
| | | SociC | 0,13 | 0,11 | 0,16 | |
| | | PoliC | 0,60 | 0,09 | 0,63 | 0,42 |
| | | EnviC | 0,24 | 0,12 | 2,02 | |
| | | TechC | 0,04 | 0,14 | 0,31 | |
| | Ошкор | EcoES | 0,68 | 0,10 | 6,44 | 0,46 |
| | | SociES | 0,81 0,90 | 0,14 | 6,44 | 0,81 |
| | | EnviES | 0,61 | 0,62 | 5,32 | 0,38 |

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф*

---

[1] Шералиев Э.Н. Земельные отношения в аграрном секторе Таджикистана: прошлое, настоящее и будущее//Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. – М., 2010. – № 2. – С. 27-36.

[2] Шокирзода Н.И. Правовые основы землепользования и организация дехканских хозяйств в Республике Таджикистан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. – № 6. – С. 47-53.

Бо таваҷҷуҳ ба муҳосибаи анҷомшуда муодилаи пешбинии оқибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии тағйироти истифодабарии заминҳои кишоварзӣ шакли зеринро мегирад.

$$ALC_s=0.45*EcoC+0.13*EociC+0.62*Polic+0.24*EnviC+0.043*Tech, \quad Error\ var = 0.58$$

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| (0,13) | (0,11) | (0,098) | (0,12) | (0,14) | (0,17) |
| 3,40 | 1,16 | 0,63 | 2,02 | 0,31 | 3,40 |

$R^2 = 0,42$

Умуман, натиҷаҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки идоракунии сабабҳо ва натиҷаҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ равишеро тақозо мекунад, ки ба ҳар ду гурӯҳи сабабҳо ва натиҷаҳо эътибор дода шавад. Зеро, ки ин мушкилот характери системавӣ ва мураккаб дорад ва идоракунии он муносибати комплексиро талаб мекунад.

Ҳамин тавр, тағйир додани истифодаи заминҳои кишоварзӣ яке аз мушкилоти муҳими пешрафти инсоният буд ва ҳаст, ки ин тағйирот дар даҳсолаҳои охир оқибатҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологиро ба бор овардаанд. Пешгирии он ҳамеша яке аз мушкилоти асосӣ барои сиёсатмадорон ва масъулони давлатӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти мазкур нишон дод, ки сабабҳои тағйирёбии истифодаи заминҳои кишоварзиро метавон ба сабабҳои гуногун, аз қабили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ ва техникӣ тақсим кард, ки бо ҳамдигар робитаи мутақобила доранд. Аз муҳимтарин сабабҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои иқтисодӣ аст. Азбаски ин сабабҳо ба оқибатҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонанд ва аз тарафи дигар, бо сабабҳои дигар, бахусус, сабабҳои иҷтимоию техникӣ алоқамандии зич доранд ва сари вақт андешидани чораҳои пешгирии онҳо амри зарурӣ мебошад. Масалан, нархгузории дурусти маҳсулоти кишоварзӣ, рушди суғуртаи махсулоти кишоварзӣ ва суғуртаи экологӣ, муайян кардани навъҳои кишт ва ё ба ибораи дигар, таҳияи харитаҳои истифодаи замин бо мақсади пешгирии тағйир додани истифодабарии он аз ҷумлаи чораҳои муассир дар ин самт мебошанд.

Сабабҳои техникӣ гурӯҳи дуюми сабабҳои самарабахш буданд. Ин гурӯҳи сабабҳо бо дигар сабабҳо таносуби баландтарин доранд, аз ин рӯ, идоракунии ин сабабҳо метавонад дар мубориза бо сабабҳои дигар хеле таъсирнок бошад. Аҳаммияти баланди ин сабабҳо, алалхусус ба таносуби нисбатан баланди онҳо бо оқибатҳо, хусусан паёмадҳои иҷтимоию иқтисодии тағйироти истифодаи заминҳои кишоварзӣ бояд ба назар гирифта шавад. Муҳимтарини ин тадбирҳо таъмини сатҳи баланди механизатсия, рақамикунонии равандҳои истеҳсолот, истифодаи навовариҳои илмӣ ва амсоли он мебошад. Бешубҳа, ҳавасмандгардонии деҳқонон барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи об дар бахши кишоварзӣ, муҷаҳҳаз ва таҷдиди системаҳои обёрӣ, татбиқи сиёсатҳо дар самти ҳавасмандгардонии ҳамгирой ва истифодаи усулҳои муосири мониторинги заминҳои кишоварзӣ низ аз чораҳои муассир дар ин самт ба ҳисоб меравнд. Тавре зикр гардид, сабабҳои иҷтимоӣ бо сабабҳои дигар таносуби баланд ва бо таъсироти муътадил доранд. Аз ин рӯ, тавассути идоракунии ин сабабҳо метавон дар назорати (пешгирии) тағйироти истифодаи замин ба пешрафтҳое ноил гардид.

### 3.3. Ҷорисозии технологияи инноватсионӣ дар идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ

Рушди устувори комплекси агросаноатӣ ва соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ аз раванди ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад. «...Раванди инноватсионӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти бахши кишоварзӣ бояд ҳамчун системаи ягонае баррасӣ гардад, ки мубаддалшавии дастовардҳои илмиро ба технологияи самараноки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ифода намояд. Зеро имрӯзҳо дар раванди пешрафти таърихӣ илм ба як ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ, ба як қувваи

бузурги истеҳсолие табдил ёфтааст, ки ҳолат, дурнамо ва рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолотро муайян мекунад».[1]

Инноватсияи экологӣ бошад ин раванди таҳия ва татбиқи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкили истеҳсолот, аз қабили менеҷменти экологӣ, маркетинги экологӣ ва ғайраҳоро дар бар мегиранд. Натиҷаи татбиқи инноватсия дар идоракунии муҳити зист таъсироти иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба низоми заминистифодабарии интенсивӣ табдил наёфтааст, ки талаботи аҳолии минтақаҳои кишварро бо маводи озуқавории ватанӣ таъмин намояд, яъне истеҳсолоти мазкур дорои мушкилоти гуногуни ташкилӣ-иқтисодӣ, аз қабили фарсудашавии базаи моддию техникӣ, нарасидани нуриҳои минералӣ ва органикӣ, истифодаи нодурусти воситаҳои химиявӣ ва усулҳои биологии муҳофизати растаниҳо, тухмии хушсифат ва ғайра дучор гардидааст, ки ба рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуъ таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, истеҳсолоти кишоварзӣ, ба истеҳсолоте табдил ёфтааст, ки аксари хоҷагиҳояш хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва инфиродӣ мебошад. Ҳамчунин, нақши давлат дар идоракунии рушди зироаткории лалмӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ хеле заиф мебошад.[2]

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати кам кардани таъсири омилҳои номусоиди зикршуда дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки самтҳои зерини дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар самти таъминоти инноватсионӣ татбиқ карда шаванд:

– баланд бардоштани самаранокии рушди илмию комплекси агросаноатӣ;

---

[1] Ахмедов У.Х. Зарубежный опыт государственной поддержки сельского хозяйства / У.Х. Ахмедов, Н.Х. Шаропова // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. – Душанбе, 2020. – №3. – С.55-61.

[2] Исайнов Ҳ.Р. Рушди инноватсионии зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон / Ҳ.Р. Исайнов, Ф.Ш. Муминов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции, – 2021. – No 3(55). – Р. 83-87.

– суръатбахшии татбиқи дастовардҳои илм, техника ва таҷрибаи пешқадам дар истеҳсолоти кишоварзӣ;

– рушд ва такмили фаъолияти иттилоотӣ;

– дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ба мақсади барқарорсозии пардохтпазирии онҳо ва имконияти татбиқи фаъолияти инноватсионӣ;

– ташаккули механизми иқтисодии идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ;

– таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи беҳтар кардани сифати он;

– татбиқи технологияи захирасарфакунанда, таҷҳизоти техникӣ ва такмил додани соҳаи кишоварзӣ;

– таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– татбиқи агротехнологияҳое, ки ба даст овардани ҳосили баланд ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи маҳсулоти кишоварзиро таъмин мекунанд;

– баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмие, ки ҷиҳати ба вуҷуд овардани навъҳои нави рақобатпазир, воридотивазкунандаи зироатҳои кишоварзӣ, коркарди технологияҳои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, истифодаи усулҳои ҳамгиросозандаи мубориза бар зараррасонандаҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Вобаста ба ин аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар раванди таъминоти инноватсионии соҳаи кишоварзӣ корҳои назаррасе анҷом дода шудааст, ки яке аз онҳо қабули "Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" ба ҳисоб меравад.

Дар соҳаи растанипарварӣ равандҳои инноватсионӣ бояд ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшудаи растанипарварӣ дар асоси баланд бардоштани ҳосилнокии замин, афзоиши ҳосилнокии зироати кишоварзӣ, беҳтар кардани сифати маҳсулот, бартараф намудани ҷараёни таназзул ва

вайроншавии муҳити табиӣ, сарфаи захираҳои энергетикӣ, кам намудани вобастагии маҳсулнокии растанипарварӣ аз омилҳои табиӣ, баланд бардоштани истифодаи самараноки заминҳои обӣ ва бекорхобида, сарфа намудани хароҷоти меҳнатию моддӣ, нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани экологияи муҳити зист равона шаванд.[1]

Рушди истифодаи идоракунии экологии захираи заминҳои кишоварзӣ ба инноватсия такя менамояд, ки он сохтор ва низоми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзиро ба таври куллӣ тағйир дода, ба истеъмолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ намудҳои нави маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тозаро пешниҳод менамояд. Инчунин, таъминоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ ва демографии аҳолӣ иҷро гардида, барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд.

Бо назардошти ин, бояд механизмҳои таъминоти инноватсионӣ дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ кор карда баромадан лозим, ки рушди бехатарии экологии маҳсулоти кишоварзӣ ва раванди истеҳсоли онро таъмин намуда, рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзиро мустаҳкам намояд. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии аз ҷиҳати экологӣ тоза дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии замин, фароҳам овардани шароити мувофиқ барои ба даст овардани маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ буда, дар ин баробар барои ба таври назаррас кам кардани хароҷоти моддӣ, энергетикӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

Истеҳсоли зироатҳои муосир, истифодаи технологияҳои нави парвариши зироатҳоро тақозо мекунад, ки ба муътадилгардонии ғизои растанӣ мусоидат намуда ва ҳамзамон аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ фоидаовар мебошад. Яке аз роҳҳои ҳалли он дар технологияи дурусти истифодаи биопрепаратҳо бо нуриҳои органикӣ ва минералӣ ба ҳисоб меравад. Зеро истифодаи нодурусти нуриҳои менералӣ метавонад ба вайрон шудани

---

[1] Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. http://innovation.tj/documents/menu/ru/konsepsiya_ru.pdf.

қабатҳои хок оварда расонида, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва гумуси хок сабаб шавад. Ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ низ аз миқдор ва тарзи андохтани нуриҳои минералӣ ва органикӣ восбастагии калон дорад зеро норасои инҳо ва аз меъёр зиёд истифодаи онҳо ба сатҳи ҳосилхезии замин таъсир расонида метавонад. Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 3.3.1. дида мешавад, андохтани нуриҳои минералӣ дар соли 2021 ҳарчанд нисбат ба соли 1999 зиёд шуда, бошад ҳам ин нишондиҳанда дар ҳар як хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таври гуногун андохта мешавад.

**Ҷадвали 3.3.1. - Андохтани нуриҳои минералӣ ба кишти зироатҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** *(ба 1 га/кг)*

| Зироатҳо | 1999 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 1999 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нуриҳои минералӣ андохта шуд (ба ҳисоби 100% моддаҳои ғизодиҳанда) , аз он ҷумла | 90 | 117,4 | 133,8 | 124,2 | 141,8 | 136,9 | 140,4 | 119,59 |
| ба зироатҳои ғаладона | 78 | 90,9 | 98,7 | 86,0 | 98,0 | 89,9 | 96,8 | 106,49 |
| ба зироатҳои техникӣ | 95 | 134,6 | 165,0 | 146,7 | 181,1 | 179,1 | 172,6 | 128,23 |
| ба картошка | 242 | 303,1 | 247,7 | 231,7 | 165,1 | 171,3 | 246,3 | 81,26 |
| ба сабзавот | 138 | 125,0 | 160,9 | 135,7 | 181,3 | 172,8 | 164,6 | 131,68 |
| ба зироатҳоиполизии озуқаворӣ | 54 | 122,2 | 128,0 | 140,1 | 134,5 | 141,9 | 146,6 | 119,97 |
| ба зироатҳои хӯроки чорво | 62 | 59,1 | 64,9 | 67,3 | 73,8 | 83,9 | 90,9 | 153,81 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморй. АОНПҶ - 2022. – С. 34-35.

Андохтани пору ва дигар нуриҳои органикӣ ба зироатҳои кишоварзӣ таносуби пасту баландшавӣ дошта, дар қисмати зиёди аз зироатҳои кишоварзӣ меёъри онҳо хело кам мебошад (ҷадвали 3.3.2). Ин омил боиси паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мегардад.

Ба мақсад мувофиқ будани мувозинати ҳаҷми андохтани нуриҳои органикӣ ва минералӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо кумак менамояд, ки таҳлилҳои гузаронидаи мо дар самти таъсири ҳаҷми нуриҳои минералӣ ва органикӣ ба ҳосилнокии зироатҳо аз он шаҳодат медиҳад. Барои арзёбии ин таъсир мо усули таҳлили омилҳоро истифода бурдем.

Натиҷаи таҳлили омилҳо гузариш аз бисёр тағйирёбандаҳои аслӣ ба омилҳои тағйирёбандаи нав мебошад. Бо истифода аз усули таҳлили компонентҳои асосӣ, мо шумораи ҳадди ақали омилҳоеро муайян мекунем, ки ба фарқияти маълумот саҳми бештар доранд. Ин омилҳоро компонентҳои асосӣ меноманд.

**Ҷадвали 3.3.2. - Андохтани поруи органикӣ ба кишти зироатҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** ***(ба 1 га/тонн)***

| | **1999** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021 / 2016 бо%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Поруи органикӣ андохташуд, ҳамагӣ | 3,5 | 4,2 | 2,4 | 2,3 | 4,1 | 3,7 | 2,6 | 61,90 |
| аз он ҷумла | | | | | | | | |
| ба зироатҳои ғаладона | 4,7 | 7,0 | 4,8 | 5,6 | 3,6 | 4,1 | 3,8 | 54,29 |
| ба зироатҳои техникӣ | 3,1 | 0,7 | 0,5 | 0,4 | 1,3 | 1,3 | 1,1 | 157,14 |
| ба картошка | 12,7 | 8,7 | 7,1 | 4,4 | 8,9 | 8,5 | 4,2 | 48,28 |
| ба сабзавот | 8,8 | 4,9 | 3,1 | 3,8 | 4,9 | 4,1 | 2,0 | 40,82 |
| ба зироатҳоиполизии озуқаворӣ | 6,5 | 3,1 | 0,8 | 0,4 | 3,0 | 1,6 | 0,9 | 29,03 |
| ба зироатҳои хӯроки чорво | 5,1 | 2,9 | 2,8 | 5,2 | 7,6 | 6,9 | 5,0 | 172,41 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – С. 34-35.

Барои таҳлил маълумотҳои оморӣ барои соли 2021 оид ба ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ ва таъмини хок дар натиҷаи истифодаи нуриҳои органикӣ ва минералӣ истифода шуданд. Дар раванди таҳлил мо 7 нишондиҳандаҳои маҳсулоти кишоварзиро истифода бурдаем. Ҳосилнокии маҳсулоти асосии кишоварзӣ бо сентнер аз 1 гектр бо $\boldsymbol{y}$ ифода карда шудааст. Ҳосилнокии 6 нишондиҳандаи боқимондаи тағирёбандаҳои мустақил чунин мебошанд:

– $\boldsymbol{x_1}, \boldsymbol{x_2}$ ва $\boldsymbol{x_3}$– микдори нуриҳои органикии ба замин андохташуда, N, P, K, мутаносибан бо кг/га;

– $\boldsymbol{x_4}, \boldsymbol{x_5}$ ва $\boldsymbol{x_6}$– микдори нуриҳои минералии ба замин андохташуда, мутаносибан N, P, K, бо кг/га.

Тахмин кардан мумкин аст, ки дар байни ин нишондиҳандаҳо алоқамандии зиёди омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд падидаи бисёрколинеариро ба вуҷуд оваранд. Барои пешгирӣ кардани ин, ба ҷойи чунин маҷмуи нишондиҳандаҳо бо шумораи камтари нишондиҳандаҳои номутаносиби мавҷуда иваз карда мешавад (Ҷадвали 3.3.3.).

Тавре ки аз ҷадвали 3.3.3 дида мешавад, фарзияи мавҷудияти робитаи зич байни нишондиҳандаҳои алоҳида, ки ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд, тасдиқ шудааст. Аз ҷумла, дар байни ҳамаи нишондиҳандаҳо миқдори моддаҳои ғизодиҳӣ бо нуриҳои органикӣ андохташуда, инчунин дар байни ҳамаи нишондиҳандаҳои миқдори нуриҳои минералӣ вобастагии зич мавҷуд аст.

**Ҷадвали 3.3.3. - Матритсаи коррелятсионии вобастагии байни нишондиҳандаҳо**

| Нишонди-ҳандаҳо | $y$ | $x_1$ | $x_2$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $y$ | 1 | 0,64 | 0,64 | 0,64 | 0,23 | 0,41 | 0,62 |
| $x_1$ | - | 1 | 0,99 | 0,99 | 0,09 | – 0,1 | – 0,02 |
| $x_2$ | - | - | 1 | 0,98 | 0,09 | – 0,1 | 0,02 |
| $x_3$ | - | - | - | 1 | 0,09 | – 0,1 | – 0,02 |
| $x_4$ | - | - | - | - | 1 | 0,83 | 0,68 |
| $x_5$ | - | - | - | - | - | 1 | 0,93 |
| $x_6$ | - | - | - | - | - | - | 1 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Қадами навбатии тадқиқот кам кардани шумораи тағйирёбандаҳои мустақил ва ҷудо кардани ҷузъҳои асосие мебошад, ки механизмҳои сабабу оқибати афзоиши ҳосилро инъикос менамояд.

Таҳлили омилҳо бо усули ҷузъҳои асосӣ бо инверсияи минбаъдаи матритсаи сарбории ёфтшуда бо усули ***Варимакс*** гузаронида мешавад. Барои таҳлили оморӣ, мо бастаи барномаҳои ***Statistica-10*** - ро истифода мебарем.

Маълумоти ибтидоӣ пеш аз гузаронидани таҳлили оморӣ саравввал ба шароити стандартӣ оварда мешавад. Дар ин маврид шарте ба амал меояд, ки микдори зироатҳои кишоварзии таҳлилшаванда (11 зироат) назар ба миқдори тағйирёбандаҳои мустақил (6 зироат) 2-3 маротиба зиёд аст. Дар асоси 6

тағйирёбандаи мустақил, мо ҷадвали арзишҳои хусусии матритсаи коррелятсияро ҳисоб мекунем (Ҷадвали 3.3.4.).

Тавре ки аз ҷадвали 3.3.4 дида мешавад, ду компоненти аввал бадастовардашуда дар маҷмуъ 94,07% дисперсияҳои умумии тағйирёбандаҳои аслиро шарҳ медиҳанд, ки дараҷаи баланди омилҳоро нишон медиҳад. Инчунин, арзишҳои хоси ин компонентҳо аз 1 зиёданд, бинобар ин, ба ҷои якум гузоштани ду компоненти аввал одилона аст.

**Ҷадвали 3.3.4. - Арзишҳои хос ва ҷамъи дисперсияи компонентҳо**

| Рақами компонентҳо | Арзишҳои хос | Ҳиссаи умумии диспер-сия, % |
|---|---|---|
| 1 | 3,02 | 50,37 |
| 2 | 2,62 | 43,70 |
| 3 | 0,32 | 5,37 |
| 4 | 0,03 | 0,56 |
| 5 | 0,00 | 0,00 |
| 6 | 0,00 | 0,00 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Барои тасдиқи визуалии интихоби дурусти ҷузъҳои асосӣ, мо меъёри «каменистого обвала»-ро истифода мебарем. Мутобиқи ин меъёр дар графики (Расми 3.3.1.) қиматҳои хос, ки аз компоненти сеюм сар карда, хатти наздик ба хати рости параллел ба меҳвари ***x*** мавҷуд аст. Яъне ду компоненти аввал ба ҳосили зироат бештар таъсир мерасонад.




**Расми 3.3.1. Арзиши хоси компонентҳои асосӣ**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Барои тафсири ду компонентҳои асосии аввал, мо матритсаи сарбории омилҳоро ба ҷузъҳои асосӣ пешниҳод мекунем (Ҷадвали 3.3.5.). Ба компонентҳои асосии 1 нишондиҳандаҳои $\boldsymbol{x_1}, \boldsymbol{x_2}$ ва $\boldsymbol{x_3}$ ва компонентҳои 2 нишондиҳандаҳои $\boldsymbol{x_4}, \boldsymbol{x_5}$ ва $\boldsymbol{x_6}$ дохил мешаванд.

**Ҷадвали 3.3.5. Омилҳои сарборӣ дар асоси компонентҳои асосӣ**

| Нишондиҳанда | Сарбории истифоданашуда | | Сарбории истифодашуда бо методи Варимакс | |
|---|---|---|---|---|
| | Компонент 1 | Компонент 2 | Компонент 1 | Компонент 2 |
| $x_1$ | − 1 | − 0,09 | 1 | − 0,01 |
| $x_2$ | − 1 | − 0,09 | 1 | − 0,01 |
| $x_3$ | − 1 | − 0,09 | 1 | − 0,01 |
| $x_4$ | − 0,01 | − 0,9 | 0,1 | 0,98 |
| $x_5$ | 0,19 | − 0,97 | − 0,09 | 0,98 |
| $x_6$ | 0,11 | − 0,93 | − 0,02 | 0,93 |
| *Ҳиссаи фарқияти умумӣ, %* | 0,5 | 0,44 | 0,5 | 0,44 |

Аз муқоисаи омилҳои сарборӣ метован чунин хулоса баровард:

– компоненти якум бо ҳамаи нишондиҳандаҳое, ки миқдори N, P, K нуриҳои органикӣ ба хок ворид карда мешавад, зич алоқаманд аст;

– компоненти дуюм бо ҳамаи нишондиҳандаҳое, ки миқдори N, P, K нуриҳои минералӣ ба хок ворид карда мешавад, муносибати наздиктар дорад.

Пас аз кам кардани андоза ва ба даст овардани ду компоненти асосӣ, мо таҳлили таносуби тағйирёбандаи вобастагии ҳосили зироатҳои асосии кишоварзиро бо омилҳои бадастомада мегузаронем (Ҷадвали 3.3.6). Қимати баланд ва мусбати коэффитсиенти корреллатсия дар миёни ҳосилнокӣ ва компоненти аввал - **0,63** мебошад, ки аз дараҷаи назарраси таъсири **N, P, K** ҳангоми андохтани нуриҳои органикӣ ба ҳосилнокии зироатҳоро нишон медиҳад (Ҷадвали 3.3.6.).

**Ҷадвали 3.3.6. Корреллатсия байни тағйирёбандаи вобаста ва компонентҳои асосӣ**

| Номгӯй | Ҳосилнокӣ | Компонент 1 | Компонент 2 |
|---|---|---|---|
| Ҳосилнокӣ | 1 | 0,00 | 0,63 |
| Компонент 1 | - | 1 | 0,45 |
| Компонент 2 | - | - | 1 |

Барои арзёбии вобастагии ҳосилнокии навъҳои алоҳидаи зироатҳои кишоварзӣ аз андохтани моддаҳои ғизоӣ ба хок аз қабили нуриҳои органикӣ ва минералӣ, мо моделҳои эконометрикиро дар ҷадвали 3.3.6. нишон медиҳем.

Тавре ки аз натиҷаҳои модели овардашуда дида мешавад, ҳамаи коэффитсиентҳо барои тағйирёбандаи $x_2$ мусбат мебошад, ки таъсири мусбати нуриҳои минералиро ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нишон медиҳад.

Коэффитсиентҳои тағйирёбандаи $x_1$ барои модел аломатҳои гуногун доранд, ки таъсири мусбат ва манфии андохтани нуриҳои органикӣ барои зироатҳои кишоварзии муайянро нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 3.3.7. - Вобастагии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ аз андохтани нуриҳои органикӣ ва минералӣ ба замин**

| Навъҳои зироатҳои кишоварзӣ | Муодилаи регрессия, $x_1$– моддаҳои ғизоӣ аз нуриҳои органикӣ, кг/га, $x_2$– моддаҳои ғизоӣ аз нуриҳои минералӣ, кг/га |
|---|---|
| Зироатҳои ғалладона ва лӯбиёгӣ | $y = 26{,}99 - 4{,}93x_1 + 0{,}2x_2$ |
| Гандум | $y = 21{,}11 - 2{,}17x_1 + 0{,}18x_2$ |
| Ҷуворимакка барои дон | $y = 1{,}34 - 0{,}4x_1 + 0{,}47x_2$ |
| Картошка | $y = 174{,}56 - 6{,}78x_1 + 0{,}17x_2$ |
| Сабзавот | $y = 130{,}19 - 0{,}01x_1 + 0{,}47x_2$ |
| Шолӣ | $y = 27{,}99 - 4{,}93x_1 + 0{,}2x_2$ |
| Полезӣ | $y = 55{,}02 - 0{,}1x_1 + 0{,}14x_2$ |

Ин вазъият метавонад оқибати номутаносибии системаи нуриҳо аз ҷиҳати компонентҳои органикӣ ва минералиро ба бор оварад  ва ба миқдори нокифояи маводи ғизоӣ тавассути нуриҳои органикӣ, ки таъсири истифодаи онҳоро коҳиш медиҳад сабаб шавад.

Ҳамин тариқ, афзалиятҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, бояд пеш аз ҳама ба зиёд кардани истифодаи элементҳои органикӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, ки маҳз компоненти якумро ташкил медиҳанд, нигаронида шуда бошад. Дар натиҷа, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ метавонанд ба ҳосилнокии хеле беҳтари зироатҳо ноил шаванд ва

дар ин  баробар сатҳи таъсири антропогенӣ ба муҳити зистро коҳиш диҳанд. Ин ба раванди истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуда, рушди бехатарии экологии хоҷагидориро дар соҳаи кишоварзӣ таъмин менамояд.

Ҳарчанд, ки нуриҳои органикӣ талаботи зироатҳоро аз 30 то 50 % бо маводҳои ғизоӣ қонеъ мегардонад, пас манбаи асосии ғанӣ гардонидани гумуси хок ҳангоми истеҳсоли экологии маҳсулоти кишоварзӣ бояд нуриҳои органикӣ (пору, компост), пасмондаҳои растанӣ, поруи сабз, лубиёгӣ бошанд.

Таҳлилҳои гузаронида аз он шаҳодат медиҳад, ки парвариши сабзавот ва дигар зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла дар гармхонаҳо бо истифода аз технологияи инноватсионӣ имкон медиҳад, ки бо хароҷоти камтарин, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба даст оварда, нуриҳои органикӣ истеҳсол карда, бехатарии экологии хок таъмин карда шавад.

Барои татбиқи ин самтҳои рушди инноватсионӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамкории комплексии ҷузъҳои гуногуни сохтори идоракунӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи олимон П.Т. Саблюк ва О.В. Ходаковская,[1] дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ барои рушди инноватсионии истеҳсолоти экологии зироатҳои кишоварзӣ бояд дар самтҳои зерин амалӣ карда шавад:

- ҷорӣ намудани шаклҳои аз ҷиҳати экологии идоракунии равандҳои истеҳсолот, муҷаҳҳаз намудани системаҳои навтарини сарфакунандаи захираҳои мошину механизмҳо, истифодаи биотехнология ва технологияи компютерӣ чи дар раванди истеҳсолот ва чи дар соҳаи хизматрасонии он ба истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ;

- ташаккули сатҳи баланди сармояи инсонӣ (рушди одамон, таъмини саломати онҳо);

---

[1] Саблук П.Т., Ходаковская О.В. Экологизация агропромышленного производства – определяющая составляющая современной аграрной политики. Перспективы экологизации аграрного производства в Украине. Сб. науч. стир. – Киев: ННЦ ИАЭ. 2019. – 182 с.

- ташаккули нерӯи зеҳнӣ дар тамоми соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, ки қодир ба рушди инноватсияҳои экологӣ ва бевосита дар истеҳсолот ҷорӣ намудани маҳсулоти инноватсионӣ мебошад.

Таъсири иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ ва самаранокии ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ, дар самти аз ҷиҳати экологӣ истифодаи бехатари замини кишоварзӣ аз таъсири омилҳои мусбӣ ва манфӣ, инчунин ба ҷанбаҳои мотиватсионӣ вобаста аст. Омилҳои мусбии мотиватсионии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои ҷорӣ намудани навовариҳои экологӣ дар соҳаи истифодаи замин аз инҳо иборатанд:

– натиҷаи инноватсионии иҷтимоию иқтисодӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии аз ҷиҳати экологӣ тоза, аз ҷониби истифодабарандагони замин;

– натиҷаи иловагии иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ, ки аз кам кардани таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба ҷомеа ва муҳити зист, бо мақсади кам кардани талафоти минбаъда барои барқарорсозии нерӯи захираҳои табиӣ;

– натиҷаи иловагии иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ вобаста ба беҳтар намудани муҳити зист аз ҳисоби кам кардани таъсири харобиовари экологии шаклҳои кишоварзӣ, ки тағйиротҳои мусбиро дар муҳити зист ба амал меоварад;

– натиҷаи иловагии иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ, ки дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ки махсулоти онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазириро аз даст додаанд.

Омилҳои манфии мотиватсионии ҷорӣ намудани навовариҳои экологӣ дар соҳаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ инҳоянд:

– хароҷот барои татбиқи тадбирҳо дар самти истифодаи экологии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ;

– хароҷотҳои иловагӣ вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза;

– талафоти иловагии маҳсулот дар натиҷаи маҳдуд намудани истифодаи элементҳои кимиёвӣ дар ҷараёни истеҳсолот;

– ба даст наовардани ҳосил аз зироатҳо дар натиҷаи гузаштан ба истифода аз ҷиҳати экологӣ бехатари заминҳои кишоварзӣ (барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративии хусусӣ).

Ҳамаи ин омилҳо бо ҳам алоқаманд буда, ба тасаввуроти истифодабарандагони замин ба инноватсияи экологӣ таъсир мерасонанд. Дар зери таъсири онҳо таваҷӯҳи сохторҳои кишоварзӣ ба навоварӣ дар самти истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ташаккул меёбад (Расми 3.3.2.).




**Расми 3.3.2. - Таъсири мутақобилаи омилҳои таъсиррасонӣ дар раванди дарки инноватсияи экологӣ аз ҷониби истифодабарандагони замин**

***Сарчашма:****таҳияи муаллиф*

Ҳангоми интихоби фаъолияти ҳавасмандгардонӣ бояд диққати худро ба самтҳое равона кард, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо дар шароити муайяни иқтисодӣ нисбат ба дигарон баланд мебошанд. Дар баробари ин, системаи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ бояд ба ҷорӣ намудани инноватсияи экологӣ дар соҳаи истифодаи замини кишоварзӣ асос ёфта, рушди онро таъмин намояд.

Барои арзёбии самаранокии унсурҳои гуногуни сохторӣ дар соҳаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи маҳсулоти кишоварзӣ мо модели рушди инноватсионии соҳаи истифодаи экологии заминҳои кишоварзиро асоснок намудем (Расми 3.3.3.).




**Расми 3.3.3. Алгоритми рушди инноватсионии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Дар миёни омилҳое, ки садди роҳи татбиқи модели инноватсионии рушди истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, инҳо ба ҳисоб мераванд:

– имкониятҳои маҳдуди молиявӣ барои таъмини тадқиқоти илмӣ ва татбиқи коркардҳои инноватсионӣ дар самти устувори истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– номукаммалии системаи мавҷудаи ҳавасмандгардонии инноватсия дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза;

– номуайян будани самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи илмию технологии иқтисодиёти кишоварзӣ;

– номуайян будани мақомоти давлатӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи экологикунонии он;

– нокифоя будани субсидияҳои давлатӣ, сатҳи пасти сармоягузорӣ ва дастрасии маҳдуд ба қарз барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);

– истеҳсоли нокифояи маҳсулоти ватанӣ ва афзоиши воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, ки ба амнияти озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад ва ғизои кофии аҳолии кишварро таъмин мекунад ва ғ;

– паст шудани қобилияти харидории аҳолӣ;

– афзоиши тафовут дар нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ;

– норасоии манбаъҳои гардиш ва молиявӣ, бад шудани ҳолати заминаи моддию техникӣ;

– сатҳи пасти талабот ба пардохтпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти илмию техникӣ;

– инфрасохтори рушднаёфтаи бозор;

– шароити номусоиди обу ҳаво;

– набудани муҳофизати истеҳсолкунандагони ватанӣ аз воридоти хӯрокворӣ.

Барои расидан ба рушди инноватсионии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ҳалли вазифаҳои зерин зурур мебошад:

– таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи беҳтар кардани сифати он;

– кам кардани хароҷот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

– татбиқи технологияи захирасарфакунанда, таҷҳизоти техникӣ ва такмил додани соҳаи кишоварзӣ;

– таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ дар маҷмуи агросаноатӣ;

– дастгирии фаъолияти инноватсионии институтҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

– татбиқи агротехнологияҳое, ки ба даст овардани ҳосили баланд ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи маҳсулоти кишоварзиро таъмин мекунанд;

– баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмие, ки ҷиҳати ба вуҷуд овардани навъҳои нави рақобатпазир, воридотивазкунандаи зироатҳои кишоварзӣ, коркарди технологияҳои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, истифодаи усулҳои ҳамгиросозандаи мубориза бар зараррасонандаҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд;

– рушди биотехнология ва истифодаи дастовардҳои он дар маҷмуи агросаноатӣ;

– таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди маҷмуи агросаноатӣ.

Ҳамин тариқ, фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар самти истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ бояд ба таъмини иқтидори репродуктивии иқтидори захираҳои табиӣ ҳангоми ҷалби он ба муомилоти иқтисодӣ ва кам кардани таъсири манфии антропогенӣ ба муҳити зист равона карда шавад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад, пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани базаи зарурии молиявӣ ва инкишоф додани мотиватсияи машваратии фаъолияти экологии корхонаҳои кишоварзӣ зарур аст, ки ба кам кардани хароҷоти моддии истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, барои тағйир додани вазъият дар соҳаи истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани техникаи инноватсионӣ,

тадбирҳои куллӣ, фавқулодда бо назардошти шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, моддию техникӣ ва экологӣ дидан зарур аст.

**Хулоса ва пешниҳодҳои ба боби 3**

1. Дар заминаи ташаккули консепсияи муосири рушди истифодабарии экологии заминҳои кишоварзӣ сиёсати давлатии идоракунии минтақавӣ аз нуқтаи назари зерин баррасӣ мешавад:

– конститутсионӣ ва заминаҳои қонунгузорӣ;

– ҳамоҳангсозӣ, яъне ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ дар маҳалҳо, ки ба ноил шудан ба мақсадҳои умумии иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологӣ нигаронида шудаанд;

– ғайримарказикунонӣ: аз нав тақсим намудани ҳуқуқу ваколатҳои мақомоти марказӣ, васеъ намудани имкониятҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо дарки ба онҳо додани як қисми захираҳо ва тақсимоти натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар маҳал;

– танзими иқтисодии ҷараёни истифодаи замин: ситонидани ҳаққи истифодаи замин, иҷора, ҷуброни зарари аз вайрон кардани қонунгузории амалкунанда расонидашуда, ҳавасмандгардонии истифодаи оқилона ва ҳифзи замин;

– ҳифзи ҳуқуқи моликият ба замин;

– интихоби озоди шаклҳои моликият ва идораи замин, содда кардани татбиқи ҳуқуқи моликият ба замин ва фаъолият, ҳуқуқи шартномавӣ;

– алоқаи баръакс – мубодилаи доимии иттилоот байни объект ва субъекти идоракунӣ бо мақсади таъмини татбиқи самараноки истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ;

– модели инноватсионии рушд – сатҳи баланди технологии истифодаи экологии захираҳои замин, ки меъёри баланди сифати зиндагии мардумро таъмин намуда, дараҷаи бехатарии экологиро паст мекунад;

– дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти хоҷагидорӣ дар маҳалҳо, ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақобати нобаробар ва харобиовар,

карздиҳии имтиёзнок, субсидияҳо, муқаррар намудани меъёрҳои самарабахши муомилоти замин, муқаррар намудани маҳдудиятҳо, манъкуниҳо;

– барномакунонӣ, яъне истифодаи захираҳои замин мувофиқи стратегияҳои дарозмуддат, барномаҳои мақсаднок;

– афзалияти соҳаи кишоварзӣ дар заминҳои дорои ҳосилхезии беҳтарини хок;

– идоракунии маркетингӣ - ба бозор нигаронида ва истифода бурдани замин, ба нақша гирифтани ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва навъҳои он, назорат аз болои сифати замин ва маҳсулот.

Аз нигоҳи илмӣ принсипҳои афзалияти экология нисбат ба иқтисодиёт, «идоракунии суст», диверсификатсия, истифодаи имкониятҳои технологияи муосири иттилоотӣ, идоракунии ҳатмии замин, бақайдгирии қитъаҳои замин ва ҳуқуқ ба он, иттиҳодияи қитъаҳои замин, сикли пӯшида, истеҳсолӣ, ташкилотҳои кооперативии истифодаи замин, бартарии зиёд доранд.

2. Омили муҳими рушди иқтисодӣ-экологии истифодаи замин, баланд бардоштани рақобатпазирии он пешрафти донишҳо мебошад, ки тавассути институтсионалии системавии ҳавасмандкунӣ, дастгирӣ ва интиқоли инноватсия амалӣ карда мешавад. Дастгирии институтсионалии инноватсияҳои сершумор ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи самараноки онҳо бе шакли корпоративии ташкили тиҷорат, ки дар ҷаҳон самараноктарин аст, ғайриимкон мебошад. Ҷанбаи ташкилии институтсионалии рақобатпазирии истифодаи иқтисодӣ-экологии заминҳои кишоварзӣ, ки роҳи намунавии рушди иқтисодиро фароҳам меорад, аз вазъи сиёсати макроиқтисодии давлат, дастгирии инфрасохтори бозори замин, дастгирии давлатии корхонаҳои кишоварзӣ, истифодаи инноватсионии замин, технология, ташкили корпоративии истеҳсолот, фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ, ҳамкории ҳамаи марҳилаҳои раванди иқтисодӣ - истеҳсол - коркард - фурӯш - тақсимоти натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси истифодаи самараноки замин ва истеҳсолот, интеллектуалӣ, молиявӣ ва дигар захираҳо муайян карда мешавад.

3. Ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ба истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин аҳаммияти баланд бардоштани ҳосилхезии заминро ба зинаи нав мебардорад. Ба афзоиши хосилхезӣ чунин воситаҳо таъсир мерасонанд:

– ҳавасмандгардонии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ, ки фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани ҳосилхезии замин нигаронида шудааст;

– мониторинги ҳолати ҳосилхезии заминҳои корам ва назорати иҷрои тадбирҳои нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли ҳосилхезии замин;

– беҳтар намудани сохтори майдонҳои кишт бо мақсади таъмин намудани таносуби бе норасогии гумус дар хок;

– комплекси тадбирҳои мелиоративӣ;

– поён бурдани арзиши нуриҳои маъданӣ ва ҷорӣ намудани технологияи навтарини хоҷагидорӣ, ки ба шароит мутобиқ карда шудаанд.

4. Барои татбиқи самтҳои рушди инноватсионӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамкории комплексии ҷузъҳои гуногуни сохтори идоракунӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, коркарди технологияҳои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, истифодаи усулҳои ҳамгиросозандаи идоракуни инноватсионӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст.

# ХУЛОСА

1. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ, нишон доданд, ки дар адабиёти иқтисодӣ оид ба идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла оиди истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногун пешниҳод гардидааст, ки аз ҷониби муаллиф назарияи муосири идоракунӣ ва модели сохторӣ-мантиқии идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст, [1,9 - М].

2. Идоракунии экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар адабиёт ба таври гуногун инъикос ёфта, маънои ягонаи он вуҷуд надорад, бинобар ин ба ақидаи мо идоракунии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ фаъолияти ташкилии мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия оид ба таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи замин аз ҷониби ҳамаи субъектхои хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад, [5,13 - М].

3. Таҳлилҳо нишон доданд, ки рушди устувори истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз раванди самаранок идоракунии он вобастагӣ дорад. Баҳодиҳии кадастрии замин яке аз самтҳои идоракунии экологӣ-иқтисодии замин ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин усулҳои баҳодиҳии замин асоснок карда шудааст, ки истифодаи он дар амалия барои ҷалби сармоягузорон ва истифодаи самаранокӣ замин кумак мерасонад, [4 - М].

4. Қисми муҳими механизми идоракунии захираҳои замин, назорати давлатӣ вобаста ба истифода ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари дигар механизмҳои маъмурӣ, ҳавасмандии иқтисодӣ истифодабарнадагони заминҳои кишоварзӣ, ки чорабиниҳои мелиоративӣ дар заминҳои кишоварзӣ, истифодаи экологии замин, нигоҳ доштани агроландшафтҳо ва экосистемаҳо амалӣ менамоянд, дар шакли озод намудани онҳо аз пардохти андоз аз молу мулк ва андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда шавад, [5,9 - М].

5. Ҳоло дар мувозинаи идораҳои беҳдошти замин ва обёрӣ 110 адад чоҳҳои обёрикунанда ва 422 адад чоҳҳои мелиоративӣ рост меояд, ки 226 адади онҳо ё ин ки 63 % коршоям мебошад. Таъмири пойгоҳҳои обкашии

мелиоративӣ ба заҳбуру заҳкашҳо вобастакардашуда низ аз масъалаҳои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ба ҳисоб рафта, ҳангоми барқарор намудани иқтидори пурраи онҳо самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва рушди устувори соҳаи иқтисодӣ таъмин карда мешавад, [1,4 - М].

6. Сабаби дигари вайрон шудани пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ ба заҳбуру заҳкашҳо ҳаҷми ками маблағгузорӣ аз буҷаи давлатӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ ба шумор меравад, ки боиси баланд шудани деградатсияи замин, баланд шудани обҳои зеризаминӣ гашта, ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва рушди устувори ин соҳа монеа эҷод менамояд. Бинобар ин, роҳҳои ҷалби маблағгузорӣ барои таҷдид ва азнавсозии онҳо дар асоси ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ пайдо намуда, таъмири саривақтии онҳо ба роҳ монда шавад, [4,9,10 - М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Яке аз сабабҳои вайрон шудани шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагӣ бесоҳиб ва аз назорат дур мондани онҳо дар раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва тақсимоти заминҳои ба корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ мебошад. Бинобар ин, барои идора намудани онҳо баъди таъмири пурра ба мувозинати Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) супорида шаванд, то ки онҳо зери назорати ин Ассотсиатсияҳо ҳамасола дар асоси нақшаҳои пешакӣ сари вақт тоза ва таъмир карда шаванд, [4,13 - М].

2. Солҳои охир инфрасохтори хоҷагии об ва вазъияти мелиоративии заминҳои хоҷагии об бад шуда истодааст. Ба иллати равандҳои деградатсионӣ дар вилояти Хатлон, дар натиҷаи аз ҳад зиёд камшавии намнокии заминҳо аз гардиши кишоварзӣ бештар аз 6,0 ҳазор гектар замин бароварда шуд, ки аз он 2,8 ҳазор гектар бо сабаби вайрон кардани тартиботи обёрӣ ва корношоям шудани насосҳои обкашонӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ин тамоюл ба баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва инчунин шӯршавии заминҳои обёришаванда оварда расонидааст. Бинобар ин, бо истифода аз принсипи ба

сифр расонидани деградадсияи заминҳои кишоварзӣ истифода намуда, раванди деградатсияи заминҳоро коҳиш дода, технологияи коркари бехатари истифодаи замин ҷорӣ карда шавад, [9,12,13 - М].

3. Дар раванди омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ хулоса бароварда, қайд менамоем, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва пешбурди истеҳсоли маҳсулот бо технологияи инноватсионӣ, ҳифзи экологии истифодаи замин, рушди истеҳсоли соҳаи кишоварзӣ, бояд маҷмуи тадбирҳо оид ба танзими ташкилию иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд. Ин тадбирҳо дар доираи механизмҳои идоракунӣ аз қабили: молиявӣ-иқтисодӣ, ташкилию-техникӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-методӣ, ахборотӣ ва системаи баланд бардоштани дараҷаи касбияти кормандони соҳаи кишоварзӣ барои таъмини рушди устувори инноватсионии соҳаи кишоварзӣ, ба роҳ мондан зарур аст, [6,7,8,9 - М].

4. Дар заминаи ташаккули консепсияи муосири рушди экологӣ-иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ сиёсати давлатии идоракунии минтақавӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозӣ, инноватсионӣ, ғайримарказикунонӣ, идоракунӣ ва ғайраҳо мавриди баррасӣ бояд қарор гиранд. Аз нигоҳи илмӣ принсипҳои афзалияти экология нисбат ба иқтисодиёт, «идоракунии суст», диверсификатсия, истифодаи имкониятҳои технологияи муосири иттилоотӣ, идоракунии ҳатмии замин, бақайдгирии қитъаҳои замин ва ҳуқуқ ба он, иттиҳодияи қитъаҳои замин, сикли пӯшидаи истеҳсолӣ, ташкилотҳои кооперативии истифодаи замин, бартарии зиёд доранд, [1,3,6,7,9 - М].

5. Ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ба истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин аҳаммияти баланд бардоштани ҳосилхезии заминро ба зинаи нав мебардорад. Ба афзоиши хосилхезӣ чунин воситаҳо таъсир мерасонанд: ҳавасмандгардонии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ, ки фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани ҳосилхезии замин нигаронида шудааст; мониторинги ҳолати ҳосилхезии заминҳои корам ва назорати иҷрои

тадбирҳои нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли ҳосилхезии замин; беҳтар намудани сохтори майдонҳои кишт бо мақсади таъмин намудани таносуби бе норасогии гумус дар хок; комплекси тадбирҳои мелиоративӣ; паст фаровардани арзиши нуриҳои маъданӣ ва ҷорӣ намудани технологияи навтарини хоҷагидорӣ, ки ба шароит мутобиқ карда шудаанд, [14- М].

6. Барои татбиқи самтҳои рушди инноватсионӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамкории комплексии ҷузъҳои гуногуни сохтори идоракунӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, коркарди технологияҳои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии инноватсионии хок, истифодаи усулҳои ҳамгиросозандаи идоракуни инноватсионӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст, [3 - М].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ


1. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1902, аз 19.07.2022 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2022. – 42 с.

2. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашӣ-тадқиқотии «Фазо» – Душанбе, 2021. – С.8.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи заминсозӣ" Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1 қисми 2, мод. 21, аз 29.01.2021с., №1760. – Душанбе, 2021. – 13с.

